**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии**
**ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

**Душанбе - 2015**

***Маълумоти мухтасар:***

**Мавқеи ҷойгиршавӣ** :    вилояти Хатлон

**Таъсис дода шудааст:** 21.03. 1933

**Масоҳат:**  0,905   км. мур.

**Аҳолӣ  -  ҳамагӣ:** 179,9  ҳазор нафар

**Зичии аҳолӣ:** 169,2  нафар дар 1 $км^2$

**Маркази маъмурӣ**: шаҳраки С.Исоев

**Масофа:** Ҷ. румӣ – ш. Қурғонтеппа -32 км.

**Сохтори марзию маъмурӣ**:  2 шаҳрак, 6 ҷамоати деҳот ва 83 деҳа

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот** ..................................................................................

**Пешгуфтор** ..................................................................................

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ А.ҶОМӢ** ..................................

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** ..................................................................................
2.1 Соҳаи кишоварзӣ. ..................................................................................
2.2. Соҳаи саноат..................................................................................
2.3. Соҳибкории хурду миёна ..................................................................................
2.4. Сохтмон ..................................................................................

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** ..................................................................................
3.1. Соҳаи маориф..................................................................................
3.2. Соҳаи тандурустӣ..................................................................................
3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ..................................................................................
3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ..................................................................................
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ..................................................................................

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ..................................................................................
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) ..............
4.1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ..................................................................................
4.1.2. Хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) ..................................................................................
4.2. Таъмини барқ ва газ..................................................................................
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ..................................................................................
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ..................................................................................

**БОБИ 5. Бехатарии ҳифзи муҳити зист** ..................................................................................

**БОБИ 6. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО**.................

**БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ..................................................................................

**БОБИ 8. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ..................................

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи ¯. Балхӣ аз рӯи соҳаҳо**............

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АТ | Арзёбии таъсиррасон |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ барои солҳои 2016 - 2020 |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ВМ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ГК | Гуруҳи корӣ |
| ГТ | Гуруҳи ташаббускор |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КМС | Кумитаи меъморӣ ва сохтмон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИХД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СБСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013 -2015 |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсол |

**БИНИШИ НОҲИЯИ Ҷ. БАЛХӢ**
**(ТАССАВВУРОТИ ОЯНДАИ НОҲИЯ)**

**Ноҳияи Ҷ. Балхӣ – яке аз ноҳияҳои аз ҷиҳати инфрасохтор ва хизматрасонӣ пешрафта, бо истифодаи самарабахши захираҳои мавҷуда ва ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ соҳаҳои комплекси агросаноатӣ тараққи ёфта, дорои фазои мӯътадилу мусоид барои рушди соҳибкорӣ мебошад, ки барои беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ заминаи устувор гузоштааст.**

## П Е Ш Г У Ф Т О Р

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷалолиддин Балхӣ барои солҳои 2016-2020 (минбаъд Барнома) дар заминаи “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12.01.2009 №1/3 маъқул дониста шудааст), бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегии кишвар, барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ аз тарафи гуруҳи кории сатҳи маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ бо кӯмаки методию машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи муштарак бо Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Паҳн намудани таҷрибаи ҷорисозии ҳуқуқҳои кӯдак ва мустаҳкам намудани низоми иштирок ва мониторинг» тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устуворонаи иҷтимоию иқтисодӣ ин беҳтар сохтани сифати зиндагӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолии ноҳия мебошад, ки он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ ҳамчун натиҷаи болоравии боздеҳи захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст. Ҳамзамон, *Барномаи мазкур барои ноил шудан ба се мақсади стратегии зерин замина мегузорад:*

- *Муҳайё намудани фазои мусоид барои соҳибкорӣ (бизнес);*
- *Ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ;*
- *Беҳшавии муҳити иҷтимоӣ.*

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Воқеан, ҷалби ҳарчи

зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имкониятҳо истифода мегарданд. Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

Барномаи рушди ноҳия 113 лоиҳаро бо маблағи умумии 266,5 млн. сомонӣ дар бар мегирад, ки 34-тои он ба маблағи 42,7 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 50 лоиҳа бо маблағи 71,3 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 27 лоиҳа бо маблағи 152,3 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор ва 2 лоиҳа ба ҳолатҳои фавқулодда бо маблағи 215 ³азор сомонӣ тааллуқ дорад.

***Ҷадвали 1***

***Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷ. Румӣ барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ (ҳаз. сомонӣ)***

| *Соҳаҳо* | *Ҳамагӣ* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист* | *19714,8* | *4475,3* | *2935* | *3219,5* | *4160* | *4925* |
| *Саноат ва соҳибкории хурду миёна* | *18040* | *7148,3* | *4638,3* | *4653,4* | *600* | *1000* |
| *Сохтмон* | *4930* | *2890* | *740* | *1100* | *200* | |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | ***42684,8*** | ***14514*** | ***8313,3*** | ***8972,9*** | ***4960*** | ***5925*** |
| *Маориф* | *26999* | *19706* | *1833,2* | *2523,2* | *2493,2* | *443,2* |
| *Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | *34677* | *2243* | *10587* | *10202* | *10825* | *820* |
| *Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ* | *9610* | *1134,5* | *1354,5* | *1497* | *2497* | *3127* |
| ***Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ*** | ***71286*** | ***23084*** | ***13774,7*** | ***14222*** | ***15815,2*** | ***4390,2*** |
| *Нақлиёт, хоҷагии роҳҳо, ХМК, баркрасони ва алока* | *152 297* | *31936,5* | *37690,5* | *35410,5* | *34059,5* | *13199,5* |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | ***152 297*** | ***31936,5*** | ***37690,5*** | ***35410,5*** | ***34059,5*** | ***13199,5*** |
| ***ҲФ*** | *215* | *55* | *160* | | | |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРН*** | *266 483* | *69588,8* | *59938,5* | *58605,6* | *54834,7* | *23514,7* |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | *39 701* | *22 501* | *2 755* | *4 415* | *6 255* | *3 775* |
| *Буҷети вилоятӣ* | *1230* | *570* | *420* | *120* | *120* | |
| *Буҷети маҳаллӣ* | *26421* | *3486,2* | *5554,2* | *5724,2* | *10913,2* | *743,2* |
| *Маблағҳои худӣ* | *16 310* | *6181* | *4001* | *3776* | *1226* | *1126* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | *177 155* | *36395* | *46163,3* | *43855,4* | *35110,5* | *15565,5* |
| *Қарзи бонкӣ* | *5300* | *185* | *900* | *700* | *1210* | *2305* |
| *Лоиҳаҳои сарчашмаи маблаггузориашон номуайян* | *430,5* | *270,5* | *145* | *15* | | |

*Воқеан, барои амалӣ намудани “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷ. Румӣ барои солҳои 2016-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ* ***266,5 млн. сомонӣ*** *дар назар дошта шудааст, аз он ҷумла:*

*Буҷети ҷумҳуриявӣ – 39,7 млн. сомонӣ;*
*Буҷети вилоятӣ – 1,2 млн. сомонӣ;*
*Буҷети маҳаллӣ –26,4 млн. сомонӣ;*
*Маблагҳои хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон– 16,3 млн. сомонӣ;*
*Маблагҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ –177,2 млн. сомонӣ;*
*£арз³ои бонкû – 5,3 млн. сомонû;*
*Маблагҳои номуайян –430,5 ³азор сомонӣ.*

## БОБИ 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии ноҳия

**Маълумоти таърихии ноҳия.** Ҷалолиддин Балхӣ яке аз ноҳияҳои вилояти Хатлон аст, ки дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Маркази ин ноҳия шаҳраки Ҷалолиддин Балхӣ аст. Ин ноҳия 21 марти соли 1933 таъсис ёфта ва то соли 2007 Колхозобод ном дошт. 20 декабри соли 1934 деҳаи Туғаланг ба ноҳияи Кагановичобод табдил дода шуд ва дар як вакт номи Кагановичободро ба худ гирифт. 3 июли соли 1957 шаҳраки Кагановичободро ба номи Колхозобод, маркази шаҳраки Колхозобод иваз намуданд ва 10 январи соли 1991 бо қарори Кумитаи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Қурғонтеппа ба маркази ноҳияи Колхозобод номи Сироҷиддин Исоев дода шуд.

Роҳномаҳо ва ҷаҳоннамоҳои арабизабон ва форсизабони садаҳои миёна номи ин ноҳияро Ҳалвард ёд кардаанд. Ҳалвард дар замони Сомониён яке аз ду шаҳри калони Вахшонзамин буда ва арку шаҳристону рабаз дошт ва калонтар аз Ҳулбук будааст. Бино бар навиштаи «Ҳудуд ул-олам мин ал-Машриқ илал-Мағриб», «Ҳалвард қасабаи Вахш аст, шаҳрест бо кишту барзу рустоҳои бисёр ва мардумони тирандозу ҷангӣ». Шаҳри Ҳалвардро Истахрӣ дар «Масолик вал-мамолик», Муқаддасӣ дар «Аҳсан ат-тақосим фӣ марифат ал-ақолим», ибни Ҳавқал дар «Сурат ул-арз», Ёқути Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам ул-булдон» ва Абурайҳон Берунӣ низ дар осораш ёд кардаанд.

Бино бар бозёфтҳои бостоншиносӣ, шаҳри Ҳалвард дар замони Кушониён падид омада ва дар садаҳои миёна маркази Вахшонзамин будааст. Ин шаҳр дар соли 750 милодӣ бо дасти арабҳо вайрон шуда ва бостоншиносон харобаҳои онро дар канораи ғарбии шаҳраки Колхозобод ёфтаанд, ки 12 га масоҳат дорад ва имрӯз онро Кофирқалъа

мехонанд. Сипас маркази Вахшонзамин ба шаҳраке кӯчонда шуд, ки 12 километр шимолу ғарбтар аз харобаҳои Кофирқалъа дар канораи рӯди Вахш ҷой дошт. Дар садаҳои миёна ин шаҳр низ Ҳалвард ном доштааст ва харобаҳои он ҳамакнун ба номи «Золи Зар» наздики деҳаи Узун, дар канораи чапи рӯди Вахш, 12 км дуртар аз Колхозобод ва 23 км дуртар аз Қӯрғонтеппа бар ҷоянд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳанд, ки деҳа дар ҷои харобаҳои кунунии Золи Зар дар садаҳои III - IV милодӣ бунёд ёфтааст. Пас аз истилои араб ва вайрон шудани Ҳалварди якум, ин деҳа дар асрҳои **X - XIII** шаҳри калоне гардида ва то ҳамлаи муғул маркази Вахшонзамин будааст, аммо дар соли 1221 аз дасти чингизиён нобуд шудааст.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумукин аст, ки номи пешинаи Колхозобод -Ҳаловард будааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ин шаҳр дар замони Кушониён (оғози садаи I милодӣ то миёнаи садаи III милодӣ) падид омадааст, решаи вожаи Ҳаловард дар забонҳои суғдӣ ва балхӣ ҳаммаъно аст. Азбаски ҳама шаҳрҳои бостонии мо гирдогирдашон девор доштаанд, бахши дувуми ин ҷойном «вард» бояд бозмондаи вожаи эронии бостони «warta» (ба маънои «девордор») аз решаи «war» бошад «бора» ва «девор» аз он падид омадааст. Ин вожа дар «Авесто» дар номи «Вари Ҷамкард» (дар порсӣ «جمکر د ور» ба маънои «Бораи Ҷамсохта») омада ва имрӯз низ дар номи рустоҳои Хумби Варӣ барҷой мондааст.

**Тавсифи ҷуғрофии ноҳия.** Ноҳияи Ҷ. Балхӣ дар қисми ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ байни доманакӯҳи Қизилтумшуқ ва дарёчаи Қумсангир ҷойгир буда, бо ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Панҷ, Фархор, Қумсангир ва Ҷиликӯл ҳамсарҳад аст. Ҳудуди ноҳия 0,905 ҳазор километри мураббаъро ташкил дода, шаҳраки С. Исоев маркази маъмурии он мебошад. Дар фарқият ба дигар ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, ноҳияи Ҷ. Балхӣ аз қаторкӯҳҳои паст ва ҳамвориҳо иборат аст. Ноҳия аз маркази ҷумҳурӣ (ш. Душанбе) дар масофаи 132 км ва аз маркази вилоят (ш. Қурғонтеппа) дар масофаи 32 км ҷойгир гардидааст.

Дар ноҳия 2 ҷамоати шаҳраку деҳот (шаҳраки С. Исоев бо аҳолии 17631 нафар ва шаҳраки Гулистон аҳолиаш 24120 нафар) ва 6 ҷамоатҳои деҳотӣ (Туғаланг аҳолиаш 36428 нафар, Навобод- 22675 нафар, Маданият- 17673 нафар, Узун- 23008 нафар, Калинин – 16031 нафар ва Фрунзе – 22555 нафар) мавҷуд аст.

**Иқлим**. Ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ аз сатҳи баҳр дар баландии 601 м воқеъ буда, иқлимаш континентии миёна мебошад, ҳарорати миёнаи солона +17,5 $C^0$ ва дар зимистон +2+5 $C^0$-ро (дар фасли гармо моҳҳои июн-август зиёда аз +40 +43 $C^0$) ташкил дода, дар баландиҳо то -1 $C^0$ хунукӣ мушоҳида карда мешавад. Боришот дар фасли сармо то 103 мм-ро ташкил дода, дар фасли баҳору тирамоҳ бошад нисбатан паст (то 40-45 мм) мушоҳида карда мешавад ва дар тобистон қариб мушоҳида намегардад.

**Олами ҳайвонот.** Олами ҳайвоноти ҳудуди ноҳия гуногун аст. Дар қисми шимолу шарқи ва шимолу ғарбии ноҳия гург, рӯбоҳ, гурбаи

вахшӣ, қашқалдоқ, дала ва дар ҳамвориҳо хазандаҳо аз ҷумла нави гуногуни морҳо ва парандаҳоро вохурдан мумкин аст.

**Захираҳои табиӣ**: Дар ноҳия аз канданиҳои фоиданок газ, нафт ва масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд аст. Кони гази Қизилтумшуқ яке аз конҳои ояндадоре ба ҳисоб меравад, ки дар минтақаи аҳолинишин ва азхудгардида ҷойгир шудааст. Гази ин кон барои бо газ таъмин намудани аҳолии ноҳия, шаҳри Қурғонтеппа, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои гирду атрофии он истифода мешавад.

Дар айни замон дар қаламрави ноҳия чандин майдонҳои ояндадор барои пармакории чоҳҳои аниқи нафту газ ошкор карда шудаанд. Корҳои ҷустуҷӯию геологӣ дар ҳудуди ноҳия дар асоси истифодаи васеи техникаи вазнин анҷом мегиранд, барои азхудкунии чоҳҳои зарурӣ бошад, истифодаи техника ва таҷҳизоти навтарин зарур аст.

**Шароити табиию географӣ ва иқтисодию-географӣ.** Шароити табиии ноҳия ва мавқеи ҷойгиршавии он барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мусоид мебошад. Аз ноҳия магистрали роҳи оҳани «Москва-Термиз-Қурғонтеппа» ва роҳи мошингарди аҳамияти ҷумҳуриявӣ доштаи «Душанбе—Панҷ», «Тирмиз – Шаҳритус - Ҷалолиддини Балхӣ - Вахш» мегузаранд, ки ноҳияро бо дигар марказҳои саноатии вилояти Хатлон ва дар ҷануби мамлакат тавассути бандари Панҷи поён дар дарёи Амударёи бо сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пайваст мекунад.

Аз соли 1978 истгоҳи роҳи оҳани «Колхозобод» фаъолият мекунад, ки алоқаи нақлиётиро (мусофиркашонӣ ва боркашонӣ) ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он таъмин менамояд. Роҳи оҳани мавҷуда барои рушди иқтисодии минбаъдаи ноҳия ва дигар минтақаҳои гирду атрофии водии Вахш нақши калон мебозад. Наздик будани ноҳия бо маркази вилоят шаҳри Қурғонтеппа ва сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон имконияти истифодаи захираҳои потенсиалии мавҷударо медиҳад.

Таъсис ёфтани минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҷануби ноҳия ба рушди ояндаи ноҳия мусоидат хоҳад кард.

**Вазъи демографии ноҳия.** Аҳолии ноҳия ба таърихи 1 январи соли 2016 зиёда аз 181,1[3]азор нафар ё 2,2 фоизи тамоми аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 41751 нафар ё 23,2% дар шаҳрак ва 138200 ё 77,2% нафар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар ноҳия зиёда аз 19 миллату халқиятҳо зиндагӣ менамоянд. Аксарияти аҳолиро тоҷикон ва ӯзбекон ташкил медиҳанд.

Дар солҳои 2011-2015 аҳолии ноҳияи Ҷ. Балхӣ ба 25,2 ҳазор нафар ё 13,91 % афзудааст. Суръати миёнаи афзоиши аҳолӣ дар ноҳия 3,1 % буда, аз ҳама баланди афзоиши аҳолӣ дар чор соли охир ба назар мерасад. Зичии аҳолӣ 169,2 нафар дар 1 километри мураббаъ мебошад.

**Ҷадвали№ 1. Шумораи аҳолии ноҳия**

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди | Шумораи умумӣ |
|---|---|---|---|

| | | ченак | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хоҷагии хонавода | адад | 25336 | 25408 | 25490 | 26714 | 31114 |
| 2 | Аҳолӣ | нафар | 158900 | 163500 | 167500 | 179900 | 181100 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 76747 | 78644 | 79940 | 81864 | 82456 |
| - | Зан | нафар | 82153 | 84856 | 85760 | 91936 | 98644 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони синни 3-6 сола | нафар | 15731 | 16186 | 16513 | 17380 | 17642 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола (умумӣ) | нафар | 56563 | 58369 | 59797 | 62159 | 63022 |
| - | Кӯдакони то 17 сола (умумӣ) | нафар | 1048 | 1079 | 1105 | 1147 | 1448 |
| - | Шумораи умумии маъюбон, | нафар | | | | | 2251 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони маъюб (то 17 сола) | нафар | | | | | |
| - | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 78319 | 78977 | 79465 | 80001 | 81204 |
| | Аз ҷумла, аз 15 то 18 сола | нафар | 3495 | 3597 | 3685 | 3824 | 4165 |
| - | Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 7309 | 7521 | 7705 | 8157 | 8330 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 6992 | 7357 | 8207 | 9732 | 9960 |
| 3 | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 91685 | 99830 | 96815 | 101190 | 102321 |
| 4 | Бекорон | нафар | 1008 | 1098 | 1022 | 1096 | 1448 |
| 5 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 26200 | 27700 | 28000 | 27800 | 28251 |
| 6 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 5860 | 6232 | 6251 | 6288 | 6582 |

Аз маълумотҳои овардашуда бар меояд, ки таи солҳои охир тағйирёбии вазъи демографии ба мушоҳида мерасад.

Бинобар ин, бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунии вазъи демографӣ ва дар ин замина бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои мавҷуда, аз ҷумла ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, бунёди боғу токзорҳои нав ва корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо ҷалби ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла соҳибкорони маҳаллӣ дар назар аст.

Аз 102321 нафар аҳолии қобили меҳнат 27,61 фоиз ба кор машғул буда, 9,73 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 1,42 фоиз бекорон мебошанд.

Ҳайати иҷтимоии аҳолии ноҳия аз тоҷикон (68%), ӯзбекон (27%), русҳо (2%) ва дигар миллатҳо (3%) иборат аст.




***Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Ҷ. Балхӣ (SWOT)***

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| • Зиёд будани ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ;<br>• Мавҷуд будани шароити мусоид барои парвариш ва истеҳсолӣ моҳӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои табиӣ (сангҳи ороишӣ, қум, шағал ва дигар маводҳои сохтмонӣ);<br>• Шароити хуби иқлимӣ барои боғпарварӣ (бахусус анорпарварӣ) ва растанипарварӣ;<br>• Мавҷуд будани ҷарогоҳҳои васеъ барои инкишоф додани соҳаи чорводорӣ; | • Самаранок истифода набурдани иқтидорҳои мавҷуда;<br>• Коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ ва набудани таҷҳизот ва технологияи замонавӣ барои коркарди онҳо;<br>• Паст будани сатҳи фаъолияти хадамоти байторӣ ва набудани нуктаҳои бордоркунии сунъии чорвои хушзот;<br>• Набудани ҷойҳои кори доимӣ ва нокифоя будани музди меҳнат;<br>• Баромада рафтани кадрҳои баландихтисос аз ҳудуди ноҳия;<br>• Замонавӣ набудани |

| | |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои баландихтисос;<br>• Мавҷуд будани инфрасохтори аввалия; | инфрасохтори мавҷуда;<br>• Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ, иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои барқтаъминкунӣ;<br>• Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ.<br>• Нокифоя будани маблағ барои татбиқи барнома ва назаррас набудани сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ноҳия; |
| **Имконниятҳо** | **Хатарҳо** |
| • Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ ва қарорҳои махсуси ҲҶТ ҷиҳати пешбурди соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ;<br>• Мавҷуд будани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия;<br>• Мавҷуд будани мутахассисони касбии соҳа;<br>• Мавҷуд будани Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон | • Баланд гардидани обҳои еризаминӣ;<br>• Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>• Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>• Авҷ гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти ноҳия;<br>• Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>• Обхезии дарёи Вахш ва шусташавии заминҳо ва хоҷагиҳои назди соҳил; |

# Боби 2. Иқтисодиёт

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

### Баҳодиҳи ва таҳлили ҳолати соҳа

Ҷалолиддини Балхӣ яке аз ноҳияҳои аграрию саноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар рушди соҳаи иқтисодиёти вилояти Хатлон баланд арзёбӣ мегардад. Дар ин радиф соҳаи кишоварзӣ дар таъмин намудани аҳолии деҳот бо ҷои корӣ нақши муҳим бозида, аз ин 58 фоизи аҳолӣ, аз ҷумла 47 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ доранд. Бинобар ин, рушди соҳаи кишоварзӣ афзалияти аввалиндараҷа барои тараққи додани иқтисодиёти ноҳия маҳсуб ёфта, барои қисми зиёди аҳолӣ соҳаи кишоварзӣ манбаи ягонаи даромад мебошад.

Соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия пахтакорӣ, шоликорӣ, сабзавоткорӣ, обчакорӣ, картошкапарварӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, моҳипарварӣ, асалпарварӣ ва кирмакпарварӣ мебошад.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.** Дар ноҳияи Ҷалолиддини алхӣ 14 кооперативҳои истеҳсолии кишоварзӣ, аз ҷумла 2 хоҷагии тухмипарварӣ, 2 хоҷагии зотпарварӣ ва 3421 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият менамояд.

Ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 17104 гектар заминҳои корам ё 71,3 фоиз ва 16315 гектар заминҳои обӣ ё 67,8 фоизи заминҳои мавҷуда вобаста карда шуда, корҳои дар ин самт вобаста ба таҷдиди хоҷагиҳо (дар заминаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ) идома доранд. Барои дар муддати кутоҳ ҷудо намудани замин ба саҳмдорон ва ташкили хоҷагии кишоварзӣ бо усули Маркази кадастри замини минтақаи «Вахш» ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2015 шумораи умумии саҳмдорон 25,2 ҳазор нафарро ташкил дод.

**Истифодабарии заминҳо.** Ба 1 январи соли 2016 майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 123807 гектарро ташкил менамояд (аз ин 24106 гектар замини кишоварзӣ), ки аз он замини корам 13,8 фоиз (17104 га), дарахтони бисёрсола 1,1 фоиз (1350 га), чарогоҳ 56,9 фоиз ( 70451 га), 5 фоиз замини наздиҳавлигӣ (6188 га), 1,3 фоиз замини президентӣ (1561 га) ва 21,9 фоиз дигар заминҳо мебошад. Заминҳои ғайриобӣ дар ноҳия асосан барои истифодабарии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва қисман заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои президентӣ ҷудо гардиданд. Қисми зиёди чарогоҳҳо ба хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ (55,4 %) ва қисми камаш ба хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (44,6 фоиз) таалуқ доранд.

Барои ғани гардонидани бозори дохила ба меваи тару тоза дар ҳудуди ноҳия 961 гектар боғҳои нав бунёд шудааст.

**Диаграммаи № 1. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)**




Соли 2015 дар майдони 22835 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд, ки аз ин 16439,8 гектар ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 6396 гектар ба аҳолӣ рост меомад.

Дар таркиби сохтори майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро кишти ғалладонагӣ ва пахта ишғол мекунад.

**Диаграммаи № 2. Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2014**




Диаграммаи № 3 Истифодаи замин аз рӯи намуди кишти зироатҳо дар соли 2015 (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ) Ùалладонаги³о-18,53%, зироат³ои хуроки чорво-13,32%, полезû-4,88%, картошка -0,97%, сабзавот- 4,28% ва пахта- 54,94%.



**Таъминоти кунунӣ бо техникаи кишоварзӣ.** Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ ин ба таври кофӣ таъмин намудани техникаи кишоварзӣ мебошад. Аз соли 1990 ин ҷониб дар хоҷагиҳои кишоварзӣ каму беш техникаи нав дохил шуда бошад ҳам, вале ин талаботи хоҷагиҳоро таъмин карда наметавонад.

Дар соли 2015 дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз 204 адад тракторҳои мавҷуда танҳо 114-тои он дар ҳолати дурусти техникӣ мебошад, ки 55,88 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали№ 1. Ҳолати коршоямии техникаи кишоварзӣ дар ноҳия дар соли 2015**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ, адад | Аз ҷумла коршоям, адад | Фоизи коршоям |
|---|---|---|---|
| Тракторҳо | 204 | 114 | 55,9 |
| Аз он ҷумла, шудгоркунанда (тасмачарх) | 22 | 16 | 72,7 |
| Автомобилҳои боркаш | 21 | 9 | 42,9 |
| Ҳамаи тамғаҳои комбайнҳои ғалладарав | 5 | 2 | |
| Ядакҳои тракторӣ | 131 | 86 | 65,6 |
| Достҳои тракторӣ | 7 | 7 | 100 |
| Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 3 | 1 | 33,3 |
| Комбайнҳои хуроки чорвоғундор | 2 | - | - |
| Комбайнҳои ҷуворимаккағундор | | | |
| Мошинҳои пахтачинӣ | | | |
| Тухмпошакҳои тракторӣ | 50 | 34 | 68,0 |
| Тухмпошакҳои пахта | 41 | 28 | 68,3 |
| Плугҳои тракторӣ | 38 | 24 | 63,2 |
| Култиваторҳо | 58 | 57 | 98,3 |
| Агрегатҳои қувваи (насос ва ҳаракат) | | | |

Дар ноҳия маркази хизматрасонии техники (МТС) фаъолият дорад, ки он дорои 45 трактори тамғаи МТЗ-80, 1 адад техникаи алафдарави, 14 адад техникаи тухмпошакҳо, 1 адад алафғундорак мебошад.

**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он**. Соли 2015 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ 678,4 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин ба соҳаи растанипарварӣ 483,9 млн сомонӣ ва чорводорӣ 197,3 млн сомони рост меояд.




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзи дар чор соли охир 232,0 млн. сомонӣ ва ё 1,01 фоиз маротиба афзоиш ёфтааст. Новобаста аз болоравии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ даромаднокии хоҷагиҳо беҳсозиро талаб менамояд. Дар баробари ин, маҳсулоти истеҳсол шуда наметавонад талаботи дохилии шаҳраку деҳотро қонеъ гардонад.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 гуногун буда, ҳоло ба ҳар як нафар аҳолӣ 184 кг ғалладонагӣ, 342,4 кг сабзавот, 53,2 кг картошка, 58,1 кг мева, 109,5 литр шир, 32,9 кг гӯшт ва 0,17 кг моҳӣ рост меояд. Тибқи талаботҳои физиологи меъёри истеъмоли солонаи маҳсулот чунин аст: гӯшт 72 кг, нон 186 кг, шир 187 литр, тухм 189 дона, моҳӣ 9,8 кг, равған 12,8 кг, мевагӣ 69 кг, сабзавот 118 кг. Барои аз рӯи меъёрҳои муайянгардида қонеъ гардонидани талаботи рузафзуни аҳолӣ бо маводҳои лозима корҳои зиёдеро ба сомон расонидан лозим аст.

Болоравии ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия таи солҳои охир аз ҳисоби соҳаи растапарвари мебошад.

Таҳлилҳои амалигардида нишон медиҳад, ки дар таркиби истеҳсолкунандагони маҳсулоти умумии кишоварзи ҳиссаи зиёдро (71,8 фоиз) хоҷагиҳои деҳқони ва аҳолии ноҳия ташкил медиҳанд.

**Растанипарварӣ.** Растанипарвари яке аз соҳаҳои асосии кишоварзи ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзи 71,4 фоизро ташкил медиҳад. рушди соҳа дар афзоиши даромади хоҷагиҳо нақши калон дорад ва аз ин сабаб ба ин соҳа бештар аҳамият дода мешавад. Хоҷагиҳои мавҷуда ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, нахуд, шоли, ҷуворимаккаи дон) зироатҳои техникӣ (пахта, офтобпараст ва кунҷут), картошка, сабзавот (пиёз, сабзӣ, карам, помидор, бодиринг ва ғайра), полезӣ (тарбуз ва харбуза) ва хӯроки чорво машғуланд.

**ҶадвалиNo 2. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ**

| т/р | Нишонди-хандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | Соли 2015 нисбат ба с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |

| | | | | | | | | фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Майдони умумии кишт. | га | 22993 | 22993 | 22707 | 21697 | 22835 | 99,31 |
| 1 | Майдони кишт | га | 6990 | 7152 | 6815 | 5199 | 5199 | 74,37 |
| | Ғалладонагӣ | тонна | 30180,5 | 32939,4 | 35291,9 | 30561,3 | 30581,2 | 101,3 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 43,2 | 46,1 | 51,8 | 39,4 | 39,9 | 92,4 |
| 2 | Майдони кишт | га | 9330 | 9350 | 9360 | 9305 | 9033 | 96,8 |
| | Пахта | тонна | 20243 | 20248 | 19485 | 20149 | 15534 | 76,7 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 21,6 | 21,6 | 20,8 | 21,6 | 17,5 | 81,0 |
| 3 | Майдони кишт | га | 1764 | 1586 | 1801 | 1686,2 | 1695 | 96,1 |
| | Сабзавот | тонна | 49709 | 51822 | 62262,3 | 58345 | 58972 | 118,6 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 281,8 | 326,7 | 345,7 | 346,0 | 231,7 | 82,2 |
| 4 | Майдони кишт | га | 561 | 600 | 652 | 409 | 412 | 73,4 |
| | Картошка | тонна | 17598,4 | 14750,6 | 14858,3 | 8638,8 | 3248,8 | 18,5 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 313,7 | 245,9 | 227,9 | 211,2 | 202 | 64,4 |
| 5 | Майдони кишт | га | 1149 | 1153 | 1226 | 1248,8 | 1251,6 | 108,9 |
| | Полезӣ | тонна | 27800 | 28129 | 30771 | 30852 | 31456 | 113,1 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 241,9 | 244,0 | 251 | 247,0 | 219,1 | 90,6 |
| 6 | Майдони кишт | га | | | | | | |
| | Мева | тонна | 5040 | 5945 | 6046,1 | 8085 | 7051 | 139,9 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | | | | | | |
| 7 | Майдони ангур | га | | | | | | |
| | Ангур | тонна | 4112 | 4804 | 5014 | 7756 | 7758 | 188,6 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | | | | | | |
| 8 | Майдони кишт | га | 2816 | 2957 | 2592 | 2122,3 | 2122,3 | 75,3 |
| | Зироатҳои хӯроки чорво | тонна | 25197 | 30651 | 38066 | 40341 | 40421 | 160,4 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 89,4 | 103,6 | 146,8 | 190,0 | 190,2 | 212,8 |

Гарчанде истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ таи чор соли охир рӯ ба афзоиш бошад ҳам, вале талаботи дохилии ноҳияро қонеъ карда наметавонад. Паст будани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ба як қатор омилҳо, аз ҷумла бад гардидани ҳолати мелиоративии заминҳо (аз сабаби аз кор баромадани насосҳои обкашӣ ва вайрон гардидани сарбандҳои обгирӣ), сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ бинобар гарон будани нарх ва кашонидани он, корношоям будани техникаҳои мавҷуда, дастраси надоштан ба тухмиҳои аълосифат ва дигар омилҳои объективию субъективӣ алоқаманд мебошад.

Аз майдони умумии заминҳои кишти шаҳраку деҳот беш аз 1011 гектараш дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор дорад. Шумораи умумии насосҳои обтаъминкунӣ 48 ададро ташкил дода, аз ин 48 ададаш (ҷамоатьои Фрунзе, «Туғаланг», «Узун», «Гулистон» ва Калинин) ба таъмиру азнавсози ниёз дорад. Дар ҳолати барқарор намудани насоси мазкур ва барқарорсозии пойгоҳи обкашӣ дар Ҷамоати деҳои Фрунзе барои таъмин намудани беш аз 30 гектар замин нав обёри карда мешавад.

Барои таъмини кишоварзон бо тухмии хушсифат маводи хушсифат мағозаи махсус сохта ба истифода дода шуда, ҳамчунин бо қарори раиси

ноҳия КВД «Маркази ҷамоавии тухмиҳои зироатҳои кишоварзи» таъсис дода шуд.

**Пахтакорӣ.** Пахтакори барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия соҳаи муҳими мансуб ёфта, даромаднокии хоҷагҳои аз ин ҳисоб ба даст оварда мешавад ва аз ин лиҳоз қисми зиёди хоҷагиҳо ба парвариши пахта машғул мебошанд. Дар баробари ин, соҳаи мазкур яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва махсусгардонидашуда ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар таркиби сохтори майдони кишт дар соли 2015 беш аз 54,8 фоизро дар заминҳои оби ташкил медиҳад.

Мутаассифона солҳои охир даромаднокии ин соҳа тадриҷан кам шуда, истеҳсол ва фуруши пахта (бинобар сабаби паст гардидани нархи ҷаҳонии он) ба мушкилиҳо дучор гардида истодааст. Соли 2015 хоҷагиҳои пахтакор истеҳсоли ин намуди ашёи хомро ба 15534,4 тонна расонидаанд, ки дар қиёс ба соли 2014 ба миқдори 4614,5 тонна кам буда, ҳосилнокии он бошад аз ҳар як гектар 0,8 с/га кам мебошад.

Новобаста аз он, таҳлилҳо собит месозанд, ки дар ҳолати 30 сентнер истеҳсол намудани пахта (аз 1 гектар) хоҷагиҳои имконият пайдо мекунанд, ки хароҷотҳои худро пӯшонида, даромади иловагӣ ба даст оранд. Дар шароити кununи ва иқлими мусоиди минтақа имкон аст, ки аз ҳар гектар то 35-40 сентнер ҳосили пахта ба даст оварда шавад. Дар сатҳи шаҳраку деҳот хоҷагаҳои деҳқоние ҳастанд, ки ҳосилнокии пахтаро то 45 сентнер расонида, аз он фоидаи зиёд ба даст оварда истодаанд.

Тибқи «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» давра ба давра гузаронидани диверсификатсияи истеҳсолот дар назар дошта шудааст. Дар ин замина, кам кардани майдони кишти пахта ва дар ин асос васеъ намудани майдонҳои кишти зироатҳои сабзавоткори пешбини шудааст, ки ин метавонад бозори дохилии моро ҳифз намуда, барои ноил гардидан ба амнияти озуқавори мусоидат намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки беш аз 17 ҳазор нафар аҳолии шаҳраки ба номи С. Исоев дар хонаҳои баландошиёна зиндаги дошта, талаботи онҳо ҳамасола ба маҳсулотҳои гуногуни соҳаи кишоварзи, махсусан сабзавот, аз ҷумла помидор, бодиринг, пиёз, сабзи ва карам афзоиш ёфта истодааст. Бо назардошти талаботи рӯзафзуни аҳоли зарурияти самаранок истифода намудани ҳар як ваҷаб қитъаи замин ва дар ин асос гирифтани ду се ҳосил дар як сол ба миён омадааст. Бо ин мақсад зарур аст, ки сол аз сол майдони пахта кам карда шуда, доираи майдони ғалладонагиҳо, сабзавот ва полезӣ зиёд карда шавад.

Дигар омиле, ки ба кам шудани истеҳсоли пахта таъсир расонидааст ин набудани техникаи ҳозиразамон, дастрас намудани нуриҳои минерали ва сари вақт нагузаронидани корҳои агротехники ҳангоми кишт ва баъд аз кишт мебошад. Техникаи дар тавозуни хоҷагиҳо мавҷудбуда аз сабаби истифодаи тулони фарсуда гардида, нисфи зиёди онҳо корношоям гардидаанд. Сари вақт тоза накардани заҳбуру заҳкашҳо низ ба ҳосилнокии замин таъсири манфи мерасонад.

Истифода гардидани усули рушди иқтисодии интенсивӣ (самаранок истифода бурдани замин, ҷори намудани техника ва

технологияи замонавӣ, истифодаи тухмиҳои хушсифат, усулҳои пешқадами истеҳсолот, гузаронидани чорабиниҳои саривақтии агротехники ва ғайра) яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа дар панҷ соли оянда маҳсуб меёбад.

**Сабзавоткорӣ**. Дар солҳои охир афзоиши истеҳсоли сабзавот дар хоҷагиҳои ноҳия ба мушоҳида расида, соли 2015 дар қиёс ба соли 2011 майдони кишт ба зиёд шуда бошад ³ам, истеҳсоли он кам гардидааст. Ҳосилнокӣ бошад дар соли 2011 аз 281,8 сентнери ва дар соли 2015 ба 231,7 сентнер ба ҳар як гектар расонида шудааст.

Аҳолии ноҳия асосан ба парвариши сабзи, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам ва каду машғул буда, даромаднокии қисми алоҳидаи аҳоли аз фурӯши ин маҳсулотҳо мебошад.

Яке аз машкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, набудани гармхонаҳои калони ба талаботҳои замин ҷавобгу мебошад. Айни замон, рушди соҳаи сабзавотпарвариро бе мавҷудияти гармхона тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ҳолати ташкил гардидани гармхонаҳо дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот деҳқонон метавонанд ба бозорҳои дохили маҳсулоти барвақти бароварда, соҳиби даромади иловаги гарданд ва дар ин замина ҷойҳои нави кори таъсис дода шавад.

Дар сурати беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, бахусус заминҳои ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд хоҳад шуд. Мутаассифона, заминҳои корами хоҷагиҳо ва нуқтаҳои аҳолинишини ин минтақаҳо аз сабаби болоравии сатҳи обҳои зеризаминӣ сол аз сол кам шуда истодааст.

**Картошкапарварӣ.** Соҳаи картошкапарварӣ барои хоҷагиҳои кишоварзӣ яке аз соҳаҳои даромаднок ва афзалиятнок ба ҳисоб рафта, хоҷагиҳои бештар ба парвариши картошка машғул шуда, истеҳсоли онро барои таъмин намудани бозори дохили зиёд намуда истодаанд. Дар се соли охир истеҳсоли картошка тамоюли болоравӣ дорад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки истеҳсоли картошка сол аз сол зиёд гардонида шавад вале соли 2015 бо сабаби боришот ва хунук гардидани ҳаво қисми зиёде заминҳои картошкаро сард зада, нисбати соли 2011 ба кам ҳосил рӯёнида шудааст.

Дар баробари ин омилҳое мавҷуданд, ки ба истеҳсоли картошка таъсири манфӣ мерасонад. Ин пеш аз ҳама сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ, паст будани сифати тухми ва дигар сабабҳои объективию субъективи мебошанд, ки ба паст шудани ҳосилнокӣ оварда мерасонад.

Бо мақсади таъмини аҳоли бо маҳсулоти худи ва ба танзим даровардани нарх дар бозор сол аз сол болоравии истеҳсоли маҳсулоти растанипарвари дар назар аст.

Ҳамасола аз қадқади роҳҳо, ҷӯйборҳо, байни дарахтон ва талу теппаҳо дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот аз тарафи аҳолӣ зиёда аз 2000 тонна хошоки дурушт ҷамъовари карда мешавад. Сабаби солҳои охир инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзӣ бахусус растанипарварӣ ба омилҳои зерин вобаста аст:

-нокифоя будани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзи;

-маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;
-паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар системаи таъминоти нокифоя бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;
-қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ;
-суст будани базаи моддию техникӣ;
-суст будани низоми менеҷмент ва маркетинг;
-таҷрибаи нокифояи деҳқонон вобаста ба парвариши сабзавот, картошка, пиёзи барвақтӣ;
-истеҳсоли маҳсулотҳо дар гармхонаҳо.

**Боғу токпарварӣ.** Боғу токпарварӣ низ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Иқлими мусоиди минтақа имконият медиҳад, ки майдони боғу ва токзорҳо васеъ намуда, дар оянда талаботи аҳолӣ бо меваи тару тоза пурра таъмин карда шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю ангур, масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинонидани дарахтони бемева) ва шароити мусоиди иқлими шаҳраку деҳот дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки дар оянда боғу токпарварӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад.

Бо ин мақсад дар тӯли солҳои 2010-2015 дар масоҳати 952 гектар боғу токзорҳо бунёд карда шудааст.

**Системаи обёрии заминҳои кишоварзӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоативии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳия маҳсуб меёбад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзи ва об кори доими таъмин намудани аҳоли мусоидат намояд.

Дар ноҳия Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии фаъолият мекунад. Дар бахши Идора таъминоти оби полези ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли онҳо рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро муайян месозад.

Дар ноҳия майдони умумии заминҳои обии кишоварзи -24678 гектарро ташкил медиҳад. Тибқи кадастраи ҳисоботи заминҳо ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш- 20150 га, ғайриқноатбахш- 821 га мебошад, аз он ҷумла шурнокиаш миёна- 800 га ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия- 90,2 км заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ; 315 км заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагии (аз он 204 км дар ҳолати ғайриқноатбахш) мавчуд мебошад. Шумораи умумии ҷойҳои назорати дар ноҳия- 111 ададро ташкил дода, аз ин 14 адад дар ҳолати корношоям қорор дорад.

Каналҳои обтаъминкунии байни хоҷагии ҳудуди ноҳия- 162,2 км ва каналҳои дохили хоҷагии -307 км-ро ташкил медиҳанд.

Дар ҳудуди ноҳия заминҳои оби тавассути наҳрҳо ва пойгоҳҳои обкаши обёри карда мешавадва аз сабаби суст будани низоми

маблағгузори кӯҳна ва фарсуда шудани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда пойгоҳҳои обкаши тез тез аз кор мебароянд, ки ин ҳолат барои хоҷагиҳо дар таъмини саривақтии киштзорҳо бо оби полези мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад. Дар тавозуни идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия 14 пойгоҳи обкашӣ ва 48 агрегати оббарори мавҷуд буда зиёда аз 6427 га заминҳои кишти ноҳия тавассути пойгоҳҳои обкаши бо оби полези таъмин карда мешавад. Аммо мутаасифона маблағҳои ҷудошуда барои аз таъмири хушсифат баровардани пойгоҳҳои обкаши ва қубурҳои баландшидат нокифоя буда таҷҳизотҳои номбурда сол то сол корношоям шуда истодааст. Мушкилиҳои соҳаро ба назар гирифта мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия барои ворид намудани ба Барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо ва сохтмони асоси барои солҳои 2016-2018, иншооти барқарорсозии пойгоҳи обкаши ба номи М.Горкий бо маблағи умумии 347,3 ҳазор доллари америкои пешниҳод намуд (№ 1/128 аз 27.10.2015 с) Пойгоҳҳи обкаши Гулистон- 4 низ корношоям шуда, барои баркрорсозии иншооти мазкур маблағҳои зарури лозим мешавад. (523,2 ҳазор сомонӣ)

Истифодаи об аз каналҳо аз ҷониби хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст ва дар бисёр ҷойҳо каналҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқони худсарона обмони шуда, боиси талафоти оби полези мегардад. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризамини баланд шуда, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзи оварда мерасонанд, Дар натиҷаи истифодаи дарозмӯҳлат иншоотҳои обтақсимкуни низ фарсуда гаштанд. Сатҳи талафот ва бухоршавии об дар ноҳия ба ҳисоби миёна 15 фоизро ташкил менамояд. Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративи (тоза намудани заҳбурҳо ва махсусан заҳбурҳои ,ки дар тавозуни АИО мебошанд) ва маҳдудияти захираҳои молияви мебошад.

Бо мақсади бартариф намудани мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳа дар ноҳия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.02.2009 №612 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар гамудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳия беҳтар карда шуд.

Дар солҳои 2010-2015-ум 2922 га, заминҳои кишоварзии обии ноҳия ба ҳолати қаноатбахши мелиоративии баргардонида шуданд, ки 11,8 фоизи заминҳои умумии обии кишоварзии ноҳияро ташкил медиҳад ва заруриятро ба 33 фоиз расонидани ин нишондод дар асоси қоидаҳои дурусти гидротехники талаб карда мешавад.

Мувофиқи меъёрҳои муқарраргардидаи гидротехники дар се сол як маротиба заҳбуру заҳкашҳо аз лою гил тоза карда мешаванд, то ин ки ҳолати хуби мелиоративии заминҳо нигоҳ дошта шавад. Аммо на ҳамеша ин меъёр риоя карда мешавад.

Дар мавзеи ҷамоати деҳоти Узун деҳаҳои пахтарал, пахтаобод ва болшевик ҳамагӣ -800м саддаи чапи дарёи Вахшро об шушта дар ҳолати ногувор қарор доранд. Барои бартараф намудани ҳолати фавқулода ҳаҷми корҳои соҳилмустаҳкамкуни -40 ҳазор $м^3$ сузишвори -20 тн

«Стмтур»- 7 ҳазор м² лозим мебошад. (Санади ситод оиди ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани аз 13 июли соли 2015).

Майдони умумии заминҳое, ки тавассути иншоотҳои обтаъминкуни дар тавозуни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия буда, обёрии карда мешавд беш аз 24678 гектарро ташкил медиҳад. Дарозии умумии каналҳои обёрӣ -162,2 км-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали№ 3.** Ҷадвали иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия қорор дорад:

| № р/т | Номгӯи каналҳо | Дарози (км) | Гузориши об м³/сек | Масоҳати умуми (га) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Канал Қумсангир | 39,0 | 43,0 | 2304 |
| 2 | Канал Р-1 | 5,9 | 1,120 | 100 |
| 3 | Канал Р-1-1 | 9,5 | 0,50 | 80 |
| 4 | Канал Р-1-2 | 17,1 | 2,1 | 120 |
| 5 | Канал Р-1-2-1 | 3,0 | 0,3 | 40 |
| 6 | Канал Р-1-2-2 | 6,0 | 0,3 | 30 |
| 7 | Канал Р-1-2-3 | 4,0 | 0,25 | 60 |
| 8 | Канал КС-2 | 2,3 | 1,0 | 800 |
| 9 | Канал Джиликул | 10,8 | 20,0 | 901 |
| 10 | Канал Кафыр –қала | 12,0 | 6,0 | 1800 |
| 11 | Канал Қизил- Тумшуқ | 5,2 | 1,4 | 2700 |
| 12 | Канал Такабоз | 4,48 | 12,0 | 741 |
| 13 | Канал Узун | 8,30 | 2,4 | 2700 |
| 14 | Канал П-7 | 6,0 | 3,5 | 1790 |
| 15 | Канал Сармантой | 2,6 | 2,7 | 2100 |
| 16 | Канал ГМК | 19,1 | 10,0 | 5309 |
| 17 | Канал Джиликул –Кафыр | 2,0 | 36,6 | 2700 |
| 18 | Канал КС -008 к-л Қумсангир | 5,0 | 0,95 | 403 |
| | **Ҳамагӣ:** | **162,2 км** | | **24678 га** |

**Ҷадвали №4** Заҳбуру заҳкашҳои хоҷаги дар ИДБЗ ва обёрии ноҳия

| № р/т | Номгӯи заҳбурҳо | Номгӯи ҷамоатҳо | Дарози км |
|---|---|---|---|
| 1 | В-1-1 | Туғаланг | 9,0 |
| 2 | В-1-1-К | Туғаланг | 3,2 |
| 3 | В-0-1-3 | Туғаланг | 8,05 |
| 4 | В-1-2 | Туғаланг –Фрунзе | 4,8 |
| 5 | В-1-2 | Фрунзе | 2,5 |
| 6 | В-1-4 | Фрунзе | 6,45 |
| 7 | В К-С-1 | Фрунзе | 4,55 |
| 8 | В -3-П-7 | Маданият | 4,8 |
| 9 | В -4-П-7 | Маданият | 3,7 |
| 10 | В-2 | Калинин | 2,05 |

|  |  |  |  |
|---|---|---|---|
| 11 | В-Д-3 | Узун | 2,0 |
| 12 | В-19 | Узун | 4,0 |
| 13 | В-11 | Навобод | 5,5 |
| 14 | В-21А | Узун | 4,3 |
| 15 | В-23 | Навобод | 7,65 |
| 16 | В-В | Узун | 5,2 |
| 17 | В-20 | Навобод | 4,2 |
| 18 | В-1 | Маданият | 8,3 |
|  | **Ҷамъ:** |  | **90,25** |

**Ҷадвали №5** ²олати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ

| № р/т | Номгӯи ҷамоатҳ | Номгӯи пойгоҳҳои обкаши | Ҳамагӣ | Омадаи кор | Таъмир талаб | Микдори заминҳое,ки об медиҳанд, га |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамамоати шаҳраки С. Исоев | Қумсангир -1 | 1 | - | 1 | 1963 |
| 2 | Ҷамоати деҳоти Туғаланг | Қумсангир -2 | 1 | - | 1 | 1043 |
| 3 | Ҷамоати деҳоти Фрунзе | Юбилейная-2Б-2В | 2 | 2 | - | 400 |
| 4 | Ҷамоати деҳоти Калинин | Юбилейная-2Г М.Горкий | 2 | 1 | 1 | 1000 |
| 5 | Ҷамоати шаҳахраки Гулистон | Гулистон- 1<br>Гулистон- 2<br>Гулистон- 3<br>Гулистон- 4<br>Гулистон- 5 | 5 | 3 | 2 | 2876 |
| 6 | ноҳияи Бохтар | Уртабуз- 1 | 1 | 1 | - | 1881 |
| 7 | Ҷамоати Узун | К. Маркс | 1 | 1 | - | 195 |
|  | **Ҷамъ:** |  | **13** | **8** | **5** | **9358** |

Яке аз хусусиятҳои асосии соҳа дар он зоҳир мегардад, ки обёрии заминҳо дар ноҳия таввассути зина ба зина баровардани об (аз рӯи силсила) амали мегардад, ки аз майдонии умумии тавассути пойгоҳҳои обёришаванда 1931 гектар аз рӯи барошиши дуюм ва 610 гектар аз рӯи бароришии сеюм ба роҳ монда шудааст, ки ин дар навбати ба афзоиши хароҷотҳои обрасонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ низ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзи 30,6 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2015 хоҷагиҳои кишоварзи 232 млн. сомони маҳсулот истеҳсол намуданд, ки ин нисбат ба соли 2011-ум 31,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2015 истеҳсоли гӯшт (дар вазни зинда) дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидори ба 5755 тонна расонида шуд, ки нисбат ба соли 2011 зиёда 2630 тонна ва ё 45,69 фоиз зиёд аст. Истеҳсоли ин намуди маҳсулотро

бахши аҳоли 5455 тонна, хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқолни 272,6 тонна таъмин кардаааанд.

**Ҷадвали№ 6.** Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣдар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ дар тӯли солҳои 2011-2015

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Сол³о | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Гӯшт бо вазни зинда | тонна | 3125 | 3513 | 3982 | 5147 | 5755 | 184,2 |
| Шир | тонна | 22142 | 24039 | 26147 | 27818 | 29038 | 131,1 |
| Тухм | Ҳаз.дона | 4944 | 5317 | 5750 | 5766 | 6337 | 128,2 |
| Асал | тонна | 37 | 36,3 | 36,6 | 36,0 | 36,1 | 97,6 |
| Пашм | тонна | 217 | 220 | 226 | 252,4 | 264,8 | 122,02 |
| Моҳӣ | тонна | | 6,8 | 11,7 | 13,0 | 22,6 | |

Вусъат бахшидан ба рушди соҳаи чорводорӣ, пеш аз ҳама ба заминаи зотпарварии соҳа барои таъмини амнияти озуқавории кишвар ва амалигардонии ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар аҳамияти беандоза дорад. Ин амал бахусус дар ҳолати амалигардонии Барномаи амнияти озуқаворӣ, ки яке аз вазифаҳои он афзун гардонидани истеҳсоли гӯшт, шир, тухм ва таъмини ниёзи мардум бо сафедаи маҳсулоти чорвои аҳамияти бештар пайдо менамояд. Дар баробари ин, яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ тибқи дурнамои рушди соҳа то соли 2020 ин давра ба давра зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводори мебошад.

Дар ҳудуди деҳоти ноҳия 92,0 фисади саршумори чорво ба сектори аҳолӣ (8,0 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ) рост меояд, ки аз рӯи вазни зинда ва маҳсулнокӣ ба талаботи стандарти ҷавобгӯ нест. Дар ҳудуди шаҳру деҳот истифодаи маводҳои хушзоткунии чорво, хизматрасонии зоотехникию байторӣ маҳдуд буда, таъминот ба хӯрока ва захира дуруст ба роҳ монда шудааст.

**Ҷадвали №7** Саршумори чорво дар солҳои 2011-2015 (сар)

| Номгӯи | Сол³о | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | 2015 | |
| | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ | Ҳамагӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ |
| Чорвои калони шохдор | 43142 | 3058 | 43316 | 3079 | 43616 | 3159 | 46944 | 3324 | 49904 | 3742 |
| Аз он ҷумла модагов | 22981 | 898 | 22708 | 912 | 23860 | 968 | 24456 | 1030 | 27556 | 1240 |
| Бузу гусфанд | 86883 | 25602 | 88998 | 2879 4 | 97083 | 30095 | 96372 | 31831 | 99559 | 3305 |
| Асп | 2290 | 850 | 2306 | 850 | 2360 | 850 | 2241 | 859 | 2273 | 866 |
| Парранда | 112038 | 9385 | 112276 | 9507 | 112458 | 12500 | 125745 | 13270 | 130221 | 14324 |

Вазни қиёсии зироатҳои хӯроки чорво дар сохтори заминҳои киштшаванда дар соли 2015 – 12 фоизро ташкил медиҳад, ки таъмин аз рӯи ҳаҷм ва ғизоноки (энергияи таҷзия) ба қадри 50-60 фоиз, моддаи хушк ва протеин дар фасли тобистон 70-80 фоиз, зимистон 45-60 фоиз мерасад, ки омили асосии боздошти пешрафти соҳа мебошад.

Дар оянда зарур аст, ки имконияту захираҳо барои беҳтаргардонии сифатҳои маҳсулнокию зотии чорво тавассути амалигардонии корҳои селексионию зотпарварӣ равона карда шавад. Ҳамчунин, барқарор намудани нуқтаҳо ва стансияҳои бордоркунии сунъии чорво ва таъмини онҳо ба маводҳои зотӣ (чорвои наслдеҳи баландсифат) дар назди ҷамоатҳо яке аз аз ҳадафҳои асосӣ маҳсуб меёбад.

Аз рӯи маълумоти расмии омори дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ 179292 сар чорвои калону майда ба қайд гирифта шудааст, ки 71 фоизи он ба сектори аҳоли тааллуқ доранд. Вале саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ тақозои кунунии бозори дохилиро таъмин карда

наметавонад. Пайваста зиёд намудани саршумори чорво яке аз хадафҳои асосии рушди соҳа дар давраи то соли 2018 маҳсуб ёфта, баҳри таъмини амнияти озуқавори нигаронида шудааст.

Барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи соҳа зеринро фавран андешидан зарур аст:
-зиёд намудани замини кишти зироатҳои хӯроки чорво, махсусан растаниҳои равғандор дар хоҷагиҳо барои хӯроки чорво;
-барои хушзот намудани чорво ташкил намудани базаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда;
-ташкил намудани чарогоҳҳои тобистонаю зимистона;
-зиёд намудани саршумори чорво дар хоҷагиҳое, ки саршуморро кам кардаанд;
-барқарор намудани саршумори чорво дар фермаҳое, ки хусуси гардонида шудаанд.

**Байторӣ.** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ барои сари вақт пешгири намудани касалиҳои сироаткунанда тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкар), зардкасал (лептоспироз), хори (бешенства) ва касалиҳои хуни (гемосипоридозҳо) дар байни чорвои калон, гул, варами шуши моли майдоаи шодор ва вабои мургҳои хонаги (псевдочума) ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сироаткунанда: сӯхтани-100 %, вабои сумдард-20-22 %, гули моли майда 10-15 % барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-10 % ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100 % аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд.

Ҳоло, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 6 нуқтаҳои бордоркунии сунъи вуҷуд дошта (дар маркази ноҳия дар Ҷамоати шаҳраки С. Исоев, дар хоҷагии ба номи Н. Бегов, барои фермаи комплекси чорвопарварӣ), дар ҷамоати деҳоти «Туғаланг» (барои аҳолӣ) ва ҷамоати деҳоти «Узун» фаъолият мекунанд.

Мушикилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи дорувори, мушкил будани дастраснамоии дорувори ва ғайра мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Ташкилоти байналмилалии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кишоварзи ва озуқа (FAO) ваксинаҳо ва дигар доруҳо барои пешгирии касалии буғумдарди моли майдаи шохдор, барои пешгирии касалиҳои қарасон ва зардкасали чорвои калони шохдор, ба мутахассисони байтор тибқи шартномаҳои тарафайн дастрас карда мешавад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Аз ҷумла ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои баъзи чорвои гӯшти ҷиҳати нест

кардани хуну дигар партовҳои нолозим ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф.

Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот ташкил намудани нуқтаи сӯзонидани чорво ва ҷиҳозонидани он бо таҷҳизотҳои замонавӣ (дорои алобмонак (криматория) айни муддаост.

Ҳамзамон, ин метавонад барои сӯзонидани маҳсулотҳои бесифати чорвою парранда ва хӯрокворихо, ки ҳангоми рейдҳои муштараки ташкилотҳои назоратӣ аз фурӯш гирифта мешаванд, мусоидат намояд.

Албатта, номукаммалии маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилоти ба миёномада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ чораҳо сари вақт андешида шаванд.

***Коркарди пӯст ва пашм.*** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ, аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳамияти иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар ноҳия мавҷудбуда, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард истифода намегардад. Тайи 20 соли охир дар ноҳия ҷамъоварии пӯсту пашм ба роҳ монда нашудааст, ки ин ба зарари хоҷагиҳои чорводор мебошад.

**Паррандапарварӣ.** Дар соли 2015 дар ноҳия 130221 сар парранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 13,7 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 86,3 фоиз ба аҳолӣ рост меояд. Бо мақсади рушди соҳаи паррандапарварӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10.2006 №451 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» ба тасвиб расидааст, ки дар заминаи он дар ноҳия бо ҷалби сармояи дохилӣ фабрикаи паррандапарварии ҶДММ «Замина» ташкил карда шуд, ки мутаассифона, бинобар сабаби набудани кушторхона ва қимат будани арзиши аслии маҳсулоти гуштӣ айни ҳол фаъолият намекунад. Айни замон, имконияти ба кор даровардани фабрикаи мазкур мавҷуд буда, дар натиҷаи фаъолият кардани он ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ зиёд мегардад.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Солҳои охир дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия соҳаи занбури асалпарвари низ ривоҷ ёфта истодааст. Шумораи оилаҳои занбури асал сол аз сол афзоиш ёфта истода, соли 2015 оилаи занбури асал ба 2135 адад расидааст, ки нисбати ба соли 2011 беш аз 121 оила зиёд мебошад.

Бо мақсади рушди соҳаи мазкур «Барномаи рушди соҳаи занбӯрпарвари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016»

қабул гардидааст. Тиқи Барномаи мазкур корхонаи воҳиди занбурпарварӣ ва филиалҳои он дар минтақаҳо вазифадор шудаанд, ки ҷиҳати барқарор ва рушди соҳа таъсиси сехҳои тайёр кардани қуттии занбӯри асал, чорчуба, курпача, мумварак ва асбобу анҷоми занбурпарварӣ ба роҳ монда шуда, бо таҷҳизоти дахлдор таъмин карда шаванд. Барои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи асалпарвари ба хоҷагиҳои асалпарвар маблағҳои қарзҳои камфоиз ва дарозмуҳлат зарур мебошад.

**<u>Соҳаи моҳипарв</u>арӣ.** Рушди соҳаи моҳипарварӣ дар қатори дигар бахшҳои кишоварзи яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳоли бо гушт ва дар ин замина нигоҳдории солимии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Маҳсулоти моҳӣ на танҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ, балки дар рушди соҳаи форматсефти ва барқарорсозии тансиҳатии аҳолӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Дар соли 2015 дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот дар заминаи 27 гектар беш аз 5 хоҷагии моҳипарварӣ ташкил карда шуд, ки нисбати соли 2012-7 гектар зиёд мебошад. Истеҳсоли моҳӣ бошад дар ин давра ба 22,6 тонна расонида шуд.

Мушкилии асосие, ки моҳипарварон ба он дучор гардида истодаанд, ин нарасидани озмоишгоҳҳо барои истеҳсоли моҳича, набудани нуқтаҳои махсуси фурӯши хӯроки моҳӣ ва суст будани базаи хӯроки он мебошад. Бинобар сабаби набудани озмоишгоҳҳои махсус моҳипарварони ноҳия моҳичаҳоро аслан аз ноҳияи А. Ҷомӣ, Ҷиликул ва шаҳри Қайрқуми вилояти Суғд меоранд, ки дар натиҷа талафоти зиёд ба миён омада, истеҳсолкунандагон зарари молию пулӣ мебинанд. Дар заминаи хоҷагиҳои амалкунандаи моҳипарвари ташкил намудани озмоишгоҳи истеҳсоли моҳича мувофиқи мақсад буда, барои таъмини аҳоли бо гӯшти моҳӣ мусоидат намуда, ҷиҳати ноил гардидан ба амнияти озуқавори замина мегузорад.

Илова бар ин, сари вақт нагузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ (аз ҷониби сохторҳои дахлдор) дар соҳилҳои дарё, ки дар он ҷо ҳавзҳои моҳӣ бунёд гардидаанд, натиҷаҳои заҳмати чандинсолаи моҳипарваронро зери хатар мегузорад.

**Вазифа ва стратегияи соҳа:**

- ✓ Пурзур намудани тавоноии Маркази хизматрасонии техникаи «Агролизинг»
- ✓ Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва самаранок истифода намудани онҳо:
- ✓ Бунёд намудани боғҳои нав ва барқарорсозии боғҳои кӯҳна;
- ✓ Ворид намудани нуриҳои минералӣ (фосфорӣ, калигӣ ва азотӣ);
- ✓ Ба роҳ монда коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва равнақ додани фурӯши он дар бозори дохилӣ;
- ✓ Бунёд ва васеъ намудани ҳавзҳо барои парвариши моҳӣ ва дар ин замина мустаҳкам намудани базаи хӯрока;
- ✓ Ташкили озмоишгоҳ барои истеҳсоли моҳича;
- ✓ Ташкил намудани дорухонаи байторӣ;
- ✓ Ташкил намудани ҷойи забҳи чорво;

- ✓ Ташкил намудани клиникаи байтори дар сатҳи ҷамоатҳо;
- ✓ Барқарор намудани 3 нуқтаи бордоркунии сунъӣ дар ҷамоатҳои «Гулистон», Калинин ва хоҷагии ба номи С. Ҷумаев;
- ✓ Барқарор намудани бинои стансияи ҳайвонот дар маркази ноҳия;
- ✓ Зиёд намудани оилаи занбӯри асал;
- ✓ Таъсис додани марказ оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасони боғҳо ва заминҳои кишоварзӣ.

*Ҳадафи асосӣ дар 5 соли оянда ин беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда, васеъ намудани майдони боғу токзорҳо дар заминҳои лалмӣ, инкишофи соҳаи пахтакорӣ, сабзавоткорӣ, чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ ва моҳипарварӣ мебошад.*

## 2.2. **Соҳаи саноат.**

**Таҳлили ҳолати кунунӣ.** Саноат соҳаи пешбурди ноҳия ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он  дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 3,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2015 дар ҳудуди ноҳия 25 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад, ки дар онҳо истеҳсоли маҳсулот асосан бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Аз шумораи умумии корхонаҳо 2 ададаш аз фаъолият боз мондаанд, аз ҷумла: ҶДММ «Мумбарорӣ» ва КФ Захира дар Хатлон(комбинати ордбарорӯ). Яке аз сабабҳои асосии фаъолият накардани корхонаҳои номбурда набудани ма³сулот мебошад.

Корхонаҳои саноатии ноҳия дар соли 2015 дар ҳаҷми 94,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки дар қиёс ба соли 2011 –27,5 фоиз ва ё 22,2 млн. сомонӣ кам мебошад.




Яке аз сабабҳои асосии коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ин аз фаъолият боз мондани баъзе корхонаҳои

саноатӣ, бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳо, мавсими будани фаъолияти корхонаҳо ва кучониданида шудани корхонаҳо ба дигар минтақаҳо маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, ҶДММ «Мумбарорӣ» ва ҶДММ «Сангреза» бинобар сабаби маҳдуд будани бозори фурӯш, суст будани низоми менеҷмент ва маркетинг, гарон будани хароҷотҳои истеҳсолӣ (сузишворӣ ва барқ), кӯҳна ва фарсуда гардидани хатҳои технологӣ ва суст будани дастрасӣ бо қарзҳои имтиёзнок (дарозмуҳлат) - и бонкӣ бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи ноҳия;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ноҳия.

**Ҷадвали №1. Ҳолати корхонаҳои саноатӣ дар ноҳия (ба 01.01.2016)**

| № | Номгӯи Корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори Лоиҳавӣ / солона | Иқтидори ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифодабарандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСШК «С. Исоев» | Истеҳсоли нахи пахта | 30000 | 1388 тонна | Аз ҷиҳати техникӣ фарсуда, вале дар ҳолати корӣ қарор дорад | Ба хориҷи кишвар |
| 2 | ҶДММ «Пахтаи Рушти Хатлон» | Истеҳсоли нахи пахта | 15000 | 2083,4 тонна | Дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад | Ба хориҷи кишвар |
| 3 | ҶДММ «Элити Котонна» | Истеҳсоли нахи пахта | 15000 тонна | 1637,1 тонна | Дасгоҳои нави замонави | Ба хориҷи кишвар |
| 4 | ҶДММ «Муҳаймин» | Истеҳсоли хишти пухта ҳаз адад | 40000 | 27 ҳаз адад | Дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва гирду атрофи он |
| | | Истеҳсоли оҳак | 42000 | 38 тонна | | |
| | | Хишти сементи ҳаз адад | 30000 | 2,1 ҳаз дад | | |
| | | Гази табии | | 0 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | ҶДММ «Агро-Фуд голд» | Истеҳсоли орд | 2000 | 501,5 тонна | Аз ҷиҳати техникӣ фарсуда, вале дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва гирду атрофии он |
| 6 | ҶСШК «Мумбарорӣ» | Истеҳсоли хишти пухта | | 0 | Дар ҳолати корношоям қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва гирду атрофии он |
| | | Хишти сементӣ | | 0 | | |
| 7 | ҶДММ «Ориёи Калхозобод» | Истеҳсоли равғани растанӣ | 15000 | 5,9 тонна | Дар ҳолати корӣ | Аҳолии ноҳия ва вилояти Хатлон |
| | | Истеҳсоли кунҷора | 20000 | 44,1 тонна | Кӯҳна ва дар ҳолати корӣ қарор дорад | |
| 8 | «Заводи пивабарори» | Коркарди нушокиҳо | | 0 | Аз ҷиҳати техникӣ фарсуда, вале кор намекунад. | Аҳолии ноҳия |
| 9 | ҶСШК «корхонаи фаръи захира дар Хатлон» | Истеҳсоли орд | | 2,1 тонна | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва гирду атрофии он |
| 10 | ҶДММ «Замина» | Истеҳсоли қувваибарқ | 10000 м2 | 850 м2 | Аз ҷиҳати маънавӣ куҳнаю фарсуда, вале коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 11 | ҶДММ «Ҷ. Румӣ» | Истеҳсоли қум ва шағал | 5000 Тонна | 2360 тонна | Дар ҳолати корӣ қарор дорад (Қис нав ва кӯҳна) | Аҳолии ноҳия |
| | | Қубури пластики мтр | 7000 метр | 2750 метр | | |
| 12 | ҶДММ «Навбаҳор-2013» | Истеҳсоли қутии шарти (консерва) | | 26700 Қутии шарти | Дар ҳолати хуби корӣ | Аҳолии ноҳия |
| 13 | ҶДММ «Кушониён» | Итеҳсоли хишти сементи | - | 26800 Ҳазор адад | Дар ҳолати корӣ қарор дорад (Қис нав ва | Аҳолии ноҳия ва минтақа и |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | кӯҳна) | Хатлон |
| 14 | ҶДММ «Шоҳсутуни Сомонӣ» | Истеҳсоли қуму шағал м3 | | 13583,м 2 | Дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ноҳия ва минтақаи Хатлон |
| 15 | ҶДММ «Акбарҷон 2013» | Истеҳсоли қанди сафед тонна | | 7,4 тонна | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия ва минтақаи Хатлон |
| | | Истеҳсоли донаги тонна | | 7,5 тонна | | |
| 16 | ҶДММ «Масолеҳи сохтмони Сомониён» | Итеҳсоли шифри тунукаги м2 | | 170 м2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия ва минтақаи Хатлон |
| | | Истеҳсоли мебел | | 379 адад | | |
| | | Истеҳсоли дару тирезаҳои пластики м2 | | 8,9 м2 | | |
| 17 | ҶДММ «Ғолибҷон Холов» | Истеҳсоли нон ва маҳсулоти нони тонна | | 8,4 тонна | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия |
| 18 | ҶДММ «Сангреза» | Истеҳсоли шағал | | 0 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия |
| 19 | ҶДММ «Баҳодур 90» | Истеҳсоли дар ва тирезаҳои плстики м2 | | 200 м2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия |
| 20 | ҶДММ «Акбар пласт» | Истеҳсоли дар ва тирезаҳои плстики | | 0 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия |
| 21 | ҶДММ «Шириниҳои Шукролна» | Истеҳсоли рулет тонна | | 8,2 | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия |
| 22 | ҶДММ «Маркази ҳунаромузи» | Истеҳсоли либосҳои мардона ва занона | | 277 | Таҷҳизотҳои нави замонавӣ | Аҳолии ноҳия |
| 23 | ҶДММ «Румигаз» | Истеҳсоли газ ҳ.м3 | | | Таҷҳизотҳои нав | Аҳолии ноҳия |
| 24 | ҶДММ | Истеҳсоли | | 923,,2 | Таҷҳизотҳо | Аҳолии |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | «Фархунада Баҳор» | дар ва тирезаҳои пластики м 2 | | | и нав | ноҳия |
| 25 | ҶДММ «Бобои Ҳӯсайн» | Истеҳсоли шағал м3 | | 2248 м2 | Таҷҳизотҳо и нав | Аҳолии ноҳия |

Таҷҳизотҳои қисме аз корхонаҳои саноатии ноҳия кӯҳна ва аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нестанд. Бинобар ин маҳсулоти истеҳсолшудаи онҳо чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори беруна рақобатпазир нест.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №108 “Дар бораи Нақшаи амал оид ба таъсиси корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015” дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ бунёди корхонаи саноатӣ оид ба коркарди шир бо и¥тидори 100 тонна шир дар як сол бо ташкил намудани 10 ¿ои корû, корго³и коркарди меваю сабзавот бо и¥тидори 300 тонна афшурдаи мева дар як сол бо ташкили 30 ¿ои корû, корго³и д¢зандагû бо и¥тидори 500 адад с¢зани ва курта³ои занона дар як сол бо ташкили 15 ¿ои корû ва корго³и д¢зандагû бо и¥тидори 300 адад с¢занû ва курта³ои занона дар як сол бо ташкил намудани 10 ¿ои корû дар назар дошта шудааст.

Дар доираи Барнома таҷҳизонидани корхонаҳо бо технологияи нав ва пурра ба фаъолият даровадани иқтидорҳои мавҷудаи онҳо, таъсиси корхонаҳои нави хурду миёна ва дар ин замина афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ яке аз афзалиятҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад.

**Иқтидори мавҷуда.** Дар ноҳия аз канданиҳои фоиданок газ, нафт ва масолеҳи сохтмонӣ мавҷуд аст. Кони гази Қизлтумшуқ яке аз конҳои ояндадоре ба ҳисоб меравад, ки дар минтақаи аҳолинишин ва азхудгардида ҷойгир шудааст. Гази ин кон барои бо газ таъмин намудани аҳолии ноҳия, шаҳри Қурғонтеппа, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои гирду атрофии он истифода мешавад.

Дар айни замон дар қаламрави ноҳия чандин майдонҳои ояндадор барои пармакории чоҳҳои аниқи нафту газ ошкор карда шудаанд. Корҳои ҷустуҷӯию геологӣ дар ҳудуди ноҳия дар асоси истифодаи васеи техникаи вазнин анҷом мегиранд, барои азхудкунии чоҳҳои зарурӣ бошад, истифодаи техника ва таҷҳизоти навтарин зарур аст.

Илова бар ин, шароити табиии ноҳия ва мавқеи ҷойгиршавии он барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мусоид мебошад. Аз ноҳия магистрали роҳи оҳани «Москва-Тирмиз-Қурғонтеппа» ва роҳи мошингарди аҳамияти ҷумҳуриявӣ доштаи «Душанбе—Панҷ», «Тирмиз – Шаҳритус - Ҷалолиддини Румӣ - Вахш» мегузаранд, ки ноҳияро бо дигар марказҳои саноатии вилояти Хатлон ва дар ҷануби мамлакат тавассути бандари Панҷи поён дар дарёи Амударёи бо сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пайваст мекунад.

**Ҷанбаҳои экологӣ.** Якчанд корхонаҳои саноатии ноҳия, шиносномаи экологӣ доранду халос. Дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи ҳисоботи оморӣ 2-тп (ҳаво) дар солҳои 2011-2015 чунин аст

| Номгӯи моддаҳои зараровар | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 102,594 | 104,44 | 51,935 | 171,6 | 172,1 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 55,08 | 45,07 | 41,498 | 140,25 | 140,6 |
| Газмонанд ва моеъ, | 30,68 | 58,27 | 9,56 | 23,72 | 23,91 |
| CO (оксиди карбон) | 12,6 | 1 | - | 30,22 | 30,28 |
| NOx (оксиди нитроген) | 4,234 | 0,1 | 0,877 | 1,29 | 1,87 |

Мушкилиҳои соҳа:

- аз кор боз мондани баъзе корхонаҳо баъд аз хусусӣ гардонидани онҳо;
- баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва мӯҳлати кӯтоҳи баргардонии онҳо;
- маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ барои дастгирии молиявии корхонаҳо;
- кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти таъмини инноватсионии корхонаҳо;
- истифодаи сусти усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;
- ҷалби нокифояи сармоягузориҳои дохилию берунӣ барои рушди соҳа;
- имкониятҳои маҳдуд ҷиҳати истифодаи самараноки такрористеҳсол.

## 2.1. Соҳибкории хурду миёна.

**Зарурияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ**. Соҳибкорони хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия нақши калон мебозанд. Ҳаҷми маҳсулоте, ки аз ҷониби соҳибкории хурду миёна истеҳсол мешавад, сол то *Ҳаҷми ваоридоти маблағҳо ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии СХМ (ҳаз. сомонӣ)*.сол тамоюли болоравӣ дорад.

***Диаграммаи №1.*** *Ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби* маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии СХМ (ҳаз.сомонӣ)



СХМ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ бахусус дар самти хоҷагии қишлоқ нақши беандоза мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар сектори хусусӣ 60 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1: Шумораи субъектони СХМ аз рӯи соҳаҳо*
*(ба ҳолати 01.01.2015.)*

| *Соҳаҳои иқтисодӣ* | *Шумораи субъектҳои ба қайдгирифта* | |
|---|---|---|
| | *Шахсони ҳуқуқӣ* | *Шахсони воқеӣ* |
| Хоҷагии қишлоқ бо назардошти коркард | 768 | 1526 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 8 | - |
| Тиҷорат | 286 | 1529 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 29 | 18 |
| Сохтмон | 6 | - |
| Хизматрасонии молиявӣ | 15 | - |
| **Ҳамагӣ:** | **1112** | **3073** |

Таи чор соли охир аз рӯи воридоти маблағҳо ба буҷети маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо кишоварзӣ дар ҷои аввал, савдо ва хизматрасонӣ дар ҷои дуввум ва саноат дар ҷои сеюм меистад.

*Ҷадвали №2. Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз СХМ (ҳазор сомонӣ)*

| *Соҳаҳо* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 7926,9 | 12319,6 | 18428,2 | 18111,5 |
| Саноат | 2463,0 | 3125,0 | 6822,4 | 2438,9 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 2057,6 | 2323,5 | 2753,1 | 3051,0 |
| **Ҳамагӣ** | **12447,5** | **17768,1** | **28003,7** | **23601,4** |

***Мушкилии соҳибкорӣ.*** Мушкилии асосие, ки ба инкишофи соҳибкорони хурду миёна дар ноҳия халал мерасонад, аз инҳо иборат аст: набудани маблағи хусусӣ барои сармоягузорӣ ва бизнес; мушкилот дар дастрасӣ ба қарз (сатҳи баланди фоизи қарз, содда набудани бақайдгирӣ, амонат мондани ашё барои қарзгирӣ), монеаҳои маъмурӣ, ҳамзамон набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо.

***Хизматрасонӣ барои рушди бизнес.*** Ба сатҳи баланди фоиз нигоҳ накарда талабот байни соҳибкорони хурду миёна ба қарзи бонкӣ дар ноҳия хело зиёд аст. Дар ҳудуди ноҳия якчанд ташкилотҳои ғайридавлатии қарздиҳии хурд, аз ҷумла «Эсхата», «Ориёнбонк» ва филиалҳои Амонатбонк, Агроинвестбонк ва Тоҷиксодиротбонк фаъолият доранд. Дар солҳои 2011-2015 тавассути бонкҳо 63,1 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла, кишоварзӣ – 10,6 млн. сомонӣ, саноат 2,3 млн. сомонӣ, соҳибкорӣ 32,4 млн. сомонӣ, сохтмон – 9,2 млн. сомонӣ, талаботӣ иҷтимоӣ – 6,1 млн. сомонӣ ва дар дигар соҳаҳо 2,5 млн. сомониӣ қарз дода шудааст.

Ташкилотҳои қарздиҳии ноҳия фаъолияти худро асосан баҳри рушди соҳаҳои кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва саноат нигаронидаанд. Дар ин самт суст будани маблағгузорӣ ба соҳаҳои сохтмон ва қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.

Тӯли панҷ соли охир дар ноҳия дар самти пешниҳоди қарзҳо филиали “Тоҷиксодиротбонк” дар ҷои аввал (54,4 фоиз), дар ҷои дуввум филиали “Агроинвестбонк” (39,0 фоиз) ва дар ҷои сеюм филиали “Амонатбонк” (5,7 фоиз) меистад.



Ҳамзамон дар солҳои 2011-2015 тавассути бонкҳо интиқоли малағҳо аз хориҷи кишвар аз муҳоҷирони меҳнатӣ 50,1 млн. доллари ИМА, 427,2 млн рубли русӣ ва 4,3 ҳазор евро ворид шудааст.

*Ҷадвали №3.* Маълумот оид ба интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар ба воситаи филиали бонкҳои дар ноҳия фаъолиятдошта.

(ҳазор сомонӣ).

| **Номгӯи бонкҳо** | **Сол** | **Доллар** | | **Руссӣ** | | **Евро** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Шумора (нафар)** | **Маблағ** | **Шумора (нафар)** | **Маблағ** | **Шумора (нафар)** | **Маблағ** |
| Агроинвестбонк | 2011 | 10368 | 5879,3 | 26744 | 224737,6 | 9 | 3,3 |
| | 2012 | 5809 | 3924,1 | 19630 | 148456,9 | 19 | 11,0 |
| | 2013 | 2875 | 2180,1 | 17312 | 165264,2 | 4 | 9,3 |
| | 2014 | 2593 | 1622,7 | 23235 | 227135,2 | 9 | 16,2 |
| | 2015 | 1598 | 843590 | 19111 | 247421,9 | 2 | 2000 |
| Амонатбонк | 2011 | 6596 | 4209,5 | 22871 | 393668,1 | 4 | 2250 |
| | 2012 | 8102 | 4372,3 | 35650 | 334491,1 | 12 | 3,2 |
| | 2013 | 7503 | 3760,4 | 58955 | 565993,6 | 4 | 0,7 |
| | 2014 | 3690 | 11880,7 | 51027 | 505484,4 | 1 | 3,0 |
| | 2015 | 2217 | 1424587 | 52868 | 538991,6 | 0 | 0 |
| Тоҷиксодиротбонк | 2011 | 976 | 651,3 | 3619 | 27018,4 | | |
| | 2012 | 33 | 15,1 | 368 | 3975,7 | | |
| | 2013 | 12 | 3,8 | 150 | 1997,0 | | |
| | 2014 | | | 27 | 244,0 | | |
| | 2015 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Эсхата бонк | 2011 | 252 | 151,5 | 1246 | 11014,6 | | |
| | 2012 | 4108 | 2559,7 | 23808 | 70950,5 | | |
| | 2013 | 1621 | 952,4 | 7767 | 71272,2 | | |
| | 2014 | 75 | 20,6 | 1057 | 5,9 | 5 | 0,9 |
| | 2015 | 71 | 19696 | 1027 | 12139,9 | 0 | 0 |
| Ориёнбонк | 2011 | 11177 | 8286,1 | 38040 | 351576,0 | 33 | 16,0 |
| | 2012 | 472 | 397,0 | 3169 | 31287,6 | 3 | 1,2 |
| | 2013 | 2142 | 1585,7 | 22749 | 210050,1 | 13 | 4,3 |
| | 2014 | 3454 | 1227,8 | 23596 | 220292,7 | | |
| | 2015 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Ҷамъ:** | | **65376** | **50088,6** | **427282** | **4138773** | **109** | **4317,8** |

Ҳоло соҳибкорони ноҳия ба кӯмакӣ машваратии профессоналӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ), таҷҳизотҳои лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба ахборот, ҳамчунин дастрасӣ бо сохтори кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

*Ҷадвали №4. Иттилоот оид ба фаъолияти қарздиҳӣ дар солҳои 2011-2015 (ҳаз.сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзҳои додашуда | Шумораи қарзгирандагон | Бахшҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Соҳибкорӣ | Сохтмон | Талаботҳои иҷтимоӣ | Дигар соҳаҳо |
| Филиали «Амонатбонк» | 2011 | 209,3 | 104 | 209,3 | | | | | |
| | 2012 | 501,8 | 186 | 500,9 | | 0,9 | | | |
| | 2013 | 959,4 | 267 | 934,0 | | 25,4 | | | |
| | 2014 | 1905,2 | 451 | 1905,2 | | | | | |
| | 2015 | 3941,7 | 343 | 3641,7 | | | | | |
| Ҳамагӣ: | X | **7517,4** | **1351** | **7191,1** | | **26,3** | | | |
| Филиали «Агроинвестбонк” | 2011 | 4736,4 | 258 | 1344,6 | 144,7 | 1269,4 | 578,7 | 848,9 | 550,1 |
| | 2012 | 5973,2 | 269 | 2372,1 | 14,3 | 1869,2 | 57,2 | 1124,3 | 536,1 |
| | 2013 | 5142,7 | 289 | 969,9 | 14,9 | 1773,9 | 59,4 | 1781,9 | 542,7 |
| | 2014 | 5793,2 | 362 | 775,1 | 12,5 | 2214,0 | 49,8 | 2177,4 | 564,4 |
| | 2015 | 1474,6 | 381 | 292,5 | 43,5 | 258,5 | | 618,3 | 261,9 |
| **Ҳамагӣ:** | X | **23120,1** | **1559** | **12945,3** | **229,9** | **7385** | **745,1** | **6550,8** | **2455,2** |
| Филиали «Тоҷиксодирот бонк” | 2011 | | | | | | | | |
| | 2012 | | | | | | | | |
| | 2013 | 15465,0 | 831 | 150,3 | 607,0 | 12045,2 | 2428,0 | 94,5 | 140,0 |
| | 2014 | 18881,8 | 354 | 63,8 | 1315,5 | 12050,3 | 5262,1 | 12,3 | 177,8 |
| | 2015 | 70967,3 | 182 | 83,8 | 3421,7 | 3543,1 | 5321,4 | 12,6 | 35,6 |
| Ҳамагӣ: | X | **105314,1** | **2926** | **297,9** | **5344,2** | **35023,6** | **13011,5** | **119,4** | **353,4** |
| Ташкилоти қарздиҳии хурди “Эсхата бонк” | 2011 | | | | | | | | |
| | 2012 | | | | | | | | |
| | 2013 | 2543,9 | 406 | 694,3 | 117,5 | 1177,6 | 470,1 | 76,9 | 7,5 |
| | 2014 | 1007,2 | 195 | 693,3 | 73,0 | 13,5 | 291,6 | | |
| | 2015 | 13607,4 | 49 | 1094,3 | 370 | 210,5 | 294,3 | | |
| Ҳамагӣ: | X | **17158,5** | **650** | **2779,8** | **560,5** | **1401,6** | **1056** | **76,9** | **7,5** |
| **Ҳамагӣ дар чор сол** | | **153110,1** | **6486** | **23214,1** | **6134,6** | **43836,5** | **14812,6** | **6747,1** | **2816,1** |

Саҳми соҳибкорони маҳаллӣ дар рушд ва пешрафти соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёти ноҳия назаррас арзёбӣ мегардад. Бо мақсади рушди соҳаи соҳибкории хурду миёна дар сатҳи ноҳия «Шӯрои соҳибкорони

ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ» ташкил карда шудааст, ки самти асосии фаъолияти он ба сари вакт бартараф намудани монеаҳое, ки сади роҳи рушди саҳа мегарданд, нигаронида шудааст.

*Нақшаи 1. Сохтори Шӯрои соҳибкорони ноҳияи Ҷ. Балхӣ*




Ҷаласаҳои Шӯрои мазкур дар ҳар як квартал як маротиба гузаронида шуда, дар он тамоми паҳлуҳои масъалаҳои ҳалталаби рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

## 2.4. Сохтмон

Дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ 10 ташкилоти сохтмонӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 253 нафар кормандон фаъолият мекунанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷуда дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмони буда, беш аз 29 ададро ташкил мекунад. Дар ноҳия асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, таъмиру баркарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст

**Ҷадвали №1.Иҷрои корҳои пудратӣ**
**дар ташкилотҳои сохтмонии ноҳия дар солҳои 2014 - 2015**

(ҳазор сомонӣ)

| № | Номгӯи ташкилотҳо | Шартномаи пудратӣ | Корҳои пудратии | Дар соли 2014 | Фоизи иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | ичрошуда (соли 2015) | | Нис. пудратӣ | Нисбат ба соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «МПМК Колхозобод» | 353,0 | 353,0 | 355,3 | 100 | 99,3 |
| 2 | ҶДММ «Абдурасул» | 1564,3 | 1499,8 | 1186,1 | 95,8 | 126,4 |
| 3 | ҶДММ «Нусратулло» | | | | | |
| 4 | ҶДММ «Баҳор» | 387 | 387 | - | 100 | - |
| 5 | ҶДММ «Сохтмон Бунёдкор» | - | - | 419,8 | - | - |
| 6 | ҶДММ «Шавкат» | 971,9 | 971,9 | - | 100 | - |
| 7 | ҶДММ «Шоҳсутуни Сомониён» | 41,6 | 41,6 | 1898,6 | 100 | 2,2 |
| | **Ҳамагӣ :** | **3317,8** | **3253,3** | **3859,8** | **243,0** | **18,8** |

Таҳлил нишон медиҳад, ки тамоми корҳои сохтмониро дар ноҳия ташкилотҳои номбурда амалӣ менамоянд.

Ҳамзамон, тавассути ташкилотҳои мазкур тӯли солҳои 2014-2015 сохтмони 25 иншооти ҷашнӣ ба анҷом расонида шуд, ки дар бунёди онҳо маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардид.

Дар солҳои минбаъда низ тамоми корҳои сохтмонию барқарорсозӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо амалӣ карда мешаванд, зеро ташкилотҳои номбурда бо техника ва дигар таҷҳизотҳои сохтмонӣ муҷаҳаз мебошанд.

То соли 2020 дар ноҳия сохтмону барқарорсозии зиёда аз 16 иншоот аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ба нақша гирифта шудааст, ки сохтони онҳо аз тарафи ташкилотҳои номбурда амалӣ мешаванд. Ҳамзамон, дар ноҳия 5 иншооти сохтмонаш нотамом боқӣ мондааст.

Дар ноҳия 2 ҷамоати шаҳрак ва 6 ҷамоатҳои деҳот мавҷуд мебошад, ки тараққиёти онҳо дар асоси нақшаҳои генералӣ, ки дар солҳои 1971 – 1991 таҳия гардидааст, амалӣ гардида истодаанд. Нақшаи генералии маркази ноҳия, Ҷамоати шаҳраки С. Исоев аз тарафи Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар»-и шаҳри Душанбе тасҳеҳ гардида, барои корҳои баанҷомрасида то имрӯз ба маблағи 159,2 ҳаз. сомони масраф гардидааст.

Дар ноҳия 58 маҳалли аҳолинишин бо нақшаи муфассали таҳррезии махал таъмин мебошанд, ки дар солҳои 1971-1991 тарҳрези гардидааст. Дар ин маҳалхо асосан сохтмони биноюю иншоотҳо қисман ба анҷом расида, як қисми онҳо нотамом буда, қисми дигараш аз сабаби набудани маблағ оғоз нагардидаанд. Дар айни замон сохтмонҳо ба таври комплекси дар ноҳия амали нагардида истодааст. Сохтмонҳо асосан аз тарафи сохибкорон ва сармоягузорон инчунин аз тарафи раёсати сохтмони асосии вилоят ва ноҳия амали гардида истодаанд.

Лоиҳаи банақшагирии ноҳияви мавҷуд буда, он соли 1971 таҳия гардидааст ва тасҳеҳро талаб менамояд.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи сохтмон:**

- набудани биноҳои зебову замонавӣ ва кӯҳнаю фарсуда гардидани иншоотҳои асосии соҳаҳои хоҷагии халқ;
- маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ барои маблағгузорӣ намудани объектҳои нотамоми сохтмонӣ;
- кӯҳнаю фарсуда гардидани китобхонаи марказӣ ва набудани таҷҳизотҳои замонавӣ дар он;
- баланд будани нархҳои масолеҳи сохтмонӣ.

## БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

### 3.1. Соҳаи маориф.

Соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимест, ки барои рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳимми расидан ба рушди устувор ва одилона аст. Системаи маориф дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти хушсифат идора шуда истода, айни замон ҷиҳати ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба ислоҳоти бунёдӣ эҳтиёҷ дорад.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Шумораи аҳолии ноҳия аз рӯи маълумотнокӣ тибқи баруихатгирии аҳолии соли 2010 чунин аст: дорои маълумоти *олии касбӣ* 3830 нафар (аз ҷумла, 636 нафар зан), дорои *маълумоти олии касбии нопурра 868 нафар (*аз ҷумла, 186 нафар зан*) ва дорои маълумоти миёнаи умумӣ 57350 нафар (*аз ҷумла, 29202 нафар зан*).*

Фаъолияти асосӣ барои ҳалли тамоми вазифаҳои Барномаи рушди ноҳия дар соҳаи маориф аз инҳо иборатанд: а) барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон; б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ; в) сохтани мактабҳои нав; г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо.

Дар со³аи маорифи ноҳия - 14 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 53 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 9 мактаби таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 2 гимназия, 1 мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ, 1 Маркази таълимӣ-касбинтихобкунӣ, 1 Маркази дарёфти Рушди истеъдодҳо, 1 Маркази информатсионӣ комуникатсия ва 1 Маркази таҳсилоти иловагӣ ноҳия фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии мактабҳо 70 мактаб ба забони тоҷикӣ, 1 мактаби тоҷикию руссӣ амал доранд. Илова бар ин дар ноҳия 1 адад Коллеҷи тиббӣ (филиали Коллеҷи тиббии шаҳри Қурғонтеппа), 1 Колеҷи энергетикӣ, фаъолият доранд.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳия 14 боғчаи кӯдакон (дорои 63 гурӯҳ: фаъолият мекунад, ки 1306 нафар кӯдакон ба он фаро гирифта шудааст. Илова ба ин, бо мақсади беҳтар намудани дастрасии кӯдакон

ба таҳсилоти томактабӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ 64 гуруҳҳои тайёрӣ бо фарогирии 1114 нафар ба таълиму тарбия фаро гирфта шудааст.

Фарогирии кӯдакон (синни 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ 12,6 %- ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандиҳандаи хеле паст арзёбӣ мегардад.

Талабот ба муассисаҳои томактабӣ дар ноҳия зиёд аст, вале аз сабаби маҳдуд будани ҷой ва набудани кӯдакистон на ҳамаи кӯдакон ба он дастрасӣ доранд (зиёда 70 нафар барои ҷой дархост намудаанд). Дар кӯдакистонҳои мавҷуда 64 нафар мураббӣ бо маълумоти педагогӣ ба таълиму тарбияи наврасон машғул мебошанд.

***Ҷадвали №1. Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ***

| | *Нишондодҳо* | *Солҳо* | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2012* | | *2013* | | *2014* | | *2015* | |
| | | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* |
| *1* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии №1* | *163* | *76* | *176* | *83* | *180* | *88* | *183* | *85* |
| *2* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии №2* | *51* | *21* | *53* | *25* | *55* | *27* | *58* | *26* |
| *3* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии №3* | *40* | *22* | *42* | *19* | *44* | *21* | *49* | *27* |
| *4* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии №4* | *68* | *29* | *73* | *32* | *75* | *38* | *76* | *36* |
| *5* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии №5* | *155* | *46* | *157* | *49* | *160* | *53* | *164* | *57* |
| *6* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии №6* | *158* | *52* | *161* | *66* | *164* | *72* | *165* | *73* |
| *7* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№7* | *123* | *53* | *128* | *59* | *132* | *65* | *135* | *67* |
| *8* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№8* | *43* | *16* | *41* | *10* | *44* | *11* | *46* | *16* |
| *9* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№11* | *43* | *24* | *47* | *22* | *50* | *27* | *52* | *28* |
| *10* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№12* | *67* | *28* | *71* | *27* | *74* | *31* | *75* | *32* |
| *11* | *Муассисаи таҳсилоти* | *59* | *25* | *62* | *28* | *65* | *31* | *66* | *32* |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *томактабии№13* | | | | | | | | |
| *12* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№15* | *84* | *37* | *99* | *41* | *104* | *48* | *104* | *46* |
| *13* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№16* | *101* | *41* | *108* | *38* | *112* | *42* | *113* | *42* |
| *14* | *Муассисаи таҳсилоти томактабии№17* | *43* | *18* | *45* | *12* | *47* | *14* | *48* | *16* |
| | *Гуруҳҳои тайёрӣ* | | | | | | | | |
| ***Ҳамагӣ:*** | | ***1198*** | ***488*** | ***1263*** | ***511*** | ***1306*** | ***568*** | ***1334*** | ***583*** |

Сабаби асосии ба муассисаҳои томактабӣ пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон норасогии боғчаҳо ва таъмирталаб будани муассисаҳои томактабии мавҷуда, аз кор баромадани системаи гармидиҳӣ, кӯҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои обу ташноб, нарасидани воситаҳои таълимӣ ва ғайра мебошад. Ин мушкилотро қариб дар ҳамаи муассисаҳои томактабӣ дидан мумкин аст.

Мушкилоти дигар ин ба таъмири асосӣ ниёз доштани боғчаи кӯдаконаи №1, №2, №6 ва №7 мебошад. Дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани системаи зарурии гармидиҳӣ биноҳо ба воситаи таҳҷизоти гармидиҳии алобӣ (печкаҳо) гарм карда мешаванд. Айни замон, дар ноҳия ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати инфрасохторӣ мавҷуда, фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ва ҷалби аҳли ҷомеа ба корҳои бунёдкорию созандагӣ сохтмони боғчаи кӯдаконаи №3 ба анҷом расида, ба истифода дода шудааст, ки дар он 96 нафар кӯдакон ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Мушкилоти дигари ташвишовар ин набудани системаи оби нӯшокӣ дар муассисаҳои томактабии №7 ва №15 ба ҳисоб меравад. Кӯдакони ин муасссиса обро аз арик истифода бурда, новобаста аз оне, ки об ҷушонида мешавад, аммо он бе шак ба талаботҳои муосири санитарӣ ва гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Таъмин намудани муассисаи мазкур бо оби нӯшокӣ метавонад як қатор мушкилотҳоро бартараф намуда, сади роҳи паҳншавии ҳар гуна касалиҳо гардад.

Бо мақсади беҳтар намудани дастгирии молиявии муассисаҳои томактабӣ ҳамасола аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори ноҳиявӣ (сарпарастон) кӯмакҳои амалӣ расонида мешавад. Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа ва дар ин замина беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва инфрасохтори мавҷуда ин ҷалби бахши

хусусӣ ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, то кунун дар ноҳия ягон муассисаи томактабии хусусӣ вуҷуд надорад. Аз ин нуқтаи назар ташкил намудани муассисаҳои томактабии хусусӣ метавонад ба муҳити рақобати софдилона ва табиӣ таъсири мусбӣ расонад.

***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 39899 нафар баробар буда, аз ин 18859 нафар ва ё 42,3 фоизшонро духтарон ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №2. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011-2012 | | | | 2012 -2013 | | | | 2013 -2014 | | | |
| Синфҳо | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| Гурӯҳи тайёрӣ | | | | | | | | | | | | |
| I. | 3804 | 1995 | 1809 | 47,6 | 3499 | 1808 | 1691 | 48.3 | 3536 | 1817 | 1719 | 48.6 |
| II. | 3687 | 1948 | 1739 | 47,2 | 3901 | 2024 | 1877 | 48.1 | 3625 | 1849 | 1776 | 49.0 |
| III. | 3806 | 2044 | 1762 | 46,3 | 3699 | 1950 | 1749 | 47.3 | 3885 | 1998 | 1887 | 48.6 |
| IV | 3637 | 1939 | 1698 | 46.7 | 3799 | 2037 | 1762 | 46.4 | 3622 | 2209 | 1713 | 47.3 |
| Ҳамагӣ I-IV | **14934** | **7926** | **7008** | 46.9 | **14898** | **7819** | **7079** | 47.5 | **15668** | **8573** | **7095** | 45.3 |
| V. | 3900 | 2000 | 1900 | 48.7 | 3634 | 1950 | 1684 | 46.3 | 3731 | 1997 | 1734 | 46.5 |
| VI. | 3870 | 2051 | 1819 | 47,0 | 3864 | 1980 | 1884 | 48.8 | 3576 | 1915 | 1661 | 46,4 |
| VII. | 3827 | 2060 | 1767 | 41.2 | 3867 | 2052 | 1815 | 46.9 | 3816 | 1980 | 1836 | 48.1 |
| VIII. | 3593 | 1870 | 1723 | 48.0 | 3801 | 2041 | 1760 | 46.3 | 3788 | 2015 | 1773 | 46.8 |
| IX | 3366 | 1792 | 1574 | 46.8 | 3543 | 1845 | 1698 | 47.9 | 3688 | 1976 | 1712 | 46.4 |
| Ҳамагӣ V-IX | **18556** | **9773** | **8783** | 47.3 | **18709** | **9868** | **8841** | **47.3** | **18599** | **9883** | **8716** | 46.9 |
| X | 3053 | 1590 | 1463 | 47,9 | 2759 | 1474 | 1285 | **46.6** | 2913 | 1554 | 1359 | 46,7 |
| XI | 2611 | 1521 | 1090 | 41.7 | 2694 | 1523 | 1171 | **43.5** | 2432 | 1351 | 1081 | 44,4 |
| Ҳамагӣ X-XI | **5664** | **3111** | **2553** | 45.10 | 5453 | 2997 | 2456 | 45.0 | 5345 | 2905 | 2440 | 45,7 |
| Ҳамагӣ: | **39154** | **20810** | **18344** | **46.9** | **39060** | **20684** | **18376** | **47.0** | **38671** | **20393** | **18278** | 47,3 |

| | Солхо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2014-2015 | | | |
| Синфҳо | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| Гурӯҳи тайёрӣ | | | | |
| IV. | 4257 | 2222 | 2035 | 47,8 |
| V. | 4021 | 2044 | 1977 | 49,1 |
| VI. | 3683 | 1898 | 1785 | 48,4 |
| IV | 3579 | 1818 | 1761 | 49,2 |
| Ҳамагӣ I-IV | **15540** | **7982** | **7558** | 48,6 |
| V. | 3840 | 1987 | 1853 | 48,2 |
| VI. | 3601 | 1922 | 1679 | 46,6 |
| VII. | 3680 | 1978 | 1702 | 46,2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *VIII.* | *3482* | *1867* | *1615* | 46,3 |
| *IX* | *3711* | *1928* | *1783* | 48,04 |
| *Ҳамагӣ V-IX* | **18314** | **9682** | **8632** | 47,1 |
| *X* | *3169* | *1739* | *1430* | 45,1 |
| *XI* | *2876* | *1637* | *1239* | 43,08 |
| *Ҳамагӣ X-XI* | ***6045*** | ***3376*** | ***2669*** | 44,1 |
| *Ҳамагӣ:* | **39899** | **21040** | **18859** | **47,2** |

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз мактаб берун мондани хонандагон баъд аз хатми синфи 9-10 мебошад.

Таҳлили солҳои охир нишон дод, ки ҳангоми аз синфи 9 то 11 гузаштан 15-16 фоизи шумораи духтарон афзоиш ёфтааст, ки дар соли 2015 шумораи умумӣ – 6045 нафар аз онҳо писарон -3376 ва духтарон-2669 нафарро дар бар мегирад.




Сабабҳои асосии коҳиш ёфтани шумораи хонандагони синфҳои болоӣ ин ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисме аз писарбачагон аз оилаҳои камбизоат, идома додани таҳсили қисми дигари писару духтарон дар коллеҷи тиббӣ, ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳру деҳот рафтан ё ба шавҳар баромадани духтарон (дар ҳолатҳои махсус), касод будани буҷаи оилавӣ барои таъмини хонандагон бо сару либосу таҷҳизоти мактабӣ ва дур будани роҳи мактаб аз маҳалли истиқомат мебошад.

Аз шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2015 - 2016 (39899 нафар) 62,5 фоиз дар басти аввал, 36,1 фоиз дар басти дуюум ва 1,4 фоиз дар басти сеюм таҳсил менамоянд.




Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 талаба муқаррар гардидааст. Айни замон, дар баъзе мактабҳо шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 34-36 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат намекунад.

Солҳои охир мушкилоти дигари мавҷудаи системаи маориф ин нарасидани синфхонаҳои таълимӣ дар мактабҳо мебошад. Ин мушкилотро бештар дар мактабҳои № 9, 26, 28, 35, 38, 40, 53 ва 64 мушоҳида намудан мумкин аст.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз нарасидани озмоишгоҳҳои фаннӣ (химия, биология, физика), воситаҳои таълимӣ (мизу курсӣ, тахтаи синфӣ, генераторҳои барқӣ ва ғайра) танқисӣ мекашанд.

*Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат*. Бо мақсади бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010. №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд” ҳар нимсола ба 15 фоизи онҳо ҷубронпулӣ ба миқдори 20 сомонӣ пардохт карда мешавад.

Дар ноҳия соли 2015 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аслан хонадагоне, ки яке волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак)) ба мактаб аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 4901 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 196 ҳазор сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 40 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст.

Айни замон, дар ноҳияи 60 кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамоянд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

Мушкилии ҷойдошта, аз қабили нокифоягии китобҳои дарсӣ ва маводи методии замонавӣ вазъи соҳаи маорифро боз ҳам мушкилтар гардонида, барои рушди он садди роҳ мегарданд. Сифати таълим, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагон моро имрӯз қаноатманд кунонида наметавонад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба тақозои кунунӣ мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

**<u>Таъминот бо омӯзгорон</u>**. Дар соли 2015 дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2143 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 942 нафар ва ё 43,9 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №3. Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Соли 2015 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1764 | 1815 | 1899 | 2143 | 121,5 |
| аз ҷумла, занон | 787 | 823 | 844 | 942 | 119,7 |
| Дорои маълумоти олӣ | 983 | 1051 | 1191 | 1348 | 137,1 |
| аз ҷумла, занон | 299 | 341 | 363 | 409 | 136,8 |
| Олии нопурра | 142 | 112 | 69 | 81 | 57,04 |
| аз ҷумла, занон | 77 | 57 | 41 | 44 | 57,1 |
| Миёнаи касбӣ | 464 | 469 | 445 | 451 | 97,2 |
| аз ҷумла, занон | 305 | 310 | 295 | 305 | 100 |
| Миёнаи ибтидоӣ | 175 | 183 | 194 | 243 | 138,9 |
| аз ҷумла, занон | 160 | 115 | 145 | 182 | 113,8 |
| *Муаллимони аз коррафта* | 124 | 111 | 110 | 112 | 90,3 |
| *аз ҷумла занҳо* | 32 | 27 | 40 | 43 | 134,4 |
| *Норасогии кадрҳо* | 26 | 17 | 13 | 15 | 57,7 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 345 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар

***муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2015, 18 нафар*** омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ,физика, химия, ***технологияи информатсионӣ)*** намерасад.

Ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, ки дар солҳои 2012-2015 тибқи нақшаи пешбинишудаи ҳамагӣ 20% омӯзгорон ва ё зиёда аз 1048 нафар таҷрибаю малакаҳои худро сайқал доданд.

Дар ин давра аз ҷониби ташкилоти ғайридавлатии гуногун 248 нафар аз рӯи барномаҳои омӯзиши забони ҳунари дузандагӣ ва кор дар компютер ба курсҳои ҳунари дузандагӣ ва кор дар компютер ба курсҳои омӯзишӣ фаро гирифта шуданд. Аз ин шумора 12 нафар хатмкунандагони курсҳои омузиши компютер ва 65 нафар дар ташкилоту муассисаҳои гуногун дар асоси сертификат ба кор қабул гардиданд.

Бо назардошти талаботи мавҷуда ташкилоти номбурда тасмим гирифтааст, ки аз ҳисоби омӯзгорони ботаҷриба ва соҳибкасби мактабҳои ноҳия муаллимони забонҳои русӣ, англисӣ ва комптер омода намояд. Ба роҳ мондани чунин курсҳо барои мутахассисони сатҳи деҳот ва дигар курсҳои соҳавӣ, махсусан барои муҳосибон ( барои соҳаи маориф, кишоварзӣ ва ғайра) ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии воситаҳои молиявӣ мебошад.

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба 01.09.2015 - 130 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 48 нафар духтарон) ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон, аз ин шумора танҳо 2 нафари он (писар) ба таълими инфиродӣ фаро гирифта шудаасту халос. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб ин набудани мутахассиссони баландихтисос дар ин самт, шароити вазнини оилавӣ ва ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар мактабҳо мебошад.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои ҳалталаб, ба монанди аз вагонхонаҳо баровардани мактабҳо боқӣ намондааст.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқаррааргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳоии нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ махсусан дар мактаби ибтидоии №12 ва № 13 ва мактаби миёнаи №9 дар Ҷамоати деҳоти Тугаланг, мактабҳои миёнаи № 20 ва № 21 дар Ҷамоати деҳоти Маданият, мактабҳои миёнаи №26 ва № 28 дар Ҷамоати деҳоти Узун, мактабҳои миёнаи №35, 40, дар Ҷамоати деҳоти

Навобод ва мактаби миёнаи № 53 дар Ҷамоати шаҳраки Гулистон (бинои иловагӣ), ки аҳамияти ҷиддиро талаб менамояд.

Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯхияи баланд тарбия намудани кардҳои ояндадор дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 21 адад толорҳои варзишӣ ва 55 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст. Новобаста аз ин, таъмирталаб будани толорҳои варзишӣ дар мактабҳои №№ 27,46, 51, ва 62 мушкилотҳои зиёдро ба бор меоварад.

*Компютеркунонии мактабҳо.* Ба 01.01.2016 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 67 синфи компютерӣ ташкил кардашуда дар онҳо 1222 адад компютер, 112 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 15 хонанда рост меояд. Айни замон, “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 39 адад генератор мавҷуд аст.

Новобаста аз ин, нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст.

**Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Ба сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар мактабҳои деҳот аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Ин мушкилиро бештар дар мактабҳои №№15, 17, 20, 21, 22, 42, 53, 55, 56,57 58, 59, 60, 64, ва 65 дидан мумкин аст.

Системаи таъминоти гармидиҳии мактабҳои ҳудуди ноҳия аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Ба сабаби кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд. Бештар дар ҳолати корношоям қарор доштани системаи гармидиҳии мактабҳои №№1,2,3,7,8,10,15,16,18,25,27,29,33,35,36,41,44,46,47,50,51,60, 61, 62, ба назар мерасад.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Гузаштан ба системаи нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Айни замон, дар ноҳия 69 муассисаи таълимӣ (52 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ, 9 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 2 гимназияи давлатӣ) ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудаанд.

Аз соли 2009 дар назди муассисаҳои таълимии марказ ва деҳоти ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда мешаванд, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Дар тӯли солҳои 2011 -2015 бо мақсади рушди соҳаи маориф дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 95,5 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2015 дар ин самт дар ҳаҷми 40,2 млн. сомонӣ сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 61,3 млн. сомонӣ ё 3,4 маротиба зиёд мебошад.

Диаграммаи №4. Маблағгузории соҳа дар тӯли солҳои 2011 -2015 (млн. сомонӣ)




Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир нисбати соли 2011 афзоиш ёфтааст, мутаассифона, барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа ин нокифоя аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкили таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муссисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Ба ҳисоби миёна дар се соли охир 1720 нафар ё худ 22,2 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия (аз ҷумлаи онҳо 530 нафар ё 15,9% духтарон) ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳру ноҳияҳои Қурғонтеппа ва Душанбе, барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил мешаванд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2011-2015 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 83 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия) таҳсил менамоянд.

**Диаграммаи №5. Шумораи умумии хонандагон аз рӯи квотаи Президентӣ дар тӯли солҳои 2011-2014 (нафар)**




Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2011 -2015 тибқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 110 нафар (дар соли 2015-25 нафар)дохил шуданд, ки 62 нафар писар ва56 нафарашон духтарон мебошанд.

Тибқи нақшаи дурнамои соли 2016 қабули 27 нафар хонандагон ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси кишвар аз ҳисоби квотаи президентӣ дар назар дошта шудааст, ки аз ин 14 нафарашон духтарон мебошанд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин ба таъмиру тармим ниёз доштани синфхонаҳои таълимӣ, мизу курсӣ ва китобҳои фаннӣ мебошад.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ.

***Ҳолати умумӣ.*** Соҳаи тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб ёфта, дар бартараф намудани мушкилотҳои муҳими хусусияти иҷтимоидошта ва дар ин замина беҳбудӣ бахшидан ба саломатии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар бахши тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои системаи ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд, равшан сохта, чунин зерсохторҳоро фаро мегирад: миқдори дармонгоҳҳо, марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ ва дастрасии ба хизматрасонии хушсифат, мушкилотҳои асосии системаи тандурустӣ, ҳадафҳо ва ғайра.

Дар соҳаи мазкур сохтану барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот, бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруҳои лозима таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия, ба васоити пешгирикунадаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, зиёд кардани мутаносибии ДОТС, пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда, ташкил намудани чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бегичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-

сола, таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (хусусан дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони баландихтисос, таъмин намудани мутахассисони ҷавон бо манзилҳои истиқоматӣ ё қитъаҳои наздиҳавлигӣ ҳамчун афзалият пайгирӣ карда мешавад.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ноҳия аст.

Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 55-63 сол буда, барои мардон 53 – 61 сол ва барои занон бошад 69 -79 солро ташкил медиҳад.

***Бемориҳои паҳншуда.*** Яке аз ҳадафҳои асосии системаи тандурустӣ дар ноҳия ин пешгирӣ ва бартараф намудани паҳншавии бемориҳои сирояткунанда мебошад. Дар ноҳия ба монанди дигар минтақаҳо бемориҳои дар байни аҳолии ноҳия аз ҳама бештар паҳншуда ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 18-сола), ҷоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, санги талха, гурда, бемории меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, осеббардорӣ (травма), авориздҳои баъди таваллудӣ дар байни навзодон ва камвазнӣ (гипотрофия) ва рахит мебошад. Дар ин самт як чанд омилҳои асосие мавҷуд аст, ки ба паҳншавии бемориҳо дар байни аҳолӣ сабаб гардидаанд. Ин ҳам бошад, саривақт ба кормандони соҳаи тиб муроҷиат накардан ва аз ташхиси барвақтӣ нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва суст будани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар ин самт, дастрасии сусти аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, баланд будани сатҳи камбизоатӣ дар сатҳи деҳот ба ҳисоб меравад.

*Саломатии модар ва кӯдак:* Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳия ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он дастрас намудани аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ аст.

*Ҷадвали №1. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар.*

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 4875 | 4689 | 5165 | 5471 | 5716 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 4199 | 4169 | 4622 | 5068 | 5285 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 86,1 | 88,9 | 89,4 | 92,6 | 92,4 |
| Таваллуд дар хона | 676 | 520 | 543 | 403 | 431 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 13,9 | 11,1 | 10,5 | 7,4 | 7,6 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | - | - | 2 | 4 | - |

Шумораи умумии таваллуд дар соли 2015 нисбат ба соли 2011 ба 12,2 фоиз афзоиш ёфта, аз ин шумора 92,6 фоизи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ сурат гирифтааст. Дар соли 2015 нисбат ба соли 2011 шумораи таваллуд дар хона 6,5 фоиз камтар шудааст, ки аз беҳтар шудани фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва баланд гардидани маърифати истифодабарии хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби аҳолӣ дарак медиҳад. Мутаассифона, таи солҳои афзоиши шумораи фавти модарон ба мушоҳида мерасад, ки сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагеніталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра мебошанд), ки саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

Дар баробари ин, ба беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тиббӣ оилавӣ нақши калон мебозад. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак, ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, фаъолияти гуруҳҳои корӣ, базаи моддию техникӣ, таҳлилу омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз тарафи муассисаи тандурустии ноҳия талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад.

*Ҷадвали №2. Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд;*

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 6069 | 6278 | 6690 | 7274 | 7974 |
| Камхунӣ | 3400 | 3962 | 3392 | 3935 | 4225 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 56,0 | 63,1 | 50,7 | 54,0 | 52,9 |
| Гирифтори ҷоғар | 224 | 338 | 455 | 680 | 820 |
| Бо ҳисоби фоиз (%): | 3,7 | 5,4 | 6,8 | 9,3 | 10,21 |

Таи чор соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда ба ҳисоби миёна 15,7 % ва ҷоғар 3 маротиба афзоиш ёфтааст, ки дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар ва кӯдак). Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад.

*Ҷадвали №3. Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2015*

| *Нишондод* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи фавти кӯдакони то 5 сола | 46 | 23 | 26 | 21 | 32 |
| Нишондиҳанда аз рӯи 1000 з/т | 9,5 | 5,0 | 5,0 | 3,8 | 5,6 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола | 86 | 74 | 80 | 80 | 103 |
| Нишондиҳанда аз рӯи 1000 з/т | 17,7 | 15,7 | 15,5 | 14,6 | 18,0 |

Сабаби асосии фавти кӯдакони то 1 сола ва аз 1 то 0-5 сола аз омилҳои зерин иборат аст:

*Баланд будани нишондоди фавти перинаталӣ (0- 7 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила;*

*Баланд будани бемориҳои роҳи нафас (гарчанде фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст), паст будани маърифатнокии модарон ва шароити пасти иҷтимоии оилаҳои дурдаст;*

*Сатҳи пасти муассисаҳои КАТС (аз сабаби нарасидани маблағ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо);*

*Баланд будани бемориҳои радифӣ, аз ҷумла камгизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо.*

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон таи солҳои охир дар ҳамкори бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳудуди ноҳия лоиҳаҳои гуногун татбиқ гардида истодааст. Дар ин замина дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бо ҷалби кормандони тиббӣ ва саҳроӣ дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омузишӣ дар мавзуъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии хомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Беморихои бо роҳи алоқаи чинсӣ гузаранда» мунтазам гузаронида мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ оид ба масъалаи гузошташуда, иштирокчиён бо маводҳои иттилоотӣ таъмин гардиданд. Дар ин робита, дар ҳолатҳои зарурӣ духтури занона ба кор афтодагон кӯмаки тиббӣ - маслиҳатҳо ва дигар хизматрасонии тиббиро оид ба танзими оила ва пешгирии ҳамли номатлуб ба анҷом мерасонанд. Дар ин раванд ба шӯъбаҳои таваллудхонаҳои ноҳия таҷҳизотҳои тиббии муосир таъмин гардиданд.

***Бемориҳои сироятӣ.*** Дар шароити кунунӣ мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои умумитарини ноҳия ба ҳисоб рафта, ба ҳолати санитариву эпидемиологӣ ва стандартҳои ба талабот ҷавобгӯй нест ва ин боиси афзоиши бемориҳои сироятӣ дар ноҳия гардидааст.

*Ҷадвали № 4. Тамоюли бемориҳои сироятӣ*

| **Намуди бемориҳои сироятӣ** | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 136 | 164 | 154 | 163 | 105 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 83,9 | 98,0 | 89,3 | 92,0 | 57,5 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 402 | 355 | 305 | 544 | 228 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 248,0 | 212,0 | 176,8 | 307,3 | 125,0 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 44 | 43 | 35 | 14 | - |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 27,1 | 25,7 | 20,2 | 7,9 | - |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меда | 726 | 561 | 229 | 179 | 94 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 447,9 | 335,1 | 132,8 | 101,1 | 51,5 |
| Гелминтоз | 888 | 1850 | 3271 | 3158 | 2904 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 547,9 | 1105,2 | 1896,6 | 1782,0 | 1591,5 |
| Табларза (малярия) | - | 2 | - | - | - |
| Бемории ВНМО | 16 | 8 | 12 | 13 | 14 |
| **Ҳамагӣ, аҳолӣ** | **162077** | **167396** | **172471** | **176987** | **182466** |

Яке аз бемориҳои асосии сироятие, ки дар ноҳия рӯ ба афзоиш ниҳода истоааст ин бемории ВНМО маҳсуб меёбад. Дар баробари сол то сол зиёд гардидани шумораи муҳоҷирон теъдоди ин намуди беморон низ афзоиш ёфта, диққати махсусро талаб менамояд. Дар баробари ин солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории сил, гелминтоз ва газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо низ зиёд шудааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироатӣ ин бо оби тозаи нӯшокӣ пурра таъмин набудани аҳолӣ, бад будани ҳолати санитариву эпидемиологии муассисаҳои таълимӣ, маишӣ, хӯроки умумӣ, набудани партобгоҳҳо, хизматрасонии пасти рифоӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ мебошад.

Таи солҳои охир дар ҳамкории зич бо ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда истодааст. Дар баробари ин, баҳри беҳтар намудани хизматрасонии тиббии ба аҳолӣ аз тарафи барномаи ДОТС пайваста кӯмак расонида мешавад.

Дар ҳудуди ноҳия Маркази байниноҳиявии алайҳи пешгирии бемории ВНМО амал менамояд, ки ҳадафи асосии он дастгирии занҳои осебпазири қобили таваллуд, занҳои хонашин, модарони танҳо, занҳои муҳоҷирони меҳнатие, ки зиёда аз 6 моҳ аз шавҳар ёрии моддӣ нагирифтаанд, занҳои ятим, муҳоҷирони дохилӣ ва сардори оила мебошад. Дар ин замина, аз ҷониби Маркази номбурда ба табақаҳои гуногуни осебпазири аҳолӣ хизматрасониҳои ройгони ҳуқуқӣ, равоншиносӣ ва тиббӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ расонида мешавад. Дар баробари ин пайваста дониши кӯмакгирандагон оиди пешгирии ВНМО, бемориҳои сироятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, сил ва гепатитҳо баланд бардошта мешавад. Дар баробари ин, дар байни муҳоҷирон ва

узви оилаи онҳо корҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ анҷом дода мешавад.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳия бемориҳои захми меда, газаки меда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳия аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

Ҷадвали №5. Муассисаҳои тиббии ноҳия

| Сохтори шабакаҳои КАТС | Ҷамъ 56 муассисаҳои КАТС |
|---|---|
| Маркази саломатии ноҳиявӣ | 1 адад шаҳраки С.Исоев н.Ҷ.Румӣ. |
| Марказҳои саломатии деҳот | 17 адад. |
| Бунгоҳи саломатӣ | 38 адад. |
| Муассисаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: 8. |
| | 1 - беморхонаи марказӣ |
| | 4- беморхонаи рақамӣ |
| | 1- Маркази бемории сил |
| | 1-Маркази бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул |
| | 1- Маркази стоматологи |
| Марказҳои тиббии | 1-Маркази репродуктивии занон |
| | 1-Маркази тарзи ҳаёти солим |
| | 1-маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон |
| | 1-маркази СПИД-и байни ноҳиявӣ. |
| | 1-Маркази тропики |
| | 1-Маркази эмтаминкуни |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | 1-адад |

Таъмин намудани муассисаҳои дахлдори соҳа бо кадрҳои баландихтисос яке аз афзалиятҳои асосии соҳа маҳсуб ёфта, дар доираи барнома ба он диққати махсус дода мешавад.

*Ҷадвали 6. Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ дар соли 2015.*

| *Муассисаҳои тиббӣ* | *Шумораи кормандон* | *Маълумоти миёнаи махсус* | *Маълумоти олӣ* | *Дигар кормандон* |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 454 | 274 | 121 | 92 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 60,3 | 26,6 | 20,2 |
| Хадамоти бистарӣ | 476 | 233 | 82 | 162 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 48,9 | 17,2 | 34,0 |

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

*Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.* Дар ноҳия иштироки ҷомеа дар ҳалли масоили солимӣ кам мушоҳида мешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ на чандон хуб ба назар мерасад. Маърифатнокии аҳолӣ ба масъалаҳои бурдани тарзи солими ҳаёт дар сатҳи паст қарор дорад.

*Ҷадвали №7. Мушкилии асосии соҳа*

| № | *Номгӯи мушкилот* | *Мавзеъ* |
|---|---|---|
| 1 . | *Бад гардидани заминаю моддию техникӣ* | |
| - | *Азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ (дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир ва дар ҳолати садамавӣ қарор дошта)* | Шӯъбаи ёрии таъҷилӣ ва қабул, беморхонаи рақамии-1, шӯъбаи бемориҳои чашм, Бунгоҳҳои саломатии Пушкин, Қизил-намуна, Гагарин, Орҷеникидзе, 6-насос, Янги-турмуш, Баҳорӣ ва Марказҳои саломатии деҳотии К.Маркс, Ленинград, Маркази тибби оилавӣ |
| - | *Таъмирталаб будани муассисаҳои тиббии ноҳия ва гирду атрофи он* | *Беморхонаи марказӣ, ошхонаи беморхонаи марказӣ,ҷомашуйхонаи беморхонаи марказӣ, автоклави беморхонаи марказӣ, шӯъбаи дил, ташхисгоҳ,* шӯъбаи сироятӣ, |

| | | |
|---|---|---|
| | | муҳосиботи беморхона, шӯъбаи таваллудӣ, коллеҷи тиббии беморхона, марказҳои Стоматология, СПИД, пусту сирояти ҷинсӣ, тропики, сил, беморхонаҳои рақамӣ, қисми зиёди марказҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ; |
| *2.* | *Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ-1 адад, таҷҳизоти УЗИ-1 адад, бронхоскоп-2 адад, таҷҳизоти автоклав-3 адад, таҷҳизоти ЭКГ -15 адад, дефибрилятор-2 адад, таҷҳизоти нафаси сунъӣ (ИВЛ-ПО) -3 адад, УВЧ-4 адад, Кювез-4 адад электроотсос -10 адад, таҷҳизоти ФЭК -3 адад, аппарат Дарсенвал- 2 адад, Мошинаи кории дандонпизишки (бормашина) 10- адад, таҷҳизоти рентгении стомотологӣ-1 адад, микроскопи электронӣ 4 адад, сентрофуга -5 адад, термостат -5 адад, таҷҳизот (набор) барои озмоишгоҳи клиникӣ-2 адад, отоларинглогический набор-3 адад, шкафи хушка-қоққунӣ (шкаф-сухожар) – 5 адад, даста асбоби ҷарроҳӣ (операционнӣй набор) -5 адад, камера Гараева-2 адад,* лапороскоп барои холесистит эктомия – 1 адад, таҷҳизоти хурди ҷарроҳӣ – 3 адад, таҷҳизоти калони ҷарроҳӣ – 3 адад, коогулограф – 3 адад | *Муассисаҳои тиббии ноҳия* |
| *3* | *Нарасидани таҷҳизоти инвентарӣ, фарсуда будани катҳои беморхонавӣ,нарасидани катҳои функсионалӣ, тарозу ва катченкунакҳо барои кӯдакони навзод ва то 1-сола , миз барои печонидани кӯдак, миз барои асбобҳои тиббӣ-22 адад, шкафҳо-24 адад, катҳо (кушетки) 13-адад, диван-15 адад, мизу кӯрсӣ -42.* | *Муассисаҳои тиббии ноҳия* |
| *4* | *Норасоии таҷҳизоти ёридиҳанда, компютер видеокамера, суратгираки рақам ва проектор* | *Сохтори госпиталӣ ва муассисаҳои КАТС* |
| - | *Норасогии нақлиёти ёрии таъҷилӣ- 4 адад ва автомошинаи хизматӣ -2 адад* | *Шӯъбаи ёрии таъҷилӣ, таваллудии БМН,* |

| | | |
|---|---|---|
| | | *беморхонаҳои рақамии 1,2, Маркази омор ва иттилоотӣ, маркази солимии репродуктивӣ* |
| - | *Норасогии дорувориҳои ройгон барои шахсони имтиёзнок (иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Башардустӣ, Афгонистон,Садамаи Чернобил ва маъюбон)* | |
| 5 | *Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ* | |
| - | *Сатҳи пасти тахассусии табибони ҷавон* | *Дар тамоми муассисаҳои тиббии ноҳия* |
| - | *Нарасидани кормандони соҳаи тиб дар нохия, алалхусус табибони маълумоти олидор* | *Дар КАТС-и ноҳия* |
| 6 | *Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ* | |
| - | *Номутаносибии маблагҳои ирсолшуда барои зинаи аввал ва дуввуми хизматрасонии тиббӣ* | *Соҳаи тандурустӣ* |

## 6.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

Дар ноҳия 1-хонаи фарҳангӣ ноҳиявӣ, 1-хонаи фарҳангӣ шаҳрӣ, 7-хонаи фарҳангӣ деҳотӣ, 12-клубҳоидеҳотӣ, 1-китобхонаи марказии ноҳия, 1-китобхонаи бачагона, 3-китобхонаи шаҳрӣ, 33-китобхона филиалҳои деҳотӣ, 1-ансамбли тарона ва рақси «Илҳом», 1-гуруҳи хизматрасон, 1-осорхонаи таърихӣ – кишваршиносӣ, 1-боғи фарҳангӣ – истироҳатӣ ба номи Умари Хайём ва 1- мактаби санъати бачагона фаъолият намуда, ба аҳолӣ хизмат расонида истодааст. Инчунин, дар ҳудуди ноҳия 4 ёдгории таърихи, аз ҷумла Қаълаи Ҳалевард, Қалъаи Лағмон, Қалъаи Уртабуз 1 ва 2 ҷойгиранд.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои тобеи бахши фарҳанг 136 нафарро ташкил дода, аз ин 1 нафар дорои маълумоти олии касбӣ, 12 нафар дорои маълумоти ғайрикасбӣ, 23 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 89 нафари дигар дорои маълумоти миёна мебошанд. Илова ба ин, холо 11 нафар дар муассисаҳои таълимии соҳавӣ дар шуъбаҳои ғоибона таъилим гирифта истодаанд.

**Китобхонаи марказии ноҳия:** ин муассисаи китобдорӣ аз солҳои 40-уми асри гузашта то инҷониб фаъолият намуда, ба аҳолӣ хизмат расонида истодааст. Хазинаи умумии китобҳои китобхонаи маркази ва филиалҳои он 183365 нусха китобҳоро ташкил мекунад, аз ин шумора 57486 нусха бо забони тоҷикӣ, 86666 бо забони русӣ ва 39213 нусха бо дигар забонҳо мебошад. Шумораи истифодабарандагон 12928 нафарро ташкил медиҳад.

**Клубҳо:** аз 21 клуби мавҷуда, 4 - тои он дар бинои ҷамоатҳо, 3 клуб дар корхонаю ташкилотҳо ва 2 клуб дар муассисаҳои таълимӣ амал намуда истодаанд.

Айни замон, клуби деҳаи А. Дӯстови Ҷамоати деҳоти «Туғаланг» бо сабаби надоштани бинои алоҳида дар хонаи фарҳанги шаҳрӣ фаъолият карда истодааст. Илова ба ин, клуби деҳаҳои Дӯстӣ ва Андрееви Ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаҳои Сомониён ва Пахтаарали Ҷамоати деҳоти Узун ва деҳаи Фрунзеи Ҷамоати деҳоти «Фрунзе» ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Базаи моддӣ – техникӣ дар раванди ҷаҳонишави ба талаботи рӯз ҷавобгу нест.

**Хонаи фарҳанги ноҳиявӣ:** ин муассиса бинои алоҳида надошта, он дар бинои бахши фарҳанг амал намуда, чорабиниҳои сатҳҳои гуногунро баргузор менамояд.

**Хонаи фарҳанги шаҳрӣ:** муассисаи мазкур соли 1978 аз ҳисоби собиқ колхози ба номи Ленин сохта шуда, дар мувозинаи бахши фарҳанг қарор дорад. Давоми солҳои охир бисёре аз чорабиниҳои фарҳангии калонҳаҷм дар ҳамин муассисаи фарҳангӣ гузаронида мешаванд.

**Ансамбли тарона ва рақси «Илҳом» ва гуруҳи хизматрасон:** ансамбли мазкур соли 1980 таъсис ёфта, бо мақсади гузаштан ба усули нави хизматрасонии фарҳанги ба аҳолӣ аз соли 1994 аз ҳисоби коркунони клубҳои сайёр гуруҳи хизматрасон ташкил карда шудааст. Кормандони гуруҳи хизматрасон ва ансамбли тарона ва рақс дар чорабиниҳои оммавӣ – сиёсӣ ва фарҳангии ноҳия ва вилоят фаъолона иштирок менамоянд.

**Мактаби санъати бачагона:** дар муассисаи мазкур 2 шуъба, аз ҷумла мусиқӣ ва рассомӣ фаъолият менамояд. Дар ин шуъбаҳо 14 синф, аз ҷумла аккордион, дойра, таблак, рубоб, ғижжак, фортепиано, кларнет, дутор, овозхон, рақсу ва рассомии бо шумораи 298 хонанда амал карда истодааст. Ҳайати омӯзгорони мактаб аз 29 нафар иборат буда, аз ин 16 нафар дорои маълумоти олии касбӣ, 7 нафар олии ғайрикасбӣ, 2 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 4 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд.

**Осорхонаи таърихӣ – кишваршиносӣ:** ин осорхона соли 1985 таъсис дода, дар он 6 ҳуҷраи намоиши нигораҳо, 1 толори намоиши кино ва як утоқи корӣ мавҷуд мебошад. Шумораи умуми нигораҳои осорхона 1237 ададро ташкил мекунад.

**Боғи фарҳангӣ – истироҳатӣ:** боғи фарҳангӣ – истироҳатии ба номи Умари Хайёми ноҳия дар фароҳам овардани шароити мусоид барои истироҳати шаҳрвандон, наврасону ҷавонон нақши муҳим мебозад. Тайи солҳои охир вазъи фаъолияти он беҳтар гардида, айни замон 5 атраксион, нуқтаҳои саққобозӣ, шашка ва шоҳмот, домино, аксбардорӣ, ошхонаю дигар нуқтаҳои дилхушӣ ба истироҳаткунандагон хизмат мерасонад. Инчунин, боғи фарҳангӣ – истироҳатӣ макони баргузории чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ мебошад, ки дар баргузории ин чорабиниҳо саҳми кормандони боғ хело ҳам калон мебошад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа**:

- нарасидани адабиётҳои тозанашр бо забони тоҷикӣ, рафҳои китобмонӣ, мизу курсиҳо, асбобҳои мусиқӣ, асбобҳои тақвияти овоз буда, бархе аз муассисаҳо ба таъмири асосӣ ниёз доранд;
- нарасидани мутахассисони баландихтисоси соҳа;
- надоштани нақлиёт барои баромадан ба сафарҳои ҳунарӣ.

## 6.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

Марҳилаи кунунии рушди ноҳия бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии ноҳия то 1.01.2016– 181,1 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 27813 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

***Ҷадвали №1. Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2015***

| *Гурӯҳҳои осебпазир* | *Солҳо* | | | | | *Соли 2015 нисбат ба соли 2011 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол)* | *6921* | *7313* | *7681* | *8145* | *8252* | 119,23 |
| *Маъюбон* | *2124* | *1988* | *1994* | *1903* | *1801* | 84,79 |
| *Аз он ҷумла, то 18 сола* | *439* | *421* | *436* | *445* | *412* | 93,84 |
| *Маъюбони модарзод* | *563* | *463* | *463* | *434* | *434* | 77,08 |
| *Бесаробонмондагон* | *899* | *906* | *906* | *890* | *937* | 104,22 |
| *Ҳамагӣ нафақахӯрон* | *10507* | *10670* | *11044* | *11372* | *11361* | 108,12 |
| *Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи хизматрасонии коммуналӣ (нерӯи барқ) мегиранд* | *3802* | *3632* | *3544* | *3108* | *3167* | 83,29 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол ру ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2015 нисбат ба соли 2011 ба 7,51 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аҳамияти бештарро ба худ талаб менамояд.

Ба 01.01.2016 дар ноҳия 8 нафар иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 2 нафар шахсоне, ки дар солхои Ҷанги Бузурги Ватани

дар ақибгоҳ фаъолият карданд, 161 нафар иштирокчиён ва маъюбони интернатсионалист ва Артиши Шуравӣ, 22- нафар маъюбони Чернобил, 26 нафар ятимони кулл, 94 нафар шахсони яккаву танҳо, 3167 нафар оилаҳои ва 1903 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 1297 зан ва 606 нафар мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курси-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (ассо, узвҳои сунъи (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд. Бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талаботи маъюбон ба курсӣ-аробачаҳо эҳтиёҷоти умумӣ тибқи дурнамо дар давраи солҳои 2016 -2020 беш аз 82 ададро ташкил медиҳад.

Дар ин давра (ба 01.01.2016) дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақа 225,67 сомонӣ, аз ҷумла аз руйи пиронсолӣ 266,1 сомони, аз руйи гум кардани яке аз волидайн 258,35 сомони, аз руйи маьюби 250,49 сомони ва нафакаи ичтимоии 136,07 сомониро ташкил медихад.

Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагие,ки барои истифодаи қувваи барқ кумакпулӣ мегиранд 3167 нафарро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2011 ба 18,02 фоиз коҳиш ёфтааст, ки аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ дарак медиҳад.

Яке аз мушкилотҳои асосие, ки сади роҳи пешниҳоди саривақтӣ ва босифати хизматрасонӣ дар соҳаи мазкур шуда истодааст ин дар ҳолати ногувор қарор доштани бинои маъмурии Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа инчунин нарасидани техника ва таҷҳизотҳои лозима ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади дастгирии молиявии кӯдакони синни мактабӣ аз оилаҳои камбизоат дар соли 2015 барои 4901 нафар дар ҳаҷми 197760 сомонӣ кӯмакпулӣ пешбини карда шуда аз он ба 2597 талабагони ниёзманд ба маблаѝи 108880 сомони пардохт карда шуд. Ҳамазамон, дар ин давра баҳри дастгирии оилаҳои камбизоат (3108 оила) дар ҳаҷми 699661 сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шудааст.

Маълумоти ҳаҷми пардохти кӯмакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо дар давоми солҳои 2011-2015 дар ноҳия чунин мебошад.

| Дар соли | Шумораи оилаҳои камбизоат | Маблағи пардохт шуда (сомонӣ) | Аз он ҷумла: | | Кӯмакпулӣ барои мактаббачаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Барои истифодаи қувваи барқ | Барои истифодаи гази табии | |
| 2011 | 3802 | 768667 | 510722 | 257945 | 85600 |
| 2012 | 3652 | 744200 | 536514 | 207686 | 85840 |
| 2013 | 3308 | 1006128 | 770838 | 235290 | 86080 |
| 2014 | 3167 | 905660 | 755510 | 150150 | 86480 |
| 2015 | 3108 | 699661 | 526567 | 173094 | 86480 |




Талаботи умумии моҳонаи нафақа ба ҳолати 01.01.2015 -2563,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 1532 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.




Яке аз омилҳои асосие, ки дар афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа таъсири мусбӣ расонидааст, ин дар заминаи рушди иқтисодиёти кишвар ва зиёдшавии имкониятҳои молиявӣ интишор гардидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, таҳти №1493 “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо” мебошад.

Бо мақсади зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии нафақахӯрон зиёдшавии нафақа ва кӯмакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст. Дар соли 2015 ҳаҷми миёнаи нафақа 225,67 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 140,83 сомонӣ зиёд мебошад.

**<u>Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.</u>** Дар ин самт дар ноҳия Шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия фаъолият менамояд, ки хизматрасонии суроғавиро ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони марказ 11 нафарро ташкил медиҳад. Дар соли 2015 шумораи умумии нафароне, ки барои дастрасии хизматрасонии суроғавӣ ба мазкази мазкур расман муроҷиат намуданд, 94 нафарро ташкил медиҳад, ки танҳо ба 80 нафари он пурра хизматрасониҳои лозима ба анҷом расонида мешавад. Аз шумораи умумӣ 22 нафарашонро кӯдакони фалаҷи майнаи сар (полимелит) ташкил медиҳад. Дар ҳудуди ноҳия шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ хеле зиёд буда, ҳалли дурусти ин масъала диққати махсусро талаб мекунад.

Дар фаъолияти Шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи ноҳия мушкилиҳои зерин мавҷуд мебошад:

- дар шуъба ҳамаги 11 нафар кормандони масъул фаъолият намуда, дар ҳудуди шаш ҷамоат ба аҳолӣ хизмат мерасонад, ки дар ду ҷамоати ноҳия бо сабаби мавҷуд набудани воҳиди корӣ кормандони масъули шуъба ба аҳолӣ хизматрасонидан ғайриимкон мебошад;
- шуъба бо техника таъмин набуда, сари вақт ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта танқиси мекашад;
- шуъба бо пурраги бо таҷҳизотҳо монанди компютер, принтер ва таҷҳизоти нусхабардори таъмин нашудааст;
- дар заминаи шуъба хонаи интернати пиронсолон ташкил карда нашудааст;
- айни замон шуъба иҷорашин буда, ба 11 нафар кормандон ҳамагӣ 2 ҳуҷраи корӣ мавҷуд буда дар ҳолати ногувор қарор дорад.

Бинобар ин ҳалли мушкилиҳои шуъба ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирӣ ва ба роҳ мондани хизматрасонии хушсифат зарур аст.

**<u>Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.</u>** Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доим амалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он,ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2015 аз ҷониби шӯъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 13379 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 3386 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳаллҳо нисфи зиёди корқабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Самти асосии сиёсати ноҳия дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали №2 Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳия барои солҳои 2011-2015*

| *Номгӯи чорабиниҳо* | *Солҳо* | | | | | | | | | | *Соли 2015 нисбат ба соли 2011 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2011* | | *2012* | | *2013* | | *2014* | | *2015* | | |
| | *Нақша* | *Иҷро-иш* | *Нақша* | *Иҷро-иш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷро-иш* | |
| *Таъсиси ҷойҳои нави корӣ* | *1950* | *2114* | *2050* | *2268* | *3225* | *3290* | *3300* | *3597* | *2780* | *2788* | *142,9* |
| *Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ* | *335* | *537* | *522* | *605* | *520* | *577* | *650* | *857* | *655* | *860* | *256,7* |
| *Касбомузӣ* | *56* | *56* | *149* | *149* | *184* | *214* | *220* | *220* | *256* | *256* | *457,1* |
| *Корҳои ҷамъиятии музднок* | *70* | *70* | *71* | *71* | *71* | *71* | *75* | *75* | *62* | *62* | *88,6* |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайри буҷетӣ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ зарур аст.

Дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои солҳои 2014-2015" беш аз 146 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб - компютер) хатм намудаанд.

Хароҷоти буҷети ноҳия барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷоти алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷети маҳаллӣ таҳия мегардад.

**Диаграммаи №3. Фоизи хароҷоти буҷети ноҳияи Ҷ. Румӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ тӯли солҳои 2011-2014**




Таҳлили дар диаграмма овардашуда нишон медиҳад, ки буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, соли 2015-88,7 фоизи он ба ин соҳа равона шуда, дигар хароҷот 11,3 фоизро ташкил медиҳад. Новобаста аз ин, бештари маблағҳое, ки дар ин самт ҷудо мегардад, ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ равона гардида, қисми аз ҳама камтари он барои рушди соҳаҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сафарбар карда мешавад.

Маблағи ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои пардохти ҷуброни мактаббачаҳо (аз оилаҳои камбизоат), кӯмаки яквақта барои шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Чернобил зарар дидаанд, ҳавасмандгардониҳо дар вақтҳои ҷашн ва идҳо барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат, маъюбони модарзод равона карда мешавад.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2015 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пули аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2015 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 74,6 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол аз сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

***Ҷадвали №3. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011 - 2015 (сомонӣ)***

| *Соҳаҳо* | *Солҳо* | | | | | *Соли 2015 дар муқоиса бо соли 2011 бо%* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | |
| Саноат | 496,4 | 548,6 | *552,4* | *643,9* | *702,7* | 141,6 |
| Кишоварзӣ | 144,2 | 122,0 | *150,2* | *194,5* | *157,7* | 109,4 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 365,5 | 524,1 | *676,1* | *690,7* | *719,2* | 196,8 |
| Нақлиёт | 223,1 | 278,8 | *409,34* | *434,3* | *436,5* | 195,7 |
| Алоқа | 365,5 | 651,2 | *706,6* | *447,8* | *516,3* | 141,3 |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 532,4 | 502,7 | 600,8 | 662,2 | 644,7 | 121,1 |
| Маориф | 258,0 | 369,5 | 542,8 | 645,9 | 624,6 | 242,1 |
| Тандурустӣ | 309,6 | 412,1 | 556,6 | 595,6 | 597,13 | 192,9 |
| Фарҳанг | 414,4 | 540,9 | 701,3 | 703,3 | 725,9 | 175,2 |
| Бонкҳо | 792,1 | 1042,4 | 1285,3 | 1353,6 | 1378,4 | 174,1 |
| Сохтмон | 940,8 | 567,6 | 981,4 | 693,8 | 943,6 | 100,3 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 217,3 | 246,7 | 338,9 | 414,4 | 368,9 | 169,8 |

Яке аз омилҳои асосие, ки ба паст шудани музди миёнаи меҳнат дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ таъсир расонидааст ин паст гардидани нархи нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда сатҳи даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи қоидаҳои Кодекси меҳнатро риоя намекунанд.

**Сатҳи бекорӣ.** Шуғли аҳолӣ дар мамлакатҳои пешрафта ва тараққи карда яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа мебошад. Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа яке аз ҳадафи **с**тратегиии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровадани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар аст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст. Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаан) дар соли 2015 нисбат ба соли 2011 ба 48,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2015 дар Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия 760 нафар бекорони расман ба қайд гирифташуда 492 нафари онҷо яъне 65,2 фоизи онҷо ба кор таъмин карда шудаанд.

**Диаграммаи №4. Бақайдгирии сатҳи бекорӣ дар ҳудуди ноҳия тӯли солҳи 2010-2013 (нафар)**



Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (71680 нафар) шумораи бекорон 34725 нафарро ташкил медиҳад, ки 48,44 фоизашро бекорон ташкил медиҳанд. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Таи чор соли охир дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар тӯли солҳои 2011 – 2015" беш аз 2576 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шӯъбаи агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2011 -2015 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 138 нафарро ташкил дода, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 314,3 ҳазор сомонӣ баробар аст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 40 нафар ба маблағи 3,0 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Дар соли 2015 маблаѝи ¥арз додашуда 97,4 ³азор сомони ва бекороне ки ¥арзи бефоиз гирифтааст 35 нафарро ташкил мекунад.

**Диаграммаи №5. Дастрасии бекорон ба қарзҳои имтиёзнок дар тӯли солҳои 2010 -2013**




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ то соли 2018 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди

бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад то соли 2018 ташкили 8160 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

Боиси қайд аст, ки дар фаъолияти Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия мушкилиҳои зерин мавҷуд мебошад:

-яке аз мушкилотҳои асосие, ки мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст ин ба талаботҳои муосири фаъолияти корӣ мутобиқ набудани шароити кории Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳисоб рафта, солҳои зиёд аст, ки дар биноҳои идораҳои гуногуни ноҳия ба таври иҷоранишин фаъолият менамояд;

- техникаю таҷҳизотҳои замонавӣ, компютер, аксбардор (ксеракопия) ва принтер намерасад;

- ҳаҷми иҷроиши фаъолияти шуба хело васеъ буда, аз сабани норасидани воҳидҳои корӣ танқиси мекашад;

- барои пурра қонеъгардонидани талаботҳои ниёзмандон маблағи кумакпулӣ ва қарзҳои имтиёзнок кам бебошад.

***<u>Муҳоҷирати меҳнатӣ.</u>*** Муҳоҷирати меҳнатӣ ба монанди тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ аз сабаби набудани сохтори дахлдори хадамот аниқ ба ҳисоб гирифта намешавад. Аз рӯи ҳисоботи расмии оморӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ шумораи умумии муҳоҷирон дар соли 2015 -7828 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2011 - 251 нафар (соли 2011- 7577) зиёд гардидааст. Соли 2015 танҳо тавассути 7 филиали бонк (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк Агроинвестбонк, Эсхата, Финка, Имон Интернейшл ва Ориёнбонк) аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 2287,8 млн. доллари ИМА, 7985,5 млн. рубли русӣ ва 2,0 ҳазор евро ворид гаштааст, ки нисбати соли 2011 16,9 млн. долари ИМА, 1000,0 млн. рубли русӣ ва 21538 ҳазор евро кам мебошад. Аслан муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина сафар менамоянд.

Бо мақсади мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин дар назар аст:

- созмон додани хадамоти муҳоҷирати меҳнатӣ;
- фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртакунонии ҷамъшаванда ва ихтиёрӣ;
- пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта;
- ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши муҳоҷиратӣ меҳнатӣ доранд;
- ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷират тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд;
- ташкил ва татбиқи механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ;

- самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдори болоӣ ҷиҳати интиқоли нерӯҳои корӣ ба хориҷи кишвар.

Ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ яке аз афзалиятҳои рушди ноҳия ба ҳисоб меравад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта то соли 2020 аз ноҳия ва гирду атроф кучонидани 78 оила дар назар дошта шудааст, ки давра ба давра ба анҷом расонида мешавад.

***Мушкилиҳои асосии соҳа:***

- нарасидани воситаҳои техникӣ, курсӣ- аробачаҳо барои маъюбон;
- номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумӣ қабулгардида;
- рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ;
- сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;
- набудани техника ва техналогияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ;
- саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд.

### 3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш

**Соҳаи сайёҳӣ.** Мавқеи муносиби ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ ва инфрасохтори аввалиндараҷа метавонад ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия заминаи устувор гузорад.

Дар баробари ин, аз ҷониби бисёр олимони Ғарбу Шарқ тасдиқ шудааст, ки ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ зодгоҳи аслии шоири тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба ҳисоб меравад. Шевае, ки дар Маснавии Маънавӣ мушоҳида шудааст маҳз ба мардуми ҳамин маҳал дар ҳамон замон хос будааст.

Ин омилро барои ҷалби сайёҳон ба зодгоҳи шоир истифода бурдан мувофиқи мақсад аст, зеро Ҷалолиддин Балхӣ то ҳанӯз шахсе аст, ки тавонист бахри ба самти эътирофи Худои ягона раҳнамун гардидани мухолифати байни равияҳои динӣ мусоидат намояд, зимнан дар бисёр давлатҳо нуфузу эътибори баланд дорад.

Ҳамасола барои аниқ намудани зодгоҳи аслии шоир ба ноҳия меҳмонони зиёд ташриф меоранд. Дар маҷмӯъ, дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дигар омилҳое, ки метавонанд ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия, ба минтақаи туристӣ табдил ёфтани ноҳия мусоидат намояд, хеле зиёданд. Мутаассифона, ба талаботи муосир мутобиқ набудан ва норасогии инфрасохтори аввалиндараҷаи замонавӣ, аз қабили

меҳмонхона, осоишгоҳ, комплексҳои варзишӣ дар ноҳия ба мушоҳида мерасад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия аз дигар минтақаҳои кишвар дар он зоҳир мегардад, ки дар он намояндагони 16 миллату халқиятҳо ба таври доимӣ зиндагӣ менамоянд, ки аксарияти онҳоро тоҷикону ўзбекон, инчунин, тоторҳо, кореягиҳо, русҳо, қирғизҳо, немисҳо, туркманҳо ва ғайраҳо ташкил медиҳад. Ба таври муваққатӣ намояндагони миллатҳои ҷопонӣ, хитоӣ ва афғонӣ истиқомат менамоянд. Қаблан дар ноҳия намояндагони 48 миллату халқиятҳо зиндагӣ намуда, то кунун робитаи онҳо боқӣ мондааст, ки инро метавон ҳамчун омили муҳими рушди соҳаи сайёҳи истифода намуд...

**Шароити мувофиқи ҷуғрофӣ ва таърихӣ:** Ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар қисми ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ байни доманакуҳи Қизилтумшуқ ва дарёчаи Қумсангир, дар назди минтақаи озоди иқтисодӣ (Панҷи поён) ҷойгир мебошад. Ноҳия аз қаторкуҳҳои паст ва ҳамвориҳо иборат буда, аз маркази вилоят шаҳри Қўрғонтеппа дар масофаи 32 км ва аз маркази ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе дар масофаи 132 километр ҷойгир шудааст.

Аз ноҳия магистрали роҳи оҳани «Москва-Тирмиз-Қўрғонтеппа» ва роҳҳои мошингарди аҳамияти ҷумҳуриявӣ доштаи «Душанбе-Панҷ», «Тирмиз-Шаҳритус - Ҷалолиддини Румӣ - Вахш» мегузаранд.

Аз соли 1978 инҷониб истгоҳи роҳи оҳан фаъолият мекунад, ки алоқаи нақлиётиро (мусофиркашонӣ ва боркашонӣ) ҳам дар дохили ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он таъмин менамояд.

Дар ноҳия аэропорт мавҷуд аст, ки солҳои зиёд фаъолият намекунад.

Бобати азнавсозии Терминали мусофирбари замонавӣ дар ноҳия қарор қабул карда, дарояндаи наздиктарин сохтмони он оғоз меёбад.

Аз ноҳия дарёчаҳои Кофир-қалъа, Қумсангир ва дарёи Вахш мегузаранд, ки дар сурати таҳияи лоиҳаи мукаммал доир ба дарёҳои мазкур ва соҳилҳои он (васеъ намудан), манфиати калон пешбинӣ намудан имконпазир аст. Барои ҳусни ноҳияро зебо намудан купрукҳои замонавӣ бо санъати баланди меъмории шарқиву ғарбӣ бунъёд намудан зарур, умуман бояд қайд намуд, ки зарурати сохтани купрукҳо мавҷуд аст. Зеро дар ноҳия бисёр купрукҳо таъмирталаб буда, баъзеи онҳо дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Лоиҳаи калон бобати барқароркунии қубурҳои оби маркази маъмурии ноҳия шаҳраки С. Исоев аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Тараққиёт амалӣ мегардад, ки бо ин, яке аз ҷузъиёти инфрасохтораи туризм ҳалли худро меёбад.

Ноҳия дар шоҳроҳи асосии ҷанубии ҷумҳурӣ, ки дар он ҷо якчанд ёдгориҳои таърихӣ, аз ҷумла Хоҷа Машҳад, Хоҷа Сартез ва ғ. мавҷуданд ҷойгир шудааст. Инчунин, ноҳия бо ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Панҷ, Фархор, Ҷиликўл ва Қумсангир, ҳамсарҳад буда, корхонаҳои зиёди байниноҳиявӣ маҳз дар ҳудуди ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ҷойгиранд.

Илова ба ин, дар ноҳия харобаҳои 4 ёдгории таърихӣ мавҷуданд - қалъаҳои Ҳалевард, Лағмон, Уртабуз-1 ва Уртабуз-2. Ҳамчунин, 1

маҷмааи фарҳангии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ҳайкали «Аскари номаълум», нимпайкараҳои Умари Хайём, собиқадори меҳнат Н. Бегов ва ғ. мавҷуд буда, даҳҳо китобхона, клубҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ фаъолият менамоянд.

Дар ноҳия дар аксарияти деҳаҳову кӯчаҳо навиштаҷоти номи деҳа, кӯча ва рақами хона мавҷуд нестанд.

Айни замон сомонаи расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия www.jaloliddinirumi.tj бо сабабҳои норасоии молиявӣ фаъолият намекунад.

**Варзиш.** Ба ҳолати 1.01.2016 дар ноҳия 1 варзишгоҳ бо 3000 ҷойи нишаст, 1 ҳавзи шиноварӣ, 27 майдони варзишии замонавӣ ва 3 толори варзишӣ фаъолият менамоянд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 187 майдонча, 23 толор мавҷуд буда, таи солҳои охир ҳолати аксарияти майдончаҳои варзишӣ ва толорҳо беҳтар кардашуда дар ин замина 7 толори варзишӣ аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Инчунин, 3 толорҳои варзишӣ ва 27 майдонча сохта ба истифода дода шудаанд.

Шумораи умумии мутахассисони соҳаи варзиш дар ноҳия 97 нафарро ташкил намуда, теъдоди муаллимони тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 70 нафар мебошанд.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии гуногун фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд. Дар давоми соли 2015 варзишгарони ноҳия дар 17 мусобиқаҳои вилояти Хатлон, 8 мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ аз рӯи намудҳои гуштини тарзи Дзю-до, гуштини тарзи Самбо, Карате, гуштини миллӣ, шоҳмот, волейбол ва варзиши сабук фаъолона иштирок намуда, 86 медал ба даст овардаанд, ки аз ин миқдор 30 медали тилло, 31 медали нуқра ва 25 медали биринҷӣ мебошад.

Дастаи футболи «Панҷшер»-и ноҳия дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ барои дарёфти Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон дар соли 2015 ширкат варзида, дар байни дастаҳои иштирокчӣ аз вилояти Хатлон сазовори ҷойи дуюм гардид ва барои иштирок ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифт. Дар даври ниҳоии мусобиқа байни ҳашт дастаи пурқуввати мамлакат, ки аз 9 то 19 март дар шаҳри Душанбе доир гардид, иштирок дошт. Даста дар Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба футбол байни дастаҳои Лигаи якум фаъолона иштирок намуд.

Дар баробари комёбиву дастовардҳо дар самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ноҳия мушкилоти ҳалношуда зиёд ба чашм мерасанд. Яке аз мушкилоти ҳалталаб ин рушди варзиш дар байни духтарон ва бонувон мебошад. Дар сурати мавҷуд будани шароити мусоид онҳо метавонанд маҳорати варзишии худро сайқал дода, дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат варзанд. Аммо вақтҳои охир тамоюли ба таври сунъӣ дур сохтани духтарон аз варзиш мушоҳида мешавад.

Оид ба бунёд ва таҷдиди майдончаҳои варзишӣ дар макони истиқомат, байни хонаҳои баландошёна ва маҳаллаҳо корҳо суст ба роҳ монда шудааст. Майдончаҳои варзишии байни хонаҳои баландошёнаи

шаҳраки С. Исоев, ки маркази маъмурии ноҳия аст, ангуштшумор буда, дар ҳолати ногувор қарор доранд.

Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёр мавридҳо ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз дошта, ҳамчунин дар онҳо кормандони сатҳи миёнаи тиббӣ намерасанд. Дар ноҳия, як маҷмааи варзишӣ ё толори варзишии замонавӣ бо ҷойи нишаст мавҷуд нест. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ эҳсос гардида, аксарияти онҳо соддаву оддӣ сохта шуда, дар ҳолати ногувор қарор доранд.

Лозим ба зикр аст, ки баъзе аз деҳаҳои ноҳия аз марказ дар масофаи дур воқеъ мебошанд ва дар қаламрави онҳо ягон майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд нест. Бинобар дурии роҳ кӯдакони ин деҳаҳо аз иштирок дар ҳама чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд. Дар деҳаҳои гирду атрофи ноҳия ҳамчунин ашёву афзори варзишӣ, таҷҳизоти машққунӣ ва дигар иншоотҳои варзишӣ ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Инчунин, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бо мақсади ҷоннок намудани кор бо ҷавонон, варзишгарон ё самти туризм як воҳиди корӣ лозим аст.

**Мушкилии соҳа:** Айни замон як қатор омилҳо мавҷуданд, ки барои рушду такмили соҳа монеаҳо эҷод мекунанд, аз он ҷумла:

- Корҳои нокифояи тарғиботиву ташвиқотӣ ва рекламавӣ
- Мавҷуд набудани инфрасохтори туристӣ
- Нагузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ дар харобаҳои ёдгориҳои таърихии ноҳия
- Набудани маркази махсуси туристӣ, марказҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои хориҷи кишвар
- Набудани муносибатҳои шарикӣ байни маъмуриятҳои шаҳру ноҳияҳои берун аз ҷумҳурӣ
- Набудани мутахассисони пуртаҷриба дар самти туризм
- Набудани ташкилотҳои ҷамъиятии самти туризм
- Ҷалб нагардидани соҳибкорон баҳри рушди туризм, аз он ҷумла бунёди иншоотҳои туристӣ, сохтмони коргоҳҳои коркарди масолеҳи таърихӣ, туристӣ ва ғайраҳо.
- Маҳдуд будани имкониятҳои буҷети маҳаллӣ баҳри маблағгузорӣ ба соҳаи туризм.

## БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

### 1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)

**4.1.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ.** Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат яке аз

афзалиятҳои асосии ноҳия дар панҷ соли оянда мебошад.

Бо мақсади пешбурди соҳа дар ноҳия Корхонаи давлатии фаръии (КДФ) "Обтаъминкунӣ ва канализатсия" амал менамояд, ки танҳо ба аҳолии Ҷамоати шаҳраки ба номи С. Исоеви маркази ноҳия хизмат мерасонаду халос. Аз рӯи маълумоти мавҷуда беш аз 55,5 фоизи аҳолии шаҳраки мазкур ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надорад.

**Диаграммаи №1. Дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ**




КДФ "Обтаъминкунӣ ва канализатсия" дар қатори аҳолии шаҳраку маҳаллаҳои атроф ва корхонаю муассисаҳои мазкузи ноҳияро низ бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Корхонаи мазкур соли 1991 таъсис ёфта, шумораи умумии кормандон аз рӯи воҳиди корӣ 28 нафарро ташкил медиҳад. Як хусусияти хоси сохтори мавҷуда нисбат ба дигар сохторҳои ноҳияҳои ҳамсоя дар он зоҳир мегардад, ки хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ ва обу коррезии хонаҳои баландошёнаи маркази ноҳия танҳо аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкуни ва канализатсия сурат гирифта, хизматрасонӣ танҳо маркази ноҳияро фаро мегирад.

Масоҳати умумии шабакаҳои оби нӯшокӣ 42,5 км - ро ташкил медиҳад.

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза меҳсуб меёбад. Дар маркази ноҳия танҳо 44,5 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 55,5 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии ноҳия ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии Ҷамоатҳои деҳоти Тугаланг ва як кисми ҷамоати Исоев бошад, солҳои дароз аст, ки дастрасӣ ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза надоранд ва аз ин ҳисоб танқисии зиёд мекашанд. Дар Ҷамоатҳои деҳоти номбаршуда аҳолӣ обро аз ҷуйбор ва каналҳо истифода мебаранд, ки ин сарчашмаи асосии барангезандаи бемориҳои сироятӣ мебошанд.

***Ҷадвали №1. Сатҳи обрасонӣ ба аҳолии маркази ноҳия***

| *№* | *Қитъаи обрасонӣ* | *Теъдоди* | *Шумораи* | *Аҳолии бо оби* | *Аҳолие, ки бо* | *% таъминот* |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | *хонаводаҳо* | *аҳолӣ аз рӯи ҷамоатҳо* | *тозаи нӯшокӣ дастрасӣ дошта* | *оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд.* | *(дастрасӣ) бо оби нӯшокӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | Шахраки Исоев | *2500* | *17300* | *7698* | *8602* | 44,4 |

Яке аз мушкилиҳои маркази соҳа набудани дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои асосии обгирӣ, аз кор баромадани насосҳои обкашӣ, набудани системаи обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёд ва ё аз кор баромадани системаҳои мавҷуда дар дигар мавзеъҳо ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин дар Ҷамоати шаҳрак кучаҳое мавҷуданд, ки қисман дастрасӣ ба оби нӯшокӣ доранду халос. Ин мушкилиро дар шаҳраки Исоев дар кучаҳои 60-солагии Истиклолият, 50-солагии Водии Вахш, Казокон,Кухдоман,Киров,Рудаки,Дустов,Чоми,Гафуров,Айни,Пушкин, Мир,Фурудгох ва Совети(пивзавод) мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар шаҳрак 5 адад (20 % корношоям) насосҳои обкашӣ ва 42,5 км. (60 % корношоям) хатҳои обрасонӣ мавҷуд аст, ки аксарияти онҳо дар ҳолати корношоям қарор доранд.

Кори насосҳо қисман мавсимӣ буда, аксарияти онҳо доимӣ амалкунанда мебошанд. Бинобар гарон будани қисмҳои эҳтиётӣ ва норасогии воситаҳои молиявӣ на сохторҳои мавҷуда на худи ҷамоати шаҳрак имконияти азнавсозии иншоотҳои мавҷударо надоранд.

Аксарияти истгоҳҳо ва иншоотҳои обкашӣ аслан дар солҳои 60-70 – уми асри гузашта сохта шуда, бинобар солҳои тӯлонӣ истифода гардидан ва сари вақт таъмири асосӣ нагузаронидан фарсуда шуда, таъмирталаб мебошанд. Бинобар ин зарурати иваз намудани таҷҳизот ва қубурҳои мавҷуда ба миён омадааст.

## Ҷадвали №3. Сатҳи хизматрасонии соҳа дар тӯли солҳои 2011-2015

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *Солҳо* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
| *1* | *Шумораи умумии муштариён, аз ҷумла* | | *15700* | *15700* | *16300* | *16300* | *17100* |
| | *Аҳолӣ* | *нафар* | *7500* | *7500* | *7800* | *7800* | *8200* |
| | *- ташкилотҳои буҷавӣ* | *адад* | *19* | *19* | *31* | *29* | *28* |
| | *- ташкилотҳои гайрибуҷавӣ* | *адад* | *8* | *12* | *24* | *25* | *24* |
| *2* | *Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла,* | *сомонӣ* | *344134* | *379465* | *510000* | *557276* | *668732* |
| | *- аҳолӣ* | *сомонӣ* | *143452* | *173964* | *154032* | *290646* | *348464* |
| | *- ташкилотҳои буҷавӣ* | *сомонӣ* | *131755* | *153680* | *241692* | *155784* | *187196* |
| | *- ташкилотҳои гайрибуҷавӣ* | *сомонӣ* | *68927* | *51821* | *114276* | *110846* | *133072* |
| *3* | *Қарзи муштариҳо дар назди корхона,* | *сомонӣ* | *198900* | *344828* | *326589* | *285870* | *243548* |
| | *- аҳолӣ* | *сомонӣ* | *22296* | *23181* | *12300* | *12300* | *10400* |
| | *ташкилотҳои буҷавӣ* | *сомонӣ* | *135015* | *213102* | *212570* | *189653* | *156015* |
| | *- ташкилотҳои гайрибуҷавӣ* | *ҳазор сомонӣ* | *41589* | *108545* | *101719* | *83917* | *77131* |
| *4* | *Нархи об (1 м³)* | | *0,62* | *0,74* | *0,97* | *0,95* | *1,01* |
| | *- аҳолӣ* | *дирам* | *0,60* | *0,60* | *0,70* | *0,75* | *0,75* |
| | *- ташкилотҳои буҷавӣ* | *дирам* | *0,80* | *0,80* | *1,00* | *1,40* | *1,40* |
| | *- ташкилотҳои гайрибуҷавӣ* | *дирам* | *1,50* | *1,50* | *2,00* | *2,40* | *2,40* |
| *5* | *Истеҳсоли шабонарӯзии об* | *ҳазор м³* | *1,5* | *1,5* | *1,5* | *1,6* | *1,8* |
| *6* | *Талафоти умумӣ* | *%* | *23,8* | *27,7* | *31,3* | *35,6* | *29,2* |

Зикр намудан лозим аст, ки яке аз сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ дар назди хоҷагӣ ин паст гардидани қобилияти пардохтпазирии онҳо мебошад. Сабабҳои асосии баланд будани талафот, агар аз як тараф, кӯҳнаю фарсуда будани қубурҳои мавҷуда бошад, аз дигар тараф, набудани ҷумакҳо ва ҳисобкунакҳои обченкунӣ дар байни аҳолӣ мебошад.

Дар доираи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2.12.06) дар маркази ноҳия барқарорсозии иншоотҳо ва хатҳои қубури мавҷудаи системаи обтаъминкунӣ, таҷдид ва аз нав сохтани хатҳои обгузар ва дигар сохтмонҳо ба нақша гирифта шудааст. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ дар доираи Барномаи номбурда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 7956,9 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз ин 759,1 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ, 1993,8 ҳазор сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, 4824,5 ҳазор сомонӣ ба сармояи хориҷӣ,549,5 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби хоҷагӣ рост меояд. Дар доираи қарори мазкур таи солҳои солҳои 2008-2014 ҷиҳати таъмин намудани аҳолии ноҳия бо оби нӯшокии тоза аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 503,3 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки аз ин 50,7 ҳазор сомонӣ аз буҷети маҳаллӣ, 227,2 ҳазор сомонӣ ба сармояи хориҷӣ ва 226,1 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби хоҷагӣ рост меояд.

Дар сурати сари вақт ҷудо гардидани маблағҳои пешбинӣ гардида ва татбиқи самараноки лоиҳаҳо сифати таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия беҳтар гардида, зиёда аз 17,3 ҳазор нафар аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мегардад.

Илова бар ин сари вақт нагузаронидани ташхис ва безарар гардонидани оби ошомиданӣ дар асоси технологияи муосир боиси паҳн шудани касалиҳои сироятӣ мегардад.

Дар баробари ин, бо мақсади барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия дар шаҳраки Исоеви ноҳия бо маблағгузории Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар доираи барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия 5 975 ҳазор доллари ИМА корҳо ба нақша гирифта шуда, дар амал татбиқ шуда истодааст. Дар ҳолати пурра амалӣ гардидани лоиҳаи мазкур имконият медиҳад, ки аҳолии шаҳраки Исоев ва гирду атрофи он пурра ва шабонарӯзӣ бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин карда шаванд.

Бояд қайд намуд,ки 37%-и маблағ ё ин ки 2 209 ҳазор доллари ИМА маблағҳои қарзӣ буда, то соли 2027 пурра баргардонида мешавад.

***Мушкилии асосӣ дар таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ аз инҳо иборат аст:***

- *Таъмини шабакаҳои обтаъминкунӣ бо нерӯи барқ тибқи меъёр;*
- *Ҳолати ғайриқаноатбахши техникии иншоотҳои обтаъминкунӣ (зиёда аз 75 % иншоотхои обтаъминкунии мавҷуда фарсуда гардидаанд);*
- *Нарасидани таҷҳизотҳои барқии қудратнок ва гидромеханикӣ;*
- *Вуҷуд надоштани баҳисобгирии дақиқи истифодабарии об ва обченкунакҳо.*
- *Дастрасӣ надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ;*
- *Пардохт нашудани ҳаққи хизматрасонии обу ташноб аз ҷониби истифодабарандагон;*
- *Дар ҳолати корношоям қарор доштани пойгоҳҳои обкашӣ;*
- *Аз фаъолият мондани шабакаҳои обу ташноб ;*
- *Аз ташхис нагузаронидани оби ошомиданӣ*

### 4.1.2. Хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)

Дар баробари ба анҷом расонидани таъмини аҳолии маркази ноҳия бо оби нӯшокӣ Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ хизматрасонии коммуналиро низ ба уҳда дорад. Корхонаи мазкур фаъолияти худро дар самти нигоҳдории фонди манзил, тозагию санитарӣ, ободонию кабудизоркунӣ, равшаннамоӣ ва ғайра ба роҳ мондааст.

Аз шумораи умумии кормандон 6 нафар ва ё 13 фоиз ба корҳои манзилию коммуналӣ сафарбаргардида, ба ба 3030 нафар муштариён, 130 адад корхонаю ташкилот ва нуқтаҳои савдо хизмат мерасонанд. Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани муассисаҳои маркази ноҳия ба хизматрасонии коммуналӣ, агар аз як тараф набудани шартномаҳои тарафайн бошад, аз тарафи дигар ин суст будани иқтидори техникии корхона ба ҳисоб меравад. Суст будани имкониятҳои молиявӣ ва маблағзории соҳа боис гардидааст, ки таи 20 соли охир ягон техника ва таҷҳизотҳои замонавӣ ворид карда нашудааст, ки корро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад.

Айни замон, тоза ва кашонидани партовҳо, корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тайёрӣ ва ҷашнгирии маъракаҳои сиёсию оммавӣ, ороиши кӯчаҳои ноҳия бо шиору навиштаҷот, таъмири системаи равшандиҳии кӯчаҳо, дархости шаҳрвандон ба зиммаи коргарони идора гузошта шудааст.

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ дар соли 2014 – 1018 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 ба андозаи 365,4

ҳазор сомонӣ ва ё 156 фоиз зиёд мебошад. Қарзи муштариён дар назди корхона дар соли 2014 – 9,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2010 – 36 ,3 ҳазор сомонӣ ва ё 83% мебошад. Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила дар соли 2014 - 74 сомониро ташкил медиҳад.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузошташуда ғайриимкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳҳу роҳравҳо таъмир карда мешаванд.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи маркази ноҳия дар тӯли солҳои 2010-2015 ба ҳисоби миёна 1,83 $м^3$ - ро ташкил медиҳад.

Корхона ба ҷуз аз истиқоматкунандагони ноҳия боз бо 130 адад корхонаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад, ки ҳаҷми партовҳои аз корхонаҳои мазкур баровардашаванда 32 % ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.




Мушкилиҳои асосии ин соҳа норасогии техника, ба хусус васоити техникии коммуналии ҳозиразамон, кӯҳнаю фарсуда гардидани шабакаҳои таъминоти об, кам будани қуттиҳои ахлотпартоӣ, паст будани музди меҳнати коргарон ва баланд будани нархи сӯзишворӣ мебошад, ки ин ҳама ба баланд гаштани нархи хизматрасонӣ оварда расонидааст.

Партовгоҳи марказӣ дар масофаи 12 км дур аз маркизи ноҳия ҷойгир шуда, масоҳати умумии он ба 2.73 га баробар аст ва то кунун гирду атрофи он пойдевор надорад. Илова бар ин нуқтаҳои ахлотпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омадааст. Бар замми ин бинобар боришоти зиёди пай дар пай каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Барои ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ ва кашонидани партовҳо ба идораи манзилию коммуналӣ 2 адад автомошинаи ГАЗ-53, ва 3-трактори Т-28 хизмат мерасонад, ки онҳо фарсудаю корношоям гардидаанд. Илова бар ин дар тавозуни корхона боз 1 адад автомашинаи обпошак ва 1 адад автомашина барои таъмири чароғҳои барқӣ мавҷуд мебошад. Муассисаи мазкур аз норасогии техника (автомошинаи

партовбарорӣ, мехлапата ва тракторӣ ЮМЗ-80 якҷоя бо равонакаш) ҳангоми тоза ва кашонидани ПСМ ба мушкилотҳои зиёд дучор мегардад.

Дар натиҷаи таъмини идораи манзилию коммуналӣ бо техникаю мошинҳои лозима сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳа беҳтар мегардад.

Дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ инчунин 24.6 км роҳҳои пиёдагард, 23 км обпарто (латок )ва 2.73 га партовгоҳи марказӣ мавҷуд аст. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 1,0 га - ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2015 барои фаъолияти идораи манзилию коммуналӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ 587,9 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2010 ба андозаи 90.4 ҳазор сомонӣ ва ё 10 фоиз зиёд мебошад. Маблағҳои дар ин давра ҷудогардида асосан барои пардохти музди меҳнат ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Хароҷоти асосие, ки дар ин самт аз ҳисоби идораи манзилию коммуналӣ ба анҷом расонида мешавад, аз ҳисоби маблағҳои ҷамъовардашудаи ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ сурат мегарад, ки ҳаҷми он дар соли 2015 - 629.7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 512.2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин нарасидани воситаҳои техникӣ нарасидани воситаҳои молиявӣ, низоми сусти мониторинг ва истифодаи усулҳои пешқадами парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳо ва дигар гулҳои ороишӣ мебошад.

***Мушкилии соҳаи инфрасохтор:***

- *Фарсуда гардидани техникаи мавҷудаи соҳаи коммуналӣ;*
- *Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маркази ноҳия ва кучаҳои шаҳрак;*
- *Набудани техникаи ҳозирзамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо;*
- *Набудани техникаи ҳозирзамон барои корҳои ҷамъоварӣ ва кашонидани партовҳо;*
- *Набудани куттиҳои ҳозирзамон барои ҷамъоварии партовҳо дар назди хонаҳои баландошиёна ва умуман дар ҷойҳои муқаррargардида;*

### 4.2. <u>***Таъмини барқ ва газ***</u>

Шабакаҳои барқии ноҳияи Ҷалолидини Румӣ соли 1963 ташкил шуда, дар тавозуни худ ХИБ-10 кВ, ки дарозиашон 337,594 км, хати ҳавоии 0,4 кВ, ки дарозиашон 688,577 км, хатҳои кабели ХК-10 кВ

дарозиашон 4,3 км ва истгоҳҳои трансформаторӣи 10/0,4 кВ, ки ба миқдори 238 ададро ташкил медиҳад ва дар холати баҳрабардори қарор доранд.

Таъмир ва рангубор намудани бунгҳои трансформаторӣ бо трансформаторҳои қуввагӣ, ки аз инҳо як қисми кучаҳо ва хонаҳои баландошёнаи маркази ноҳия барқ мегиранд аз таъмири асоси бароварда шуд.

Дар маркази ноҳия дар Истгоҳҳои трансформаторӣи № 4002 хатҳои 0,4-10 кВ, ки корношоям шуда, онҳо ба миқдори 10- адад ба пояҳои охану-бетонӣ иваз карда шуд.

Инчунин дар кучаи К.Маркс маркази ноҳия пояҳои фарсудаи ХХ-10 кВ, ки дар кучаи 60- солагии Сомониён мегузашт 12- ададаш ба пояҳои охану-бетонӣ иваз карда шуда ИТ-рии 400/10 насб карда шуд.

Самти асосии фаъолияти Шабакаҳои барқии ноҳия бо нерӯи барқ таъмин намудани аҳолӣ, дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани системаи мавҷуда, сари вақт гузаронидани таъмир ва азнавсозии онҳо мебошад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт дида мешавад ин зиёд шудани бори истгоҳҳои трансформаторӣ мебошад. Дар айни замон зеристгоҳҳои мавҷуда бо назардошти дар фасли зимистон аз меъёр зиёд истифода бурдани нерӯи барқ талаботи рузафзуни аҳолиро пурра ва сари вакт бо нерӯи барқ таъмин карда наметавонад.

Мушкилии дигаре, ки ба назар мерсад ин куҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии хавои ва симчубҳои хатхои интиқоли барқ махсуб меёбад. Аксари ХХ-0,4-10 кВ-и интиқоли барқ аз солхои 1960-1975-и асри гузашта сохта шудаанд. Дар ин муддат ягон маротиба корхои азнавсозӣ гузаронида нашудааст.

Илова бар ин, бинобар сол то сол зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва ташкили махалаҳои навбунёд талабот низ ба нерӯи барқ зиёд гардида истодааст.

Инчунин барои таъмини аҳолӣ бо барқ сохтмони хатти интиқоли барқи 0,4 кВт ва зеристгоҳҳои иловагӣ зарурият дорад.

**Ҷадвали № 1. Нишондиҳандаҳои асосии соҳа дар тули солҳои 2011-2015**

| № | Нишондихандаҳо | воҳиди ченак | С о л ҳ о | | | | | соли 2015 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| 1 | Фуруши умуми барқ | сомонӣ | 7702627 | 8409007 | 10414828 | 9883959 | 11132460 | 128.3 |
| | Аз ҷумла, -ба аҳолӣ | сомонӣ | 3242990 | 3372188 | 4934850 | 5823665 | 6715590 | 179.6 |
| | -ба ташкилотҳои буҷетӣ ва гайрибуҷетӣ | сомонӣ | 4459637 | 5036819 | 5479978 | 4060294 | 4651387 | 91.0 |
| 2 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | дирам | 7.37 | 8.34 | 9.17 | 9,48 | 9,6 | 128,6 |
| | - Ба аҳолӣ | дирам | 9,0 | 10,35 | 11,0 | 12,6 | 12,6 | 140,0 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ ва гайрибуҷетӣ | дирам | 6,5 | 7,39 | 7,97 | 12,2 | 12,2 | 187,7 |
| 3 | қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла | сомонӣ | 8688572 | 9636357 | 11565,270 | 8408540 | 11433396 | 97,1 |
| | -аҳолӣ | сомонӣ | 2308990 | 2342688 | 2889462 | 3930745 | 5785321 | 170,2 |
| | -ташкилотҳои буҷеӣ ва гайрибуҷетӣ | сомонӣ | 6349582 | 7293669 | 8675808 | 4477795 | 6059699 | 70,5 |
| 4 | -талафоти умумӣ | % | 17,6 | 17,3 | 17,1 | 16,3 | 15,3 | 92,6 |

Ҳаҷми фурӯши нерӯи барқ дар соли 2015 11132,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 3429,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, ки ба афзоиши аҳолӣ ва талаботи он алоқаманд аст. Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин сол то сол зиёд гардидани қарзи истифодабарандагон аз нерӯи барқ мебошад. Қарзи асосӣ ба души ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрбуҷетӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2015 – 6059,6 ҳазор сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 1871, 8 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Сабабҳои асосии қарздории ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ин сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, паст будани вазъи молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии корхонаҳо мебошад. Мушкилии дигари соҳа ин баланд будани хаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, куҳнаю фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва аз тарафи дигар, норасогӣ ва аз кор баромадни ҳисобкунакҳои барқии мавҷуда таъсири манфӣ расонидааст.

Аз сабаби набудани гази табиӣ ва гарон будани нархи ангиштсанг аҳолии ноҳия қувваи барқро аз меъёр зиёд, бахусус дар фасли сармо, истифода мебаранд, ки ин боиси тез-тез аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ мегардад.

Таъмини барқ мушкилии аввалиндараҷа ва самти афзалиятнок барои ноҳия аст.

Талаботи умумии ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ба ҳисобкунакҳои электронӣ 7,1 хазор ададро ташкил дода, аз ин 1950 адад ҳоло васл гардида, эҳтиёҷоти боқимонда 11845 ададро ташкил медиҳад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- куҳнаю фарсуда шудани хатҳои барқи ҳавоӣ;
- мунтазам аз кор баромадни трансформаторҳо;
- корношоям гардидани симчубҳои хатҳои интиқоли барқ;
- сол то сол зиёд гардидани қарздории аҳолӣ дар назди корхона;
- баланд будани талафоти нерӯи барқ;
- норасогии ҳисобкунакҳои электронӣ;
- қарздор будани ташкилотҳо аз фурӯши барқ.

**Таъмини газ.** Аҳолии ноҳия қисман бо реҷаи муайян аз кони калонтарини гази Қизилтумшуқи ноҳияи Ҷ.Балхӣ бо гази табиӣ таъмин мебошад. Дар оянда барои таъмин намудани аҳолӣ бо гази табиӣ гузаронидани қубури газ аз кони гази Қизилтумшуқ дар масофаи 14 км дар назар аст. Ҳоло дар ноҳия 24 нуқтаи фурӯши гази моеъ мавҷуд аст, ки аҳолии ноҳия аз ин нуқтаҳо истифода мебаранд. Барои бо гази моеъ таъмин намудани аҳолӣ бунёди нуқтаҳои фурӯши он дар маркази ҷамоатҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Аҳолӣ барои гарм кардани хонаҳо аз сӯзишвории сахт (ангишт, хокаи ангишт, ҳезум ва дигар буттаҳои саҳроӣ) истифода мебаранд. Ҳезум асосан аз ҳисоби буридани дарахтони бисёрсолаи кучаҳои шаҳрак ва дигар буттаҳои саҳроӣ захира карда мешавад, ки ин ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, дар бисёр мавридҳо боиси рух додани офатҳои табиӣ мегардад.

**4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ.** Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба фаъолияти роҳдорӣ Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои

автомобилгард машғул аст. Дар мувозинаи муассисаи мазкур 250,7 км шабакаи роҳҳои автомобилгард дохил мешавад, ки аз ин 70 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ, 180,7 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта мебошад.




**Намуди пӯшиши роҳҳо ба сурати зерин мебошанд,**

Роҳҳои асфалту бетонпӯш 177,0 км.

Роҳҳои сангфарш 33,7 км.

Роҳҳои мумфарш 40,0 км.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ мебошад. Бинобар солҳои дароз истифода гардидан ва сари вақт нагузаронидани таъмири асосӣ аксарияти қисматҳои роҳҳо ба таъмири асосию ҷорӣ ниёз доранд. Чунин мушкилиро бештар дар маҳаллаҳои Комсомол, Пушкин, Узун, Ҳазорчашма, Тошробод-Маркази радиошунавонӣ, Фрунзе-стансияи оббарорӣ, Т. Исанқулов- Қизилбайрақ дидан мумкин аст.

Ба ғайр аз ин дар тавозуни идораи мазкур 81 адад купрук (11 адад дар роҳои ҷумҳуриявӣ ва 70 адад дар роҳҳои маҳаллӣ) ҷӯйборҳои ду тарафи роҳ, аломатҳо, таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо гузошта шудааст. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин ҳолати ногувори купрукҳо мебошад. Аз шумораи умуми купрукҳо 6 ададаш дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, аз ин 1 ададаш ба роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 5 ададаш ба роҳҳои маҳаллӣ рост меояд. Бинобар дар ҳолати садамавӣ қарор доштани купруки роҳи автомобилгарди деҳаи Пушкини Ҷамоати деҳоти “Навобод” ва роҳи автомобилгарди деҳеи Ҳазорчашмаи Ҷамоати деҳоти Калинин рафту омади аҳолии ноҳия ба ин самт кам шуда, ба таъмиру азнавсозии фаврӣ ниёз дорад.

<u>**Ҳолати техникӣ.**</u> Дар парки автомобилии корхона 7 адад техникаи махсусгардонидашуда мавҷуд мебошад, ки аз ин 2 адад автогрейдер, 1 адад автомашинаи ЗИЛ-131, 1 адад автобус, 1 адад автомашинаи ГАЗ -52, 1 адад автомашинаи ГАЗ -53 ва 1 адад автомашинаи сабукрави ГАЗ -31 мебошад. Ҳама техникаҳои мавҷуда аз таъмир бароварда шуда, дар ҳолати корӣ қарор доранд.

Дар ноҳия 1 муассисаи нақлиётӣ фаъолият менамояд. Ғайр аз ин дар ноҳия ду ҷамъияти нақлиётии автомобилӣ боркашӣ ва мусофиркашӣ фаъолият менамоянд. Инчунин дарноҳия 1 терминали мусофиркашонӣ мавҷуд аст, ки терминали ҶДММ «Мавлоно» ба самтҳои байниноҳиявӣ ба самтҳои дохилиноҳиявӣ хизмат мерасонанд. Тамоми масолеҳ ва маҳсулоти ниёзи мардум ба воситаи нақлиётҳои автомобилӣ кашонида мешавад.

Мушкилии асосӣ барои муассисаи мазкур набудани техника ва таҷҳизоти навин мебошад ва аз ин сабаб хизматрасонӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Аз техникаи дар мувозинаи муассиса мавҷудбуда зиёда 50 фоизи он фарсуда гардида, таъмирталаб аст.

Қисми зиёди пулу роҳҳои мошингарди ноҳия бахусус роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта ба таҷдид ва азнавсозӣ ниёз доранд.




Дар соли 2015 (дар соли 2015 -4182 нафар) нисбат ба соли 2011 ҳаҷми мусофиркашонӣ 3,5 маротиба ва боркашонӣ ( дар соли 2015- 1702,3 тонна) ба ми¥дори 109,3тонна зиёд шудааст. Яке аз омилҳои асосие, ки ба нишондиҳандаи боркашонӣ таъсири манфӣ мерасонад ин баланд гардидан нархи сузишворӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда дар тӯли солҳои 2011–2015 аз ҳисоби буҷети ҳамаи сатҳҳо (маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ) 1534,4 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин 16,5 фоизи маблағҳое, ки аз ҳисоби пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиётро ташкил медиҳад. Маблағи умумии пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт дар тӯли солҳои 2011 -2015 беш аз 9308,5 ҳазор сомониро ташкил дод.



**Диаграммаи №3. Маблағгузории соҳа дар тӯли солҳои 2011-2014 ва даромади андозҳо (ҳазор сомонӣ)**

Дар соли 2015 бошад аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо 383,9 ҳазор сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки аз ин 228,9 ҳазор сомонӣ барои роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 155,0 ҳазор сомонӣ барои роҳҳои маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин барои 1 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ 3269 сомонӣ ва барои роҳҳои маҳаллӣ дошта бошад 858 сомонӣ дар як сол рост меояд, ки ин маблағи ночиз мебошад. Ин дар ҳолест, ки беш аз 72,1 фоизи роҳҳои мавҷударо роҳҳои маҳаллӣ ташкил медиҳад.



**Диаграммаи №4. Маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли 2015 (ҳазор сомонӣ (%))**

***Мушкилии соҳаи инфрасохтор:***

- *Фарсуда гардидани техникаи мавҷудаи соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ;*
- *Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои марказӣ, маҳаллӣ ва пулҳо;*
- *Набудани техникаи ҳозирзамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо.*

**4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**.

Нуқтаи минтақаи техникии №2 филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ яке аз корхонаҳои бонуфузи алоқаи ноҳия мансуб меёбад. Шумораи умумии кормандон 14 нафарро ташкил медиҳад барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ барои хизматрасонии соҳа айни замон дар ҳудуди ноҳия 1 адад дастгоҳи 4070 рақама мавҷуд мебошад, ки ба аҳолӣ хизмат расонида истодааст.

Айни замон бештари сокинони ноҳия аз шабакаҳои мобили «ТСЕЛ», «Вавилон», «МЛТ», «Билайн» ва «ТК-Мобайл» истифода мебаранд. Дарозии каналҳои телефонии байниноҳиявӣ ва дохили ноҳиявӣ 40,8 км- ро ташкил медиҳад.

Шумораи муштариёни корхона дар соли 2015 – 2154 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 80 нафар ё 5,6 фоиз зиёд мебошад, ба ин нигоҳ накарда то ҳол дар баъзе мавзеъҳо хатҳои телефони мавҷуд нест. Аз ҷумла ин мушкилиро дар ҷамоати деҳоти Фрунзе, ҷамоати шаҳраки «Гулистон», ҷамоати деҳоти «Маданият», ҷамоати деҳоти Калинин, ҷамоати деҳоти «Навобод» ва деҳаҳои Айни, Учқун ва Қизил Октябр эҳсос менамоянд. Барои таъмини аҳолии деҳаҳои номбурда ба хадамоти телефонӣ харидорӣ намудани симчубҳо, кабел ва дигар намуди таҷҳизоти алоқавӣ зарур аст.

Дар қатори хизматрасонии нуқтаҳои қитъаи техники филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳия хизматрасонии интернетиро ба муштариён пешниҳод менамояд, шумораи умумии Истифодабарандагони (муштариён) ин намуди хизматрасони дар соли 2014 аз ҳисоби аҳоли 180 нафар ва аз ҳисоби ташкилотҳо 130 ададро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ноҳия барномаҳои телевизионии ҷумҳурияви Шабакаи Якум, Сафина, Баҳористон, ва Ҷаҳонамо пурра фарогир мебошад.

Фарогирии барномаи телевизиони 80-90 фоиз ва радиои маҳалли 35,0 фоиз шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад, инчунин дар ҳудуди ноҳия марказҳои хусусии хизматрасонии интернети фаъолият мукунад.

Радиои маҳали дар ноҳия аз соли 1994 фаъолият менамояд, силсила гуфторҳо ҳафтае ду маротиба ба аҳолии шунавонида мешавад саҳми радиои маҳалли имрӯз низ дар сохтори давлати ҳамчун тарғиботгар ва ба дараҷаи баланди сиёсию фарҳангӣ тарбия намудани шаҳрвандон хеле калон мебошад.

Ба ғайр аз ин дар ҳудуди ноҳия дар як моҳ се маротиба рӯзномаи «Навиди Балх» нашр карда мешавад. Теъдоди солонаи рӯзномаи мазкур 47,3 ҳазор нусхаро ташкил медиҳад. Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои сатҳи гуногун, идҳо, ҷашнҳо ва ғайра иловатан рӯзномаи мазкур нашр карда мешавад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин набудани матбааи худӣ мебошад. Бинобар дар шаҳри Қурғонтеппа нашр шудани рӯзномаҳо арзиши аслии

онҳо гарон мегардад. Яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа ин зиёд намудани шумораи муштариён ба ҳисоб меравад.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ барои рушди минбаъдаи соҳа ин кашондани хатти телефонии нурӣ ва насби як адад истгоҳи телефонии рақамии дорои 500 рақама дар ҷамоатҳои деҳоти Калинин ва Фрунзе ва истгоҳи телефонии рақами дорои 400 рақама дар ҷамоати деҳоти «Навобод» ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти талаботҳои муосир зарурияти беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасони ба миён омадааст аз ин лиҳоз таъмин намудани аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонии бе сим яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳа дар давраи ояндаи миёнамуҳлат маҳсуб меёбад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

-куҳнаю фарсуда шудани силкҳои алоқа

-корношоям гардидани симчубҳои хатҳои алоқа

-сол то сол зиёд гардидани қарздории аҳоли дар назди корхона.

***Мушкилии соҳаи инфрасохтор:***

- *Дастрасӣ надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ;*
- *Пардохт нашудани ҳаққи хадамоти об аз ҷониби истифодабарандагон;*
- *Дар ҳолати корношоям қарор доштани пойгоҳҳои обкашӣ;*
- *Аз фаъолият мондани шабакаҳои обу ташноб ;*
- *Нарасидани техника барои кашонидани ПСМ ва тоза нигоҳ доштани партовгоҳ;*
- *Аз ташхис нагузаронидани оби ошомиданӣ;*
- *Фарсуда гардидани техникаи мавҷудаи соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ;*
- *Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои марказӣ, маҳаллӣ ва пулҳо;*
- *Набудани техникаи ҳозирзамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо;*
- *Набудани нуқтаи фурӯши гази моеъ дар маркази ҷамоатҳо;*
- *Қарздор будани ташкилотҳо аз фурӯши барқ.*

**Боби 5. Бехатарии ҳифзи муҳити зист**

Пешбурди сиёсати экологӣ дар сатҳи маҳал тавассути шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия татбиқ мегардад. Айни замон, дар ин самт 9 нафар кору фаъолиятро пеш мебаранд, ки ҳаммаи онҳо дорои маълумоти олӣ мебошад. Мушкилотҳои асосие, ки мутахассисон ба он дучор гардида истодаанд ин набудани озмоишгоҳи замонавӣ, автомашина ва дидбонгоҳи экологӣ мебошад.

Ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ аграрӣ ҳисобида мешавад ва аз ин лиҳоз проблемаҳои экологии минтақа дар алоқамандии зич бо фаъолияти соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлими гарм, релефи ҳамвор дар минтақа баҳри инкишофи пахта ва

нашъунамои он мусоидат менамояд. Мушкилотҳои экологии ноҳия шабеҳи проблемаҳои экологии дигар минтақаҳои водии Вахш мебошад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия дар он зоҳир мегардад, ки бо сабаби солҳои тӯлони тоза накардани як қисми заҳбуру заҳкашҳо обҳои зеризамини хеле баланд аст ва ин боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Дар натиҷаи ин зиёда аз 1308 гектар заминҳои кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор доранд. Илова бар ин дар соли 2014 беш аз 1499 гектар дар ҳолати шӯршавӣ қарор дорад.

Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 25 корхонаи саноатӣ ва 3000 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият менамоянд. Ҳаммаи корхонаҳо бо ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳадди имконпазирии партовҳо, хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ таъмин мебошанд. Вале дар ҳаммаи корхонаҳои саноатӣ иншоотҳои безараргардонии партовҳо аз ҷумла сиклонҳо дар ҳолати вайрона қарор дошта партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосферӣ аз ҷумла дар корхонаҳои коркарди пахтаи ҶСШК “С.Исоев”, ҶДММ “Пахтаи Рушди Хатлон” ва ҶДММ “Элит коттон”, корхонаи ордбарории КФ “Захира дар Хатлон” ва корхонаи равғани “Ориёи Колхозобод” дар ҳолати садамавӣ қарор дорад, ки ин ба муҳити зисти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад

Дар баробари ин, таҷҳизотҳои лабараторӣ барои чен кардани таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатии ба муҳити атроф мавҷуд нест. Ҳисоби партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосферӣ дар асоси дастурҳои мавҷудбуда ҳисоб карда шуда дар ҳисоботҳои омории 2ТП “Ҳаво” ҷамъбаст карда мешаванд.

*Ҷадвали №1. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ*

| *Номгӯйи моддаҳои зараровар* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 383,7 | 394,6 | 424,6 | 341,978 | 341,520 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 258,1 | 265,7 | 285,5 | 200,533 | 200,308 |
| Газмонанд ва моеъ: | 125,6 | 128,9 | 139,1 | 141,445 | 147,670 |

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза меҳсуб меёбад. Дар ноҳия танҳо 21,5 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 78,5 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии ноҳия ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии Ҷамоатҳои деҳоти Фрунзе ва Калинин бошад солҳои дароз аст, ки дастрасӣ ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза надоранд ва аз ин ҳисоб танқисии зиёд мекашанд. Дар Ҷамоатҳои

деҳоти номбаршуда аҳолӣ обро аз каналҳо истифода мебаранд, ки ин сарчашмаҳо барангезандаи асосии бемориҳои сироятӣ мебошанд.

Дар ноҳия корхонаи КДФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсия” мавҷуд буда он танҳо маркази шаҳраки С.Исоевро бо оби нӯшокӣ ва канализатсия таъмин менамояд. Вале на ҳамаи хонаҳои истиқоматӣ ва корхонаҳои саноатӣ ба ин канализатсия пайваст мебошанд. Мушкилоти асосии экологие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин бо барқи доимӣ таъмин набудани иншоотҳои обтозакунии ноҳия мебошад. Дар соатҳои набудани барқ обҳои партов ба таври садамавӣ ба заҳбур ҷори мешавад. Бинобар ин, ҳамеша хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ ва оби дарёии Вахш таҳдид мекунад, ки ин диққати ҷиддиро ба худ талаб менамояд. Дар натиҷаи ин хатари сар задани касалиҳои сироятӣ зиёд мешавад.

Дар шаҳраки С.Исоеви ноҳия 61 нуқтаи ба расмият даровардашудаи партовбарорӣ ташкил карда шудааст, ки пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ сурат мегирад.

Вале дар дигар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ин корхона фаъолият наменамояд. Бо пешниҳоди шӯъбаи ҳифзи муҳити зист дар ҷамоатҳои деҳоти Маданият, Фрунзе, Калинин ва ҷамоати шаҳраки Гулистон барои партовгоҳҳои расмӣ замин ҷудо карда шудааст вале ин партвгоҳҳо ба ягон корхона ё соҳибкор вобаста карда нашудааст. Дар натиҷа партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ дар ҷойҳои ғайримуқарраргардида аз ҷумла дар лаби заҳбуру заҳкашҳо ва заминҳои кишоварзӣ партофта шуда муҳити зистро ифлос менамоянд.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ ва афзалиятнок барои рушди минбаъдаи соҳа ин гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқотӣ барои нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ва солимгардонии аҳолӣ мебошад. Барои гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқотӣ дар назди шӯъба маркази экологӣ фаъолият менамояд.

**Мушкилотҳои асосии соҳа:**

- ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгуй набудани манбаъҳои оби нӯшокӣ;
- норасогии воситаҳои техникӣ ва ба талаботҳои муосир ҷавобгуй набудани шароити кории мутахассисон:
- риоя нагардидани талаботҳои экологӣ аз тарафи корхонаҳои саноатии ноҳия;
- суст будани корҳои тарғиботию ташфиқотии экологӣ дар байни аҳолӣ.

## БОБИ 6.
## ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

Таи солҳои 2011-2015 дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 2 ҳолати фавқулодда ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми пан¿ соли охир

хисороти аз офатҳои табиӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ расида 258 193 сомониро ташкил дод

Яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дар солҳои минбаъда ин дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ аст, зеро 13 деҳаи аҳолинишини ноҳия дар мавзеи хатарнок ҷойгир мебошанд.

Дар мавзеъҳои хатарнок 12 фоизи аҳолии ноҳия истиқомат доранд (21,8 ҳазор нафар аҳолӣ).

Офатҳои табиӣ, ки ҳамасола ба аҳолии ноҳия хатар дорад, ин селҳо, обхезиҳо, ярчҳо, жола, хунукиҳои сахт, боронҳои шадид мебошад. Барои паст намудани хатари офатҳои табиӣ таи панҷ соли оянда дар доираи барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст.

Дар ноҳия ҳамагӣ 6 ҷамоати деҳот ва 2 ҷамоати шаҳрак вуҷуд дорад, ки дорои ҳудудҳои хавфноки геологӣ мебошад. Аз (83 деҳа) 13 -тояш дар зери таҳдиди хавфи табиӣ қарор дорад. Шумораи хоҷагиҳои хонагие, ки дар минтақаи хавфнок ҷойгиранд, 4558 ададро ташкил медиҳанд, ки ба 19,7 % ҳамаи хоҷагиҳои хонавода баробар аст. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 21,8 ҳазор нафар умр ба сар мебаранд.

**Ҷадвали № 1**

| *№* | *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат* | *Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда* | *Шумораи деҳаҳои дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда (-%)* |
|---|---|---|---|---|
| *1* | *Шаҳраки С,Исоев* | *49- куча* | *1* | *2,0* |
| *2* | *Шаҳраки «Гулистон»* | *6* | *0* | *0* |
| *3* | *Деҳоти «Тугаланг»* | *17* | *0* | *0* |
| *4* | *Деҳоти «Навобод»* | *11* | *3* | *27,3* |
| *5* | *Деҳоти «Узун»* | *14* | *4* | *28,6* |
| *6* | *Деҳоти Фрунзе* | *12* | *3* | *25,0* |
| *7* | *Деҳоти Калинин* | *6* | *2* | *33,3* |
| *8* | *Деҳоти Маданият* | *17* | *0* | *0* |
| | ***Дар ноҳия*** | ***83*** | ***13*** | ***15,6*** |
| *№* | *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Шумораи хоҷагиҳои хонавода, ҳамагӣ* | *Шумораи хоҷагиҳои хонаводагие, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда* | *Шумораи хоҷагиҳои хонаводае, ки дар минтақаи хафнок ҷойгиршуда ( %)* |
| *1* | *Шаҳраки С,Исоев* | *2471* | *46* | *1,9* |
| *2* | *Шаҳраки «Гулистон»* | *3063* | *0* | *0* |
| *3* | *Деҳоти «Тугаланг»* | *2221* | *0* | *0* |
| *4* | *Деҳоти «Навобод»* | *2731* | *511* | *18,7* |
| *5* | *Деҳоти «Узун»* | *2576* | *1568* | *60,8* |
| *6* | *Деҳоти Фрунзе* | *4143* | *1006* | *24,3* |
| *7* | *Деҳоти Калинин* | *2750* | *1427* | *51,9* |
| *8* | *Деҳоти Маданият* | *3146* | *0* | *0* |
| | ***Дар ноҳия*** | ***23101*** | ***4558*** | ***19,7*** |
| *№* | *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Шумораи аҳолӣ, ҳамагӣ:* | *Шумораи аҳолии дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда* | *Шумораи аҳолии дар минтақаи хавфнок ҷойгиршуда (%)* |
| *1* | *Шаҳраки С,Исоев* | *17631* | *172* | *1,0* |
| *2* | *Шаҳраки «Гулистон»* | *24120* | *0* | *0* |
| *3* | *Деҳоти «Тугаланг»* | *36428* | *0* | *0* |
| *4* | *Деҳоти «Навобод»* | *22675* | *3559* | *15,7* |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5 | *Деҳоти «Узун»* | *23008* | *7606* | *33,0* |
| 6 | *Деҳоти Фрунзе* | *22555* | *5028* | *22,3* |
| 7 | *Деҳоти Калинин* | *16011* | *5551* | *34,6* |
| 8 | *Деҳоти Маданият* | *17673* | *0* | *0* |
| | ***Дар ноҳия*** | ***180101*** | ***21816*** | ***12,1*** |

Дар ҷадвали №2 номгӯи равандҳои табиии ба деҳаҳо таҳдидкунанда пешниҳод шудааст. Асосан офатҳои таҳдидкунанда сел мебошанд. Чунин ҳолатҳои фавқуллодда, ба монанди борон ва барф дар ҳудуди де$^{3}$а$^{3}$ои номбурда зиёд ба назар мерасад.

**Ҷадвали №2**

| *Ҷамоат* | *Деҳа* | *Намуди ҷараёни таҳдидкунанда* | *Ҷамоат* | *Деҳа* | *Намуди ҷараёни таҳдидкунанда* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Дехоти Навобод* | *Пушкин* | *Сел* | *Дехоти Калинин* | *Узбекобод* | *Сел* |
| | *Комсомол* | *Сел* | | *Ҳазорчашма* | *Сел* |
| | *Кизил Намуна* | *Сел* | | | |
| *Дехоти Узун* | *Телмон* | *Сел* | *Дехоти Фрунзе* | *Яванобод* | *Сел* |
| | *Пахтаарал* | *Сел* | | *Янгитурмуш* | *Сел* |
| | *Пахтаобод* | *Сел* | | *Коминтерн* | *Сел* |
| | *Иттифоқ* | *Сел* | | | |
| *Шаҳраки С. Исоев* | *Нагорная* | *Сел* | | | |

Дар сурати ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Ҷ.Румӣ чунин пешбинӣ шудааст:

## Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ



Дар айни замон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 12 адад хадамоте мавҷуд аст, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд. Дар поён рӯйхати муассисаҳои мазкур бо нишон додани нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷоти онҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали №3**

| | | |
|---|---|---|
| *Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком»)* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 14 нафар<br>Маркази огоҳкунанда ва алоқа - 1 адад<br>Асбобҳои бонги баланд – 2 адад<br>Муҳаррик (генератор) – 1 адад<br>Симчӯбҳо- 5 адад.* | *Асбобҳой зидди гази 20 адад.* | *Ноқил -10,5 км.<br>Мошинаи боркашӣ -1адад.<br>Маводи сӯхт ва молиданӣ – 0,6 тонна.<br>Симчӯбҳо-20 адад.<br>Сӯзишвории дизелӣ – 200 л.<br>Равгани дизелӣ – 50л.<br>Муҳаррик (генератор) – 2 адад<br>Муҳаррики (ҳаводиҳанда) – 1 адад* |
| *Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 99 нафар<br>Афтомошина 3 адад* | | *Сӯзишвории дизелӣ – 200 л.<br>Равгани дизелӣ – 40л.<br>Лиқобҳои зиди гази<br>Хаима 2-адад* |
| *Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ-35 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ 3адад* | *Рудаи оташнишонии диаметраш 665177-адад -700 метр<br>Маҳлули кимиёвии кафкунанда650литр<br>Асбоби фишурдаи хаводиҳӣ АСБ- 6 адад<br>Либоси муҳорибавӣ 4 адад* | *Автомошини сӯхторхомӯшкунии намуди асосӣ –1 адад.<br>Либоси муҳорибавӣ 10 адад<br>Автомашинаи сабукрав 1 адад* |
| *Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 36 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 -1 адад<br>Автомашинаи ГАЗ-52 -1 адад<br>Автомашинаи ГАЗ-31 -1 адад<br>Автомашинаи ЗИЛ- 1 адад<br>Гредер 2адад* | *Кум ва намак 350 тонна<br>Асвалти пухта шуда 80 тонна* | *Автомашинаи худ фарор 1 адад<br>Мехлапат 1 адад* |
| *Хадамоти коммуналӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 35 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-53 -1 адад<br>Трактор Т-МТЗ -80 -1 адад<br>Автомашинаи ЗИЛ-1 адад<br>Бригадаи зудамал -8 нафар<br>Гурӯҳи наҷотдиҳандагон 7 нафар<br>Гурӯҳи омодабоши корҳои техникӣ -12 нафар* | *Кум ва намак 30 тонна* | *МСМ (ГСМ) – 1 тонна<br>Автомашинаи АСМ – 2 адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ – 1 адад<br>Трактори Т 28 - 1 адад<br>Трактори намуди МТЗ 80 - 1 адад* |

| | | |
|---|---|---|
| *Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ – 34 нафар<br>Автомашинаи сабукрав – 2 адад<br>Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад<br>Яхдон - 3 дона<br>Либосҳои махсус – 4 адад* | *Гипохлорид – 1 тон 200кг* | *Гиперхлорид – 100. кг.<br>Дез. камераи сайёҳр – 2 адад .<br>Дистиллятор – 2 адад<br>Либосҳои махсус – 10 ҷуфт<br>Лиқобҳои зиди гази 10 адад* |
| *Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва набототот* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 10 нафар<br>Сузандору 10гр 100адад<br>4гр 80 адад<br>100 хаз воя сухтани<br>120 хаз воя дахондард* | *Сузандору 10гр 100адад<br>4гр 80 адад<br>100 хаз воя сухтани<br>120 хаз воя дахондард* | *Сузандору 10гр 500адад<br>5гр 390 адад<br>1500 хаз воя сухтани<br>140 хаз воя дахондард* |
| *Хадамоти энергетикӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ – 65 нафар<br>Автомашинаи ГАЗ-52 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10кв - 1адад<br>Хати интиқоли барқ,<br>0,4 кВ – 299,1- 15 км<br>Миёнбанди эҳтиётӣ,кохтӣ-10 ҷуфт* | *Сӯзишворӣ – 200литр* | *Симчӯбҳо – 10 дона<br>Сӯзишворӣ – 300 литр<br>Равгани техникӣ – 1000 л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-5 адад<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 30 ҷуфт<br>Ноқили барқии А – 50 – 2 т<br>Трансформаторҳо -160кв -2адад<br>Трансформаторҳо-250кв - 2адад .<br>Ноқили АПВ-35-50-70 300м .<br>Фулузоти варақагӣ (Катенка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (Уголок) -63-63 10 кг<br>Электрод - 10 кг<br>Миёнбанди эҳтиётӣ,кохтӣ-10 ҷуфт* |
| *Хадамоти тиббӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 891 нафар<br>Мошини ёрии таъҷилӣ - 3 адад<br>Мошини хизмати 4 адад* | *Сузандору –аз ҷумла<br>2,0 гр -100 ад,5,0гр - 100 ад, 10,0гр- 100 ад, 20 гр - 100 ад,<br>Бинт 200 дона, пахта -200 дона, маҳлули спртӣ -50 фл.* | *Маводҳои зарурияти аввалияи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Муҳаррик (генератор) - 2 адад<br>Дефлиблирятор- 2адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-ро 6- 2 адад<br>Шинаҳои гарданбанд 10 –адад<br>Шинаҳои Крамер 10 –адад<br>Шинаҳои дитерих 10 –адад<br>Замбарак 5-адад* |
| *Хадамоти мухандиси* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 9нафар* | | *мошини хизмати* |
| *Хадамоти мухофизат аз селхо ва бурдани корхои сохил мустахкамкуни* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Кормандон 176 нафар<br>Мошини хизмати 1 адад<br>Булдозер 3 адад<br>Экскватор 4 адад* | *Мошини хизмати 1 адад* | *Мошини хизмати 1 адад<br>Кран 1 адад<br>Трайлер 1 адад<br>Спес формаи резини 10 адад* |
| *Хадамоти савдо ва озука* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |

| | | |
|---|---|---|
| *Кормандон 20 нафар* | *Чойи кок 100 пачка*<br>*Намак 100кг*<br>*Равган 100 литр* | *Мошини хизмати 1 адад*<br>*Замбарак 2-адад* |

Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта ва пешгири кучонидани аҳолӣ аз минтақаҳои хавфнок аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ маблағҳои лозима ҷудо карда мешавад.

**Мушкилиҳои асосӣ оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табиӣ дар ноҳия:**

– Набудани захираҳои моддӣ барои рафъи оқибатҳои фавқулодда;
– норасогии восситаҳои молиявӣ;
– ба талаботҳои муосир ҷавобгуй набудани низоми огоҳсозӣ /эътинои офатҳои табиӣ;
– набудани системаи муосири огоҳкунии пешакӣ;
– кам будани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазиртари ноҳия;
– суст будани низоми самаранокии фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ;
– набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки ноҳия.

## БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

### 6.1 Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия

Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад.

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси намояндагони халқ аз 40 нафар (8 нафар зан) иборат мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷрои онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои андоз ва боҷи маҳаллиро муайян, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 6 комиссияи дар зеромада ташкил шудаву фаъолият мебаранд:

- оид ба аграрӣ, озуқа, ислоҳоти замин, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ
- оид ба иқтисодиёту буҷет, савдо, нарх, хизматрасонӣ ва меҳнат

- оид ба қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо коррупсия ва зидди маводи нашъаовар
- оид ба одоби вакилон
- оид ба саноат, сохтмон, нақлиёту алоқа ва манзилию коммуналӣ
- оид ба тандурустӣ, маориф, таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи модару кӯдак, кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳат

Айни замон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 120 нафар, ки 13 нафарашон занҳо мебошанд, фаъолият мекунанд; Ба 01.12.2016 9 ҷои кории холӣ мавҷуд аст, аз ин 3 воҳиди корӣ дар шуъба ва бахшҳои дастгоҳи раис ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва 6 нафари дигар дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия рост меояд. Сабаби асосии норасоии кадрҳо маоши кам, нокифоя будани дастгирии моддиву маънавии мутахассисон, ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ набудани шароитҳои меҳнат ва ғайраҳо мебошад.

Дар дастгоҳи раиси ноҳия 17 нафар, ки 5 нафарашон зан аст, кор мекунанд. Дар дастгоҳ ҷои кори холӣ мавҷуд нест .

Ба ҳолати 31 декабри соли 2015 дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 92 адад (63,6 фоиз) компютер (Дастгоҳи раиси ноҳия 21, сохторҳои мақомот 28 ва дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 43, инчунин 60 (96,8 фоиз) принтер (Дастгоҳи раиси ноҳия 20, сохторҳои мақомот 14 ва дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 26 адад ва 3 нуқтаи васли шабака (почтаҳои электронӣ) ё ин ки 10,7 фоиз (Дастгоҳи раиси ноҳия 2 ва сохторҳои мақомот 1) мавҷуд мебошанд.

Зарурият барои дастрасии бештар ба технологияҳои муосири зарурӣ ва махсусан пайвастшавии компютерҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба шабакаи Интернет мавҷуд мебошад.

**7.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ**

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷ.Балхӣ барои солҳои 2016-2020» дар доираи мабалағҳои пешбинигардидаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;*
- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;*
- *Қарзҳои бонкӣ;*
- *Маблаги фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;*
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;*

❖ *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.*

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир барои рушди ноҳия тавассути буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад.

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқул, маҳсуб меёбад. Аз ин бар меояд, ки дар ноҳия ҷойҳои нави корӣ таъсис гардида, ҳаҷми пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд ва инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш меёбад. Таи солҳои 2010 – 2014 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна 59,9 %-и қисми хароҷоти буҷетро мепӯшонанд, ки дар ин робита барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад, ки дар панҷ соли охир ба ҳисоби миёна 32,5%-и маблағи умумии хароҷотро ташкил дод.

***Диаграммаи №1. Даромад ва хароҷоти буҷети ноҳияи Ҷ. Румӣ дар давоми солҳои 2010-2014 (млн.сомонӣ)***



Дар сохтори қисмати даромадии буҷети ноҳия андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва андози ягона дорои аҳамияти бештаранд.

**Диаграммаи 2. Таҳлили қисми даромади буҷети н. Ҷ. Румӣ аз рӯи солҳо (ҳаз. сомонӣ)**



| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 3076,6 | 3861,9 | 6157,5 | 8605 | 9645,7 |
| Андоз бо услуби соддакардашуда | 796,7 | 1099,4 | 1104,5 | 7249,5 | 4904,5 |
| Андоз истифодабарии каъри замин | 44,5 | 32,8 | 56,4 | 37,9 | 64 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 355,7 | 340,5 | 351,1 | 1028 | 535,5 |
| Бочи давлатӣ | 725,2 | 947,6 | 848,1 | 1305,2 | 1106,5 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои наклиёт | 888 | 933,2 | 1005,8 | 1502,2 | 1383,1 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 439,3 | 371,4 | 1267,5 | 1751,5 | 1094,1 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 1265 | 1722,2 | 3028,5 | 4696,6 | 3764,5 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 787,5 | 1097,0 | 1337 | | |
| Андози ягона | 2132,3 | 2901,7 | 3314 | | |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 858,8 | 924,8 | 972,1 | | |
| Андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ | 102,4 | 67,5 | 60,1 | | |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 779 | 815,1 | 837 | 2261,2 | 4132,9 |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 228 | 595,6 | 1010,9 | | |
| Андоз аз фоида | 350,6 | 291,7 | 695,9 | 1858,6 | 2944,8 |

Даромад дар соли 2015.

| | | |
|---|---|---|
| | Андоз аз даромад | 631740 |
| | Андоз аз фоида (ҳамагӣ) | 270412 |
| | Аз ҷумла андози ҳадди ақал | |
| | Андоз аз арзиши иловашуда | 337015 |
| | Андози иҷтимоӣ (ҳамагӣ) | 1626242 |
| | Аз ҷумла буҷетӣ | 841064 |
| | Ғайрибуҷетӣ (ҳамагӣ) | 785178 |
| | Аз ҷумла андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ аз ҳисоби патент | 78756 |
| | Андозҳо барои захираҳои табиӣ (ҳамагӣ ) | 6690 |
| | Андозҳо аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилӣ | 80642 |
| | Бочи давлатӣ | 128098 |

| | | |
|---|---|---|
| | Низоми махсуси андозбандӣ барои субъектхои сохибкорӣ | 596531 |
| | Аз чумла низоми сода, барои сохибкории хурд | 107858 |
| | Низоми сода, барои истехсолкунандагони махсулоти кишоварзӣ (ягона) | 328175 |
| | Низоми махсус барои субектхои бизнесӣ | 6220 |
| | Низоми андозбандии сохторхое инф, ки тибки патент фаъолият менамоянд | 154278 |
| | Андоз аз воситахои наклиёт (хамагӣ) | 150945 |
| | Аз он чумла хукукӣ | 2209 |
| | Вокеъӣ | 148736 |
| | Андоз аз молу мулки гайриманкул (хамагӣ) | 184721 |
| | Андози амволи гайриманкул | 111124 |
| | Аз он чумла хукукӣ | 38155 |
| | Вокеъӣ | 72969 |
| | Андози замин | 73597 |
| | Аз он чумла хукукӣ | 3603 |
| | Вокеъӣ | 69994 |
| | Пардохтхои дигар ба бучети махаллӣ (хамагӣ) | 44176 |
| | Аз он чумла андоз аз фуруши чакана | 331 |
| | Чамъи андозхо | 2430970 |
| | Чамъи андозхо бо назардошти ичтимоии гайрибучетӣ | 3216148 |
| | Хамагӣ | 4057212 |
| | Аз чумла андози даромад ва андози ичтимои аз хисоби патент | 233034 |

Аз таҳлили дар диаграмма овардашуда маълум мегардад, ки маблағ ба қисми даромади буҷет бештар аз ҳисоби андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андози ягона, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз амволи ғайриманқулбоҷи давлатӣ, андоз бо услуби соддакардашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фоида, андози замин аз шахсони воқеъӣ, андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ ворид гардидааст.

*Диаграммаи №3. Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи* **Ҷ. Румӣ** *дар соли 2014*




Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Дар соли 2014 ҳисссаи соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) дар буҷети маҳаллӣ 88,7 фоизро ташкил медиҳад, ки аз ин хароҷот барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳаг ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мутаносибан 67,3%, 18,3%, 2,3% ва 0,8-ро ташкил медиҳад.




Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Ҷ. Балхӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

***Диаграммаи №7. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014(ба ҳисоби фоиз)***




Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2014 беш аз 82,5 фисади хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмир равонкардашуда 8,3 фоизро

ташкил медиҳад ва барои сохтмони асосӣ маблағ пешбинӣ нашудааст, ки яке аз мушкилии асосӣ мебошад ва дар чунин ҳолат додан таъмини Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда аз имкон берун аст. Барои таъмини Барнома фазои сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

***Диаграммаи №8. Иҷрои қисми даромади буҷети ноҳияи Ҷ. Румӣ (ҳазор. сомонӣ)***




| | Ҷамъи даромадҳо | Маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳуриявӣ | Ҳисоббаробаркунӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ | Бақияи озод | Ҳамагӣ даромади буҷети маҳаллӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 13177 | 6721 | 728,4 | 350,9 | 20977,3 |
| 2011 | 16023,2 | 6728,1 | 1982 | 444,9 | 25178,2 |
| 2012 | 22112,5 | 8641,3 | 3710,2 | 34,5 | 34498,5 |
| 2013 | 30319 | 15802,6 | 3434,6 | 945,5 | 50501,7 |
| 2014 | 29576,7 | 22481,1 | 9 | 2470 | 54536,8 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷудогардида аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таи солҳои 2010-2014 беш 70238,3 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин 60374,1 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок ва 9864,2 ҳазор сомонӣ ҳисоббаробаркуниҳо мебошад. Ҳамзамон, дар ин давра ҳаҷми бақияи озод 4245,8 ҳазор сомониро ташкил дод. Соли 2014 дар қиёс ба соли 2010 ҷамъи даромадҳо ба 2,2 маротиба, маблағҳои мақсаднок ба 3,3 маротиба, бақияи озод 7,0 маротиба ва ҳамагӣ даромадҳо - 2,6 маротиба афзоиш ёфтааст.

*Яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016-2020 ин зиёд намудани қисмати даромади буҷаи маҳаллӣ мебошад. Ҷалб намудани воситаҳои иловагии даромад ба буҷути маҳал, тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ бо истифода аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон метавонад вобастагии буҷети нохияро аз маблағҳои субвенсионӣ кам гардонад.*

## БОБИ 8.
## НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷ. Балхӣ низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили

натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии шаҳр). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия (БРН) мудири бахши иқтисод ва савдо шахси масъул таъйин карда мешавад.

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

– ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
– дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

*Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб»; «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».*

***Ҷадвали №1 Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ҷ. Румӣ***

| *Ҷойгоҳи лоиҳа (рақам аз 1 то 5)* | *Иҷрои лоиҳа нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз<br>б-кабуд<br>в-сурх<br>г-хокистарранг* |
|---|---|
| *1. Таҳия нашудааст<br>2. Мавриди таҳия қарор дорад<br>3. Таҳия шудааст<br>4. Мавриди амал қарор дорад<br>5. Амалӣ шудааст* | *(а) Ба нақша мувофиқ аст ё тамоюли назаррас надорад<br>(б) Тамоюли назаррас ба нақша<br>(в) Тамоюли қатъӣ ба нақша<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст.* |

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.